# КАЛИМА ВА МАЪНОИ ОН



**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛЙ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД БА НОМИ АЛИШЕР НАВОЙ**

# *КАЛИМА ВА МАЪНОИ ОН*

(НИШОНДОДИ УСЛУБӢ ОИД БА ЛЕКСИКОЛОГИЯ
БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯ)

*Бо қарори шӯрои таълимӣ-услубии
Донишгоҳи давлатии Самарқанд
ба нашр тавсия шудааст*

Самарқанд - 2009

КАЛИМА ВА МАЪНОИ ОН. *Нишондоди услубӣ оид ба лексикология барои донишҷӯёни факултети филология.* - Самарқанд: Нашри донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ, 2009.-150 С.

*Нишондоди услубии мазкур шарҳи калимаҳои алоҳидаи осори адабиёти бадеиро дар бар гирифта, барои қисман қонеъ намудани талаботи талабагони мактабҳои умумтаълим, донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва дӯстдорони каломи бадеъ пешбинӣ шудааст. Нишондоди услубӣ ҳеч вақт даъвои пуррагӣ ва мукаммалиро надошта, он барои дуруст навиштан, дуруст хондан, дуруст фаҳмидани матн ҳамчун дастуруламал хизмат хоҳад кард.*

Мураттиб **ВОҲИДОВ АМОН**

Муҳаррирони масъул: **М.Истамова, М.Давронова**

Муқарризон: **А. Юлдошев, Ҳ. Бердиқулов**

© *Донишгоҳи давлатии Самарқанд, соли 2009*

## ДАСТУРИ ЗАРУРӢ

Забон аз ҳодисаҳои зинда ва ҳаракатпазир аст. Системаи он, хусусан таркиби луғавии вай, ҳамеша дар ҷунбиш, тағйир ва пешравист. Ин аст, ки бархе аз калимаҳои ҳар як забони миллӣ тадриҷан кӯҳна ва номашҳур мегарданд, иддаи дигари онҳо оҳиста-оҳиста маънои нав ё тобиши тозаи маъноӣ касб менамоянд. Пайдоиши калимаҳои нав дар забоне таҳти таъсири забони дигар низ аз рӯйдодҳои маъмул ба шумор меравад. Ин ҳам мусаллам аст, ки камистеъмол ва нофаъол гаштани қисме аз калимаҳо дар бисёр мавридҳо хусусияти нисбӣ ва муваққатӣ дорад, чаро ки онҳо баъди чанд муддат бо тақозои ифодаи маънои нозук ва ё услуби баён метавонанд дигарбора ба рӯи кор омада, кам-кам фаъол ва серистеъмол гарданд. Ин ҳама дигаргунӣ бештар аз ҳама ва равшантар аз ҳама дар адабиёти бадей ба зуҳур меояд, зеро услуби бадей бинобар инъикоси паҳлуҳои мухталифи зиндагӣ имкон дорад, ки аз ҳама қабатҳои захираи луғавӣ, чи нав ва чи кӯҳна фаровон ва бе ҳеҷ мамоният истифода барад.

Забони адабии тоҷикӣ (форсӣ), чунон ки медонем таърихи шӯҳратманди зиёдтар аз ҳазорсола дорад. Дар ин муддати тӯлонӣ бешак аз рӯи он қонунҳои инкишоф, ки зикрашон дар боло рафт садҳо калимаҳо ҷараёни радду қабулро паси сар намуда, дар системаи луғавӣ манзараи аҷиберо ба ҷилва оварданд. Ин аст, ки огоҳӣ аз ин дигаргуниҳо, сар фурӯ овардан ба олами маънои аслӣ, маҷозӣ ва услубии ҳазорон воҳидҳои луғавӣ ва фразеологӣ, ки дар адабиёти ғанӣ ва пурбарокоти мо дар арзи бештар аз даҳ аср ба кор рафтанд, на ба ҳар шахси босавод муяссар ва имконпазир хоҳад шуд. Забондонони алоҳида барои рафъи ин эҳтиёҷи хонандагони китобҳои қадим кори сангинеро чун мураттаб сохтани луғат ба зима гирифта бо ин амри хайр чӣ барои ҳифзи умри бардавоми захираи луғавии забони модарии мо ва чӣ барои омӯзиши муттасили онҳо аз ҷониби ҳаводорони ин соҳа хизмати бисёр бузурги фарҳангӣ ва таърихиро ба харҷ додаанд.

Бо ифтихори зиёд метавон гуфт, ки дастовардҳои мо, тоҷикон дар ин боб, яъне тадвини фарҳангҳо ниҳоят бузург ва ибратомӯз аст. Таълифи луғатҳо дар мо ғолибан дар ҳама марҳилаҳои инкишофи забон ва адабиётамон арзи андом намуда ба ривоҷу

такмили онҳо мусоидат карданд. Дар луғатҳои шоеъ ва маъруфе аз қабили «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инчу, «Баҳори Аҷам»-и Рой Текчанди Баҳор, «Фарҳангнома»-и Ҳусайни Вафой, «Фарҳанги Рашидӣ»-и Абдуррашиди Таттавӣ, «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон, «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддин, «Фарҳанги Онандроҷ»-и Муҳаммади Подшоҳ, «Фарҳанги Нафисӣ»-и Алиакбари Нафисӣ, «Луғатнома»-и Деҳхудо, ва амсоли инҳо инкишоф ва таҳаввулоти таърихии забон, равнақи ҳазорсолаи тамаддун ва фарҳанги халқамон ба беҳтарин тарзе инъикос шудааст.

Гарчи баъзе фарҳангҳои қадима ба хати кириллӣ нашр шуда бошанд ҳам, аммо дастраси хонандагони умум нестанд.

Муваффақияти бағоят азими луғатсозии тоҷик нашри «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маҳсуб мешавад, ки он соли 1969 дар ду ҷилд чоп шуд. Ин луғат ҳам аз ҷиҳати фаро гирифтани адади воҳидҳои тафсирӣ (дар он тақрибан 45000 калима ва ибора мавриди тавзеҳ қарор дорад) ва ҳам аз лиҳози усули тафсир собиқа надорад. Аз нашри ин луғат ҳам аллакай анқариб 40 сол гузаштаву ёфтани он аз мағозаҳои китоб номумкин гаштааст. Ба ин маънӣ алоқамандони осори классикӣ, ба хусус талабагони мактаб алҳол ба китобҳои луғат эҳтиёҷи зиёд дорад. Донишманди забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи А.Навой А́.Воҳидов чунин ниёз ва заруратро ба назар гирифта дастури услубие бо номи «Калима ва маънои он» тартиб дод, ки ҳоло дар дасти шумо, хонандагони киромӣ. Умед аст, ки ин асар бо вуҷуди мухтасарӣ барои сарфаҳм рафтан ба маънои калимаю ибораҳое, ки мувофиқи барнома дар мактабҳои мо омӯхта мешаванд, ёрии калон хоҳанд расонд. ҳамчунин дигар ҳаводорони адабиёти классикӣ ва забони тоҷикӣ низ метавонанд ба қадри лозимӣ аз он файзёб гарданд.

**Доктори фанҳои филологӣ,**
**проф. С.Саъдиев**

## Ба ҷои муқаддима

Пайдоиш ва инкишофу тавсиаи фарҳангнигории тоҷику форс ба вуҳури забону адабиёти тоҷик дар асрҳои IX-X вобаста аст.

Ба мақсади тафсири калимаҳои камистеъмолу душворфаҳм, инчунин барои шарҳу эъзоҳи калимаҳои маҳаллӣ ва вомӣ (аз забонҳои паҳлавӣ, суғдӣ ва ғ.), аз асрҳои IX-X сар карда якчанд фарҳангҳои тафсирӣ ба майдон омадааст Мувофиқи феҳристи олими номии Эрон - Саид Нафисӣ ба забони тоҷикӣ-форсӣ зиёда аз 200 номгӯй фарҳанги тафсирии гуногунҳаҷм мураттаб шудаанд, ки бештаринашон то давраи мо омада расидаанд. Микдори асарҳои лексикографие, ки дар асрҳои X-XV навишта шудаанд, он қадар зиёда нестанд. Фарҳанги машҳури дар ин давра навишташуда «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ (нимаи дуюми асри XI) мебошад, ки дар он қабатҳои гуногуни калимаҳои забони тоҷикӣ, ки дар осори шоирони асрҳои X-XI истеъмол шуданду хонандагони ҳамонвақта он қадар намефаҳмиданд, шарҳу эзоҳ шудаанд.

Дар асрҳои XVI-XIX фарҳангнигории тоҷику форс нисбат ба асрҳои пешина ба қуллаи баланди инкишофи худ мерасад ва давраи пурмаҳсултарин ба ҳисоб меравад. Дар давраи ҳукмронии Темуриён, ки дар Ҳиндустон салтанат доштаанд, илму маданият ба забони форсӣ-тоҷикӣ ба дараҷае пеш меравад, ки имрӯз ифтихори Ҳиндустон ва тамоми форсизабонҳо гардидааст. Омӯхтани забони форсӣ-тоҷикӣ дар ин давра ҳукми заруратро гирифта буд, чунки ҳамаи корҳои давлатӣ, идоравӣ ва умуман навиштаҷот ба ин забон анҷом меёфт.

«Сабаби дар асрҳои XV-XVII ва баъдина,-менависад луғатшиноси шинохтаи тоҷик Капранов В.А- дар Ҳиндустон ингуна инкишофи бузург ёфтани луғатнависӣ дар ин сарзамин дар ин давра хеле зиёд инкишоф ёфтани назму насри забони форсӣ мебошад. Ба ин муносибат масъалаи омӯхтани забони форсӣ, луғатҳои қадими тоҷик ва ҳамчунин шарҳ ва тафсири калимаҳое, ки муаллифони тоҷикзабони ҳиндӣ кор мефармуданд, ҳукми заруратро гирифта буд».

Олими шинохтани Эрон - Шаҳриёри Нақавӣ дар асари худ «Фарҳангнависии форсӣ дар Ҳинду Покистон» (Теҳрон, 1341) феҳристи фарҳангҳоеро меорад, ки дар Ҳинду Покистон таъриф ёфтаанд ва микдори онҳо 142 адад аст.

Луғатҳои қадимаи тоҷикӣ-форсиро аз ҷиҳати дарбаргирии лексикаи забон ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: луғатномаҳое, ки характери таърихӣ доранд, яъне дар онҳо асосан калимаҳои душворфаҳм, архаизмҳо гирд оварда шуда шарҳ ёфтаанд. Ба ин гурӯҳ «Луғати фурс», «Меъёри Ҷамолӣ» «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» -и Ҳафизи Убаҳӣ ва чанде дигар мисол шуда метавонад.

Дигаре луғатҳоеанд, ки характери нормативӣ доранд. Дар ин гунна фарҳангҳо калима ва ибораҳои нисбатан маъмули дар адабиёти бадей истеъмолшуда маънидод карда мешаванд. Ба ин гурӯҳ «Баҳори Аҷам», «Сироҷ-ул-луғот», «Ҳафт қулзум», «Ғиёс-ул-луғот» ва амсоли онҳоро дохил кардан мумкин аст.

Аз ҷиҳати дабаргирии лексикаи забон фарҳангҳои пешина низ аз ҳамдигар фарқияти муайян доранд. Дар як қатор фарҳангҳо бештар калимаҳои аслан тоҷикӣ («Луғати фурс», «Сиҳоҳ-ул фурс», «Донишномаи қадархон», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва ғ.) гирд оварда шуда бошанд, дар баъзеи онҳо калима ва ибораҳои арабӣ аз ҷиҳати микдор ва аҳамият ба ҷои аввал баромадаанд, ки ба ин фарҳангҳои «Мадор-ул-афозил», «Муайад-ул-фузало», «Ғиёс-ул-луғот»-ро дохил кардан мумкин аст.

Ба майдон омадани «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ (Душанбе, 1976), «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (дар ду ҷилд, Москва, 1969), «Фарҳанги осори Ҷомӣ» (Душанбе, 1988), «Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ» (Душанбе, 1990) як навъ ҷамъбасти фарҳангномаҳои пешина дар солҳои охир мебошанд.

Ба майдон омадани «Фарҳанги забони тоҷикӣ» як муваффақияти бузурги филологияи тоҷик аст. Ин фарҳанг дар асоси маводи адабиёти бадей, таърихӣ ва умуман навиштаҷот тартиб дода шуда, дар он таъйиди мисол барои зикри маънои калимаю ибораҳо дар ҷои аввал меистад. Ин фарҳанг як навъ ҷамъбасти фарҳангномаҳои қадимаи тоҷику форс аст, ки он қисми муҳими лексикаи адабиёти классикии моро фаро мегирад. Бо вуҷуди ин ҳама имрӯз барои хонандагони мактабҳои миёнаю донишҷӯёни соҳаи забону адабиёт ягон фарҳанги нисбатан мукамали тафсирӣ, ки асосан калимаҳои душворфаҳми адабиёти классикии тоҷикро бидуни зикри мисолҳо шарҳу эзоҳ медода бошад, нашр нашудааст. Ва ҳол он ки дар гузашта ингуна фарҳангҳо ба мисли «Бурҳони қотеъ» ва «Ғиёс-ул-луғот» хеле зиёд буданд.

Ҳамин эҳтиёҷоти хонандагони мактабӣ ва донишҷӯёну фарҳангдӯстони Ҷумҳурияти Ӯзбекистонро ба назар гирифта ин дастури услубиро таҳия намудем. Дастури мазкур дар асоси «Фарҳанги забони тоҷикӣ», «Луғати мухтасари осори адабӣ» (тартибдиҳанда: дотс. С.Ҳалимов, Самарқанд, 1998) ва Куллиёти Айнӣ (ҷ.12 Душанбе, 1976), «Калима ва ибораҳои нав» (Тарбидиҳандагон: Ғ.Ҷӯраев, С.Фатҳуллоев, Душанбе-2003) таҳия ёфта ва шарҳи баъзе калимаҳо аз асарҳои дигар низ илова шудаанд. Барои он ки ҳаҷми дастур калон нашавад, мураттиб аз додани ибораҳои озод ва фразеологӣ сарфи назар намуда, маънои асосӣ ва умдаи калимаҳоро интихобан зикр менамояд, ки онҳо дар адабиёти бадей бештар маъмуланд.

Мо умед дорем, ки нишондоди мазкур ҳамчун дастури услубӣ барои дуруст навиштан, дуруст хондан ва дуруст фаҳмидани матни адабиёти классикӣ ва забони адабии имрӯзаи тоҷик кӯмак хоҳад расонд.

**Номзоди фанҳои филологӣ,**
**проф. Амон Воҳидов**

## А

| | |
|---|---|
| А | ҳарфи якуми алифбои забони тоҷикӣ |
| АБ | падар |
| АБАВАЙН | падару модар |
| АБАД | 1.ҷовидонӣ, ҷовидон будан; 2.доимӣ |
| АБАДАН | ҳамеша, доимо |
| АБАДӢ | ҷовидонӣ, доимӣ |
| АБАДУДАҲР | ҳамеша, абадӣ, то дунё ҳаст |
| АБАДУЛАБАД | ҳамеша, умрбод |
| АБАР | шакли қадимаи пешоянди бар; болои... бар сари... |
| АБАРҚУДРАТ | қудратманд, тавоно, бузург |
| АБАС I | 1.бефоида, беҳуда; кори беҳуда; 2.бесабаб; 3.маҷ. ранҷ, маломат, кулфат; 4.иллат; айб |
| АБАС II | туршрӯй, бадқавоқӣ |
| АББОС | 1.туршруй; 2.шери дарранда. |
| АББОСИЯ | номи силсилаи халифаҳои аббосӣ, ки баъд аз хилофати Банӣ Умайя аз соли 132 то 656-и ҳиҷрӣ (750-1258-и мелодӣ) ҳукмронӣ кардаанд. |
| АБВОБ | падар; ҷад |
| АБГОР | реш, хаста |
| АБЕ | шакли қадимаи пешоянд ва пашванди бе |
| АБЕДОНИШ | бедониш; нодон |
| АБЕША | ҷосус; хабаркаш |
| АБЁТ | ҷ. байт; ҳар ду мисраи ба ҳам пайвасти шеър |
| АБИР | навъе аз хушбӯиҳои хушк |
| АБКАМ | безабон, лол, гунг |
| АБКОР | 1.ҷ. бикр; дӯшиза; 2.маҷ; чизи нав ва тоза |
| АБЛАҒ | балеғтар, беҳтар, расотар |
| АБЛАҚ | 1.ҳар чизи дуранга; ало; 2.маҷ.асп; 3.рӯзгор, дунё |
| АБЛАҚӢ | сиёҳию сафедӣ; дурангӣ |
| АБЛАҲ | 1.аҳмак, нодон, бетамиз, беақл, соддалавҳ |
| АБНИЯ | ҷ.бино; биноҳо. |
| АБНО | ҷ. ибн; писарон; абнои дувал ҳукмдорон, ҳокимон; абнои гетӣ фарзандони ҷаҳон. |
| АБО I | шакли қадимаи пешоянди бо |
| АБО II | ош, таом, хӯрок |
| АБО III | навъе аз либоси болопӯши васеъ, ки арабҳо мепӯшиданд |
| АБРА | тарафи либосҳои дуқабата дӯхташуда; муқобили остар |
| АБРАТ | оби чашм, ашк, сиришк |
| АБРАШ | 1.рангоранг, ҳарранга; 2.аспи ало |
| АБРЕШИМ | торҳои борик ва дурахшон, ки аз пиллаи кирми абрешим ҳосил мекунанд |
| АБРОР | одами некӯкор, солеҳон, |
| АБРӮ | хатти камоншакли мӯйҳо, ки дар таги пешона ва болои чашм аст; қош |

АБРЎКАМОН хамидаабрў, касе, ки абрўи камоншакл дорад; мач. маҳбуба; хушрўй

АБТАР 1.думбурида, кўтоҳдум; 2.мач. ноқис, бефоида; 3.пароканда, 4.вайрон

АБУ 1.падар; 2.калимае, ки дар арабй бар сари лақабҳо меояд

АБҲАР I 1.равшантар; 2.мач. чашм

АБҲАР II ёсуман, наргис;

АБҲАР III номи маҳаллае дар наздикии Исфаҳон

АБЧАД номи ҳашт калимаи арабй, ки дар онҳо ҳамаи 28 ҳарфи алифбои арабй ба тартиби ададй дохил шудааст:

| Абчад | ҳав (в)аз | ҳут(т)тй | Каламан |
|---|---|---|---|
| А-1 | ҳ-5 | ҳ-8 | К-20 |
| Б-2 | В-6 | Т-9 | Л-30 |
| Ч-3 | З-7 | Й-10 | М-40 |
| Д-4 | | | Н-50 |
| Саъфас | қарашат | Сахиз | Зазиғ |
| С-60 | қ-100 | С-500 | З-800 |
| Ъ-70 | Р-200 | Х-600 | З-900 |
| Ф-80 | Ш-300 | З-700 | ғ-1000 |
| С-90 | Т-400 | | |

АВБОРИДАН нахоида хўрдан, нахоида фурў бурдан

АВБОШ бадкирдор, безорй, шўрапушт

АВВАЛ 1.оғоз, саршавй; 2.пеш аз ҳама

АВДАТ бозгашт

АВДИЯ ч. водй

АВЕСТО номи китоби муқаддаси зардуштй

АВЗАҲ возеҳтар, ошкортар, равшантар

АВЗОН 1.ч. вазн. сангинй, гаронй, вазининй; 2.санги тарозу

АВҚОТ 1. ч.вақт; вақтҳои хўрок; 2. мач. таом, хўрок

АВЛАВИЯТ бартарй; афзалй

АВЛИЁ 1.ч. валй; 2.бузургон, мансабдорон; 3.мардумони муқаддас ва порсо.

АВЛО беҳ, беҳтар, хубтар, болотар

АВЛОД ч. валад; фарзандони касе, наслҳои ояндаи касе

АВН ёрй, мададгорй

АВОМ омма

АВОМИР ч. амр; фармонҳо; ҳукмҳо

АВОМУННОС гурўҳи одамҳо; мардуми зиёд

АВОН 1 ҳангом, замон, вақт

АВОН II 1.сарҳанги девони подшоҳй, посбони давлатй; кадбону

АВОРИЗ ч.ориза. нуқсонҳо, камбудиҳо.

АВОТИФ ч. отифа. меҳрубонй, шавқат; эҳсосот.

АВОХИР ч. охир

АВРАНГ 1.тахти подшоҳӣ, сарир; 2.маҷ. ақлу дониш; 3.ҷоҳу ҷалол
АВРАНД 1.шукӯҳ; 2.макру ҳила
АВРАНДИДАН макру ҳила намудан
АВРОҚ 1.ҷ. варақ; 2.маҷ.китоб, асар
АВСАТ миён, миёна
АВСОФ 1.ҷ. васф; 2.хислатҳо, сифатҳо
АВҶ 1.баландӣ; 2.маҷ.осмон
АГАР пайвандак; калимаи шартӣ
АҒЁР ҷ. ғайр
АҒЛАБ бисёртар, бештар
АҒНИЁ ҷ.ғанӣ, бойҳо давлатмандҳо
АДАБ 1.хулқи нек ва писандида, рафтору кирдори хуш; 2.илм, дониш, таълим
АДАБИЁТ 1.донишҳои оид ба илми адаб; 2.асарҳои адабӣ
АДАБИСТОН таълимгоҳ, ҷое, ки илму адаб меомӯзанд
АДАБПЕША боадаб; донишманд, фозил
АДАБСАНҶ киноя аз донишманд
АДАБЧӮБ чӯбдасти домуллои мактаби кӯҳна барои задани бачагони мактабхон
АДАМ 1.нестӣ, нобудӣ, муқобили вуҷуд
АДАН номи ҷое ва шаҳре дар соҳили ҷанубии Яман; 2.дурри холис; 3.маҷ.дандон; 4.ашк, сиришк
АДВОР ҷ.давр, даврахо, марҳилаҳо
АДЁН ҷ. дин, динҳо.
АДИБ 1.устод, тарбиятгар; 2.нависанда адабиётшинос
АДИЛ ҳамто, баробар, монанд
АДИМ I 1.пӯсти дабогатшудаи чарм; 2. маҷ.фарш, рӯй
АДИМ II 1.нестшуда, фаношуда, маҳвшуда; 2.маҷ.ниёзманд, дарвеш
АДИМУЛҚАД беқадр, беэътибор
АДИМУЛМИСЛ бемисл, беназир
АДЛ адолат, ҳамаро баробар шумурдан, инсоф
АДЛГУСТАР одил
АДН 1.боғҳои биҳишт, ҷаннат, фирдавс; 2.доим будан, муқимӣ
АДНО пасттар, поёнтар, забунтар
АДО 1.ба итмом расондан, анҷом; 2.кору кирдор, рафтор;
АДОВАТ душманӣ, бадхоҳӣ мухолифат
АДОЛАТ додрасӣ, накӯкорӣ
АДОТ олату воситаи ҳосил кардани чизе, маҷ.восита; калимаҳои ғайримустақил; мисли ки, бо, ба
АДОФАҲМ нуктадон, зирак
АДУН акнун, ҳоло, ин дам
АДӮ душман, бадхоҳ, хасм
АДҲАМ 1.тира, сиёҳ, аспи сиёҳ, 2.киноя аз шаб
АЁ калимаи нидо

АЁҒ/АЁҚ пиёла, паймона, ҷоми шаробхӯрӣ.
АЁДАТ беморбинӣ, беморпурсӣ
АЁН ошкор, возеҳ, равшан
АЁР I моҳи шашуми римӣ, ки ба моҳи май баробар меояд
АЁР II маҳак, иёр.
АЖДАҲО 1. мори калони афсонавӣ, 2.маҷ. зӯр, тавоно, 3.маҷ. Рахш, аспи Рустам; 4.алам; байрақ; 5.шамшер, теғ;
АЗ пешоянд, ки маъноҳои грамматикии зиёдеро ифода мекунад. 1.маҳалли саршавии амалро ифода мекунад; 2. аз чизе сохта шудани чизеро ифода мекунад. 3. ба восита ё сабаби амали ҳаракати чизеро далолат мекунад. 4.нисбат ба чизе, амале, ё ҳолатеро ифода мекунад. 5. аз ҷиҳати... аз нуқтаи назари.. аз рӯи... мувофиқи... ва ғайра.
АЗАЛ ҳамешагӣ, он чи аввал ва ибтидо надошта бошад, муқобили абад
АЗБ форам, гуворо, хуштаъм
АЗБГӮЙ ширинсуханӣ
АЗЕРО зеро, аз ин сабаб, аз ин ҷиҳат
АЗИЗ 1.гаронбаҳо, арҷманд, 2.баландмартаба, 3.камёб, нодир
АЗИМ бисёр, бузург
АЗИМАТ I қасд, ирода, ният, сафар
АЗИМАТ II азоимхонӣ, афсунхонӣ, ҷоду, макру фиреб
АЗИМУЛМАРТАБА баландмартаба
АЗИМУЛФИКРАТ соҳиби фикри баланд, оқилу доно
АЗИЯТ ранҷ, озор
АЗЛ аз кор дур кардан, хориҷ кардан, бекор кардан
АЗМ қасд, ирода, майл
АЗО ранҷ, азият, озор, мусибат, мотам
АЗОБ машаққат, шиканҷа, озор, дард, алам
АЗРАҚ ранги кабуд, осмониранг, нилгун
АЗРАҚПӮШ 1.кабудпӯш, 2.маҷ.сӯфӣ, сӯфии фиребгар
АЗРАҚФОМ кабудранг, осмониранг
АЗРО 1.духтар, дӯшиза. 2.номи машуқаи Вомиқ дар достони «Вомиқу Азро»
АЗРОИЛ номи фариштаи марг
АЗҲОН ҷ. зеҳн.
АЗҲАР дурахшон, тобон, равшан, ошкор
АЙБ норасой, нуқсон, хато, камбудӣ; таъна, маломат; халта, саноч, ки аз чарм дӯхта мешавад; ҷомадон
АЙВОН 1.нишастгоҳест, ки сақфнок ва се тарафаш девор дорад, вале як тарафаш кушодагӣ аст; 2.қаср, қоҳ
АЙҒОҚ/АЙҚОҚ беодоб, шӯрапушт, авбош
АЙЁМ ҷ. явм. рӯзҳо, умуман вақт
АЙЁР 1.одами ҷусту чолок. 2.ҳилагар, маккор, 3.дузд
АЙЁШ айшкунанда, айшпараст
АЙН 1.чашм, дида, 2.чашма
АЙШ 1.хушӣ, хуррамӣ. 2.зиндагонӣ, хаёт

АЙЮҚ номи ситораест, ки дар тарафи рости каҳкашон воқеъ аст
АЙЮҲАННОС эй мардум!
АКБАР бузургтар, калонтар, кабиртар
АККРЕДИТАТСИЯ ваколатро тасдиқ кардан, намоянда тайин кардан
АКМАЛ комилтар, пурратар
АКМАҲ нобино, кӯр
АКНОФ атрофу акноф ҷонибу сӯй, гирду атроф
АКОБИР ҷ. акбар; аъён ашроф, бузургон; давлатмандон
АКРАМ кироматар, бахшандатар
АКС 1.сурат, шакл, 2.партав, шиоъ. 3.зид, мухолиф
АКСАР бештар, бисёртар, миқдори зиёд
АКСАФ косифтар, ифлостар
АКҲАЛ сурмачашм, одами сурмакашида
АҚИҚ санги қимматбаҳо. киноя аз лаб; шароби сурх
АҚИМ нозой, он ки аз насл мондааст, маҷ. бесамар, бемаҳсул
АҚЛ хирад, қобилияти фикр
АҚРАБ каждум
АҚСО канорҳо, гӯшаю канорҳо
АЛАВӢ авлоди Алӣ; пайрав ва тарафдори Алӣ
АЛАДДАВОМ доимо, бардавом, ҳамеша, пайваста
АЛАЙКАССАЛОМ салом ба ту, дуруд ба ту
АЛАЙКУМ 1.бар шумо, ба шумо. 2.ҷавоби салом
АЛАЙҲИ зидди... муқобили... бар зидди... бар зидди ӯ
АЛАМ I дард, озор, нохушӣ
АЛАМ II 1.байрақ, ливо, дурафш. 2.маҷ. машҳур, 3.шӯҳратёфта; алами кофурӣ барфи сафед; ишора ба дами пирӣ
АЛАМБАР байрақдор
АЛАН 1. ошкор шудан; 2.ошкоро, рӯирост
АЛАССАБОҲ бомдодон, саҳаргоҳон, субҳгоҳон
АЛБОБ ҷ. луб (б). мағз; қисми холис ва беҳтарини ҳар чиз
АЛВОН 1.ҷ. лавн. 2.ранг ба ранг, ҳарранга
АЛВОНҶ арғунчак; ҷои хоби овеза аст, ки дар он ҷо бачагонро хобонида меҷунбонанд; ҷунбиш: ҷунбиши киштӣ; ресмонро ба дарахт баста алвонҷ хӯрдан
АЛИЛ бемор, касал. нотавон
АЛИМ I дарднок, аламнок
АЛИМ II олим, доно
АЛИФ 1 номи ҳарфи якуми алифбои арабии тоҷикӣ, ки дар ҳисоби абҷад ба 1 баробар аст; алифи истиво экватор
АЛИФ II анис, дӯст, ҳамдам
АЛКАН забонгирифта, сактазабон
АЛЛОМА донандаи илмҳо, донишманд

| | |
|---|---|
| АЛМОС | 1.санги қимматбаҳои шишаранги бағоят сахт, ки бо вай шишаро мебуранд., 2.маҷ. теғ, шамшер; 3.дандон; 4.оби дида, сиришк |
| АЛО 1 | калимаи нидо эй! ҳой! (изҳори хурсандӣ) |
| АЛО II | пешоянди арабӣ ба, бар, ба таври, бо, барои...; боло, баланд |
| АЛОЗОЛИК | бинобар ин, ба ҳамин тариқ |
| АЛОИҚ | ҷ. алоқа |
| АЛОЛО | бонг, ғавго, ғулғула |
| АЛОҚА | муносибат, робита, вобастагӣ |
| АЛТОФ | ҷ.лутф, меҳрубонӣ |
| АЛФ//АЛФА | ҳазор |
| АЛФАХТАН/АЛФАХДАН | андӯхтан, ҷамъ кардан |
| АЛФОЗ | ҷ.лафз. забонҳо |
| АЛҲАҚ | ҳақиқатан, дарҳақиқат |
| АЛҲОЛ | акнун, ҳозир, дар айни ҳол. |
| АЛЧАХТ/АЛҶАХТ | чашмдошт; умед; тамаъ |
| АЛЪОН | ҳоло, ҳамин лаҳза, ҳозир |
| АМ(М) | амак, бародари падар |
| АМАЛ I | орзу, умед |
| АМАЛ II | 1.фаъолият, кору кирдор. 2.касбу кор, 3.вазифа ва хизмати маъмурӣ, мансаб, 4.маҷ. таъсир, асар; 5.ноҳия, вилоят, музофот |
| АМАЛА | 1.муздур, коргари рӯзмузд; 2.маҷ. таъсир, асар |
| АМАЛДОР | мансабдор, вазифадор; маъмур |
| АМВОҶ | ҷ. мавҷ |
| АМД | қасд, оҳанг, хоҳиш |
| АМДАН | қасдан, барқасд |
| АМИҚ | чуқур, жарф |
| АМИН | 1.амонатнигоҳдор. 2.боэътимод, бовафо; 3.як мансаби замони амирӣ |
| АМИР | шоҳ, ҳоким, ҳукмраво |
| АМИРУШШУАРО | сардори шоирон |
| АММА | хоҳари падар |
| АММО | пайвандак; лек, вале, лекин |
| АММОР | бисёр амрдиҳанда |
| АМН | оромӣ, осоиш, амният |
| АМОН | 1.фароғат осоиш.2. маҷ. паноҳ, наҷот |
| АМОНАТ | ҳар он чи ки барои нигаҳдорӣ мегузоранд ё месупоранд; вафо ба аҳд |
| АМОНАТКАССА | сандуқи амонатнигоҳдории ҳукуматӣ, ки мардум пул ва чизҳои пурқимматашонро дар он ҷо ба амонат мегузоранд ва дар вақти даркорӣ боз пас мегиранд, банк |
| АМОРӢ | маҳмил, каҷова, тахти равон |
| АМР | 1.фармон, ҳукм, супориш, 2.кор, амал |
| АМРОЗ | ҷ. мараз; касалиҳо, бемориҳо |

АМУ амак
АМУД 1.сутун. 2.гурз
АНБАР 1.моддаи хокистариранги хушбӯ. 2.маҷ. зулф
АНБАРАФШОН афшонандаи хушбӯиҳо, анбарбез
АНБОЗ рафиқ, шерик, ҳамдам, ҳамроз
АНБОН халтаи чармии сафарӣ, озуқахалта
АНБОР хонаест, ки дар он ғалла, мато ва дигар чизҳоро ҷамъ кунанд
АНБОШТАН пур кардан, анбор кардан, ғун кардан
АНБӮҲ 1.бисёр, бешумор. 2.издиҳом, ҷамъомад
АНВАР равшантар, мунаввар, пурнур,
АНВОР ҷ. нур
АНВОЪ ҷ. навъ
АНГАЛ муфтхӯр, туфайлӣ
АНГЕХТАН шӯронидан; ба қаҳр оварда ҷанг андохтан
АНГОР ҳиссачаи модалӣ: гӯё, аз афташ
АНГОРА тасвир; наққошӣ ва сангтарошии нотамом
АНГУБИН асал, шаҳд
АНГУШТАР// АНГУШТАРИН - ҳалқаи тилло нуқра ё ғайра, ки ба ангушт мегузаронанд
АНДАЛЕБ 1.булбул, ҳазордостон. 2.маҷ.сароянда и хушовоз
АНДАРЗ панд, насиҳат
АНДЕША 1.фикру мулоҳиза, тааммул, тасаввур. 2. тарс, бим, хавф
АНДОМ қаду қомат, тан. узви бадан
АНДӮҲ ғам ғусса, дарду алам
АНДӮҲГИН ғамгин, маҳзун
АНИД саркаш, радкунанда, беитоат
АНИН нола, зорӣ, оҳи вазнин ва дарднок
АНИС ҳамдам, рафиқ, ёр, дӯст
АНИФ дурушт, сахт сахтмуомила, сахтгир
АНКАБУТ 1.тортанак; 2. заҳмат, ранҷ
АНҚАРИБ ба қарибӣ, ба наздикӣ, қариб, наздик
АНҚАРУЛАСВОТ бадовоз, овози нофорам, садои нохуш
АНҚО мурғи афсонавӣ, маҷ. чизи ноёб
АНО заҳмат, ранҷ, машаққат
АНОМ мардум, халқ
АНОР меваест, маълум, ки сурхпӯст буда, донаҳояш низ сурх ва ширин ва турш аст
АНӮША хушҳол, шод, саодатманд
АНФОС ҷ.нафас
АНҲОР ҷ. наҳр
АНҶИР меваест маълум ду маротиба ҳосил медиҳад
АНҶОМ охир, оқибат, интиҳо
АНҶУМ ҷ.наҷм, ситораҳо
АНҶУМАН ҷамъомад маҷлис, маҷ.одамон, халқ
АНҶУМШИНОС ситорашинос, мунаҷҷим
АНЪАНА урфу одатҳо, сифатҳои кӯҳнаи авлодӣ, ки насл ба

насл мегзарад
АР I шакли кутохшудаи агар
АР II шакли кӯтошудаи арра
АРАСОТ ҷ. арса, майдон, саҳро, маҷ. майдони қиёмат
АРАФА 1. номи кӯҳест дар Арабистон; 2. наздик шудани ид соли нав
АРАФОТ ҷои ҷамъ шудани ҳоҷиҳо дар нӯҳуми моҳи зилҳиҷҷа дар наздикии Макка
АРБАА чор, чоргона
АРБАДА ситеза, ҷанҷол, моҷаро
АРБАЙН ҷиҳил
АРБОБ ҷ. раб. парваришкунандагон; калонон; оқсақоли деҳа; доноён, хирадмандон
АРВАНД иқтидор, қудрат, зӯр
АРҒАВОН// АРҒУВОН дарахти гулҳояш бағоят сурх
АРҒАНДА ошуфта, ба хашм омада, ғазабнок; ҳарис, чашмгурусна
АРҒАНУН//АРҒУНУН номи асбоби мусиқӣ
АРҒУН аспи тезрав
АРЖАНГ номи китоби файласуф ва наққош Монӣ. маҷ.сурат, лавҳаи наққошӣ
АРЗ I нарх, арзиш. қадр, мартаба
АРЗ II изҳор, баён, ошкор кардан, намоён кардан
АРЗ III замин, хок
АРЗ IV паҳной, бари ҳар чиз (муқобили тӯл- дарозӣ)
АРЗА арз, баён, изҳор; пешниҳод
АРЗИЗ қалъагӣ
АРЗИШ қимат, баҳо; маҷ. қадр, лаёқат, поя
АРИН беша, ҷангалзор
АРК қалъаи амир ё ҳокимнишин дар дохили ҳисори шаҳр, қасри подшоҳӣ
АРКОН ҷ.рукн; маҷ. бузурғон, сардорон
АРҚАМ мори сиёҳу сафед, мори алобуло ва чипори бадзаҳр
АРМАҒОН//АРМУҒОН тӯҳфа, роҳовард
АРМОН 1.ранҷ, меҳнат, заҳмат, 2.орзу; ҳасрат
АРСА майдон. тахтаи шатранҷ; маҷ.арз; муддат
АРСЛОН шер
АРТИШ армия, лашкар, қувваҳои мусаллаҳ
АРӮЗ илми вазни шеър ва қоидаҳои он; худи вазни шеър
АРӮС келин, зане, ки нав шавҳар кардааст
АРҶ эътибор, қадру қимат
АРҶГУЗОРӢ эҳтиромоварӣ, қадршиносӣ
АРҶМАНД соҳибэҳтиром, иззатманд баландмартаба
АРШ осмон, тахт
АРШАД калонтар, бузургтар
АРЪАР дарахти рост, дарахти мавзун, сарв

АСА посбони шабгард, миршаб
АСАВ пир, сустшуда, нотавон
АСАД шер, шери беша. номи моҳи панҷум аз соли шамсӣ
АСАР 1.пай, из; ақиб, пас; 2.нишони ҳар чиз ; 3.маҷ.таълифи касе
АСАФ ғам, андӯҳ, ҳасрат
АСБОБ боис; иллат; чизҳои даркорӣ, лавозимот
АСВАД сиёҳ
АСИР I офтоб. осмон, фалак
АСИР II 1.дастгиршуда, бандӣ, маҳбус. 2.маҷ. гирифтори ишқ, ошиқ
АСИР III шира, шираи ангур
АСИФ андӯҳгин, ғамгин, маҳзун
АСЛ реша, бех, маҷ. асос, моҳият, зот, наҷот
АСЛОФ ҷ. салаф; гузаштагон, пешиниён
АСНОМ ҷ.санам
АСОЛАТ аслӣ, наҷобат, аслзодагӣ
АСОТИР ҷ.устура. ҳикояҳо, қиссаҳо, афсонаҳои қадим
АСР қарн, сада, давр; вақти байни пешин ва шом
АСРОР ҷ.сир, розҳо
АССОР равғвнкаш, ҷувозкаш
АСТАҒФИРУЛЛОҲ омурзиш металабам, бахшоиш меҷӯям, худо нигаҳ дорад
АСТАР хачир
АСҲАЛ осонтар, сабуктар
АСҲОБ ҷ.соҳиб. ёрон, ҳамсӯҳбатон
АСЧАД зар, тилло
АТАМ(М) комилтар, пурратар
АТБОЪ ҷ. тобеъ, тобеон, шаҳрвандон, сокинон
АТИҚА муаннаси антиқ. кӯҳна; баргузида. комёб
АТО бахшиш, инъом, маҷ. лутфу эҳсон
АТТОР атрфурӯш, доруфурӯш
АТФ 1 бозгашт
АТФ II тавоҷӯҳ, шафқат
АТФ III зеҳ, шероза, порчае, ки дар ҳошияи либос дӯхта шудааст
АТШОН ташна
АТЪИМА ҷ.таом
АФГАНДАН/АФКАНДАН 1.андохтан, партофтан; 2.вайрон кардан; 3.маҷ. мағлу кардан, пароканда кардан; 4.паҳн кардан
АФГОР фигор, маҷрӯҳ. озурда. ғамнок. захм, ҷароҳат
АФҒОН I нола, зорӣ, фарёд, фиғон
АФҒОН II номи халқе, ки сокини Афғонистон аст
АФЗАЛ бартар,беҳтар
АФИФ боҳаё, бошарм
АФИФА зани покдоман, бошарм,боҳаё
АФКОР ҷ.фикр

АФЛОТУН номи ҳакими машҳури Юнони қадим
АФРОЗ баландӣ, қулла, баланд, (сиғаи амрӣ)
АФСАЛ поинтар, пасттар
АФСАР 1.тоҷ, кулоҳи подшоҳон. 2.маҷ.сардор, роҳбар, соҳибмансаб
АФСАХ фасеҳтар, суханвартар
АФСОНА саргузашт, қисса, ҳикоя, достон, ки ртибдиҳандаи он маълум нест
АФСУН сеҳр, ҷоду, макр. найранг
АФСӮРДАН ях бастан, ях кардан; хунук шудан, маҷ. хомӯш шудан
АФТОДАН 1. аз боло ба поён фурӯ омадани ҳар чиз; 2. ба ҳоли бад дучор шудан; 3. воқеъ шудан; дохил шудан; 4.ҳуҷум кардан
АФЮН моддаи заҳрдоре, ки аз шираи ғӯзаи кӯкнор ҳосил мешавад ва мастию беҳушӣ меорад
АХ бародар
АХЗ гирифтан, ба даст даровардан
АХЗАР сабз, кабуд, нилгун
АХӢ бародари ман
АХКУК зардолуи норасида; меваи норасида
АХЛОҚ ҷ. хулқ
АХЛОФ ҷ. халаф, ворисон, фарзандон
АХТАР I ситора, маҷ. бахт, икбол
АХТАР II оташпора, лахча
АҲБОБ ҷ.ҳабиб
АҲВАЛ олус, качбин, олусчашм
АҲД ваъда. шарт, паймон; замон, давр
АҲКОМ ҷ.ҳукм
АҲҚАР ҳақир, нотавон, ночиз
АҲЛ мардум, бошандагон, воқиф, бохабар, ҳар кадом аъзои хонавода, гузар, шаҳр
АҲЛАН калимаи нидо хуш омадед
АҲМАР сурх
АҲРИМАН// АҲРАМАН ҳомии қувваҳои бадей дар дини зардуштӣ дев, шайтон
АҲРОР озодагон, лақаби Убайдуллоҳи Аҳрорӣ нақшбандӣ, ки пири Ҷомӣ буд
АҶАЛ 1 муддат, мӯҳлат, вақт, ҳанғом; интиҳои умр, марг
АҶАЛ II бузургтар, калонтар
АҶАЛ III шитоб, шитобкорӣ, саросемагӣ
АҶАМ сарзамини мардумони ғайриараб. қавмҳои форсу тоҷикзабон
АҶВАД нектар, хубтар
АҶЗ нотавонӣ, сустӣ, оҷизӣ
АҶНАБӢ хориҷӣ, бегона
АҶР мукофот, музд
АҶРОМ ҷ.ҷирм ҷисмҳои осмонӣ

АҶУЗ пир, фартут
АҶУЗА зани пир, кампир
АҶУЛ шитобкор, бисёр шитобкунанда.
АШАН 1 ҷомаи чаппагардон
АШАН II хом, харбузаи хом
АШАРА даҳ
АШК қатра. қатраи оби чашм, сиришк
АШҚАФ шарифтар, бузургтар, муборак
АШРАФ шарифтар, бузургтар, муборак
АШРАФӢ мансуб ба ашраф; пули тилло
АШРОФ ҷ. шариф
АШХОС ҷ. шахс
АШЧОР ҷ. шаҷара
АШШОР ғункунандаи андозҳо; даҳякгир
АШЪОР ҷ. шеър
АЪДО ҷ. адӯ
АЪЁН бузургон, ашроф, сардорон, мавҷудот
АЪЗАМ азимтар, бузургтар, калонтар
АЪЗОН ҷ.ҳузн ғамҳо, андӯҳҳо
АЪЛАМ 1.донотар; 2.дар Бухоро як мансаби расмӣ буд, ки ба калонтарини муллоҳо медоданд
АЪМО нобино, кӯр
АЪМОЛ ҷ. амал, рафтор, фаъолият
АЪРОБӢ араби бодиянишин

## Б

Б ҳарфи дуюми алифбои забони тоҷикӣ
БА пешоянди ба ишора ба сӯ, тараф, асосан самти амал ва ё ҳаракатро нишон медиҳад, аммо вобаста ба маънои феълу исм ва мазмуни умумии ҷумла тобишҳои масоҳатӣ, объектӣ ва замониро низ нишон медиҳад.
БАВВОБ дарбон, дарвозабон; нигаҳбони қаср
БАВИЖА/БАВЕЖА махсусан, хусусан, алалхусус, билхосса, бахусус
БАВҚ асбобе ба мисли карнай, ки овози даҳшатовар мебарорад
БАДАВӢ бодиянишин, кӯчманчӣ
БАДАХТАР бадбахт, шумтолеъ
БАДВ аввал, оғоз, ибтидо, шурӯъ
БАДЕҲА 1.фикри ногаҳонаи закитабъона. 2.шеъри ҳозирчавобона
БАДЕҲӢ равшан, возеҳ, ошкор
БАДЕЪ 1.аҷиб, комёб, беназир; 2.зарофат ва балогати сухан
БАДЕЪУЛҶАМОЛ бағоят хушрӯй, ниҳоят зебо; соҳиби ҳусни баланд

| | |
|---|---|
| БАДКЕШ | 1.бадравиш, бадмаром. 2.маҷ.бераҳм,сангдил 3.киноя аз маҳбуба |
| БАДКУНИШТ | бадкор, бадкирдор |
| БАДМАҲЗАР | бадният, бадмизоҷ |
| БАДНИҲОД | бадният, бадхислат |
| БАДОЕЪ | ҷ.бадеъ |
| БАДР I | 1.моҳи пурра, моҳи чаҳордаҳшаба. 2.киноя: аз маҳбуба |
| БАДР II | номи ҷоест миёнаи Макка ва Мадина |
| БАДРА | ҳамён, халтаи динор |
| БАДРАҚА | роҳбалад, ҳамсафар; посбон. қофиласолор |
| БАДРОМ I | аспи саркаш |
| БАДРОМ II | хушу хуррам, ороста |
| БАДРУДДУЧО | 1.моҳи пурраи шаби торик; 2.киноя: аз маҳбуба |
| БАДСИГОЛ | бадандеш, бадрафтор |
| БАДСИРИШТ | бадтинат, бадтабиат |
| БАДФАРҶОМ | бадоқибат, баданҷом |
| БАДХИСОЛ | бадхислат, бадтабиат |
| БАДХӮ | бадхулқ, беадаб |
| БАЁЗ | 1.сафедӣ, коғаз, 2.дафтари мусаввада, 3.маҷмӯаи ашъори мунтахаб |
| БАҚАР | гов |
| БАҚҚОЛ | сабзавотфурӯш |
| БАҚО | абадият. ҳастӣ, мавҷудият |
| БАЁН | 1.зоҳир кардани чизе, изҳор. 2.сухани фасеҳ |
| БАЁТ | номи ҳавое аз шашмақом |
| БАЗА | гуноҳ, хато |
| БАЗЗОЗ | газворфурӯш, матоъфурӯш |
| БАЗЛ | 1.бахшиш, инъом, 2.харҷ, сарф |
| БАЗЛА | латифа, аския |
| БАЗМ | зиёфат, меҳмонӣ. маҷлиси тараб |
| БАИД | дур. аз эҳтимол дур; мукобили наздик |
| БАЙДАҚ | пиёда (дар бозии шоҳмот) |
| БАЙЗА | 1.тухм, тухми мург. 2.кулоҳи ҷангӣ |
| БАЙЗО I | равшан, сафед |
| БАЙЗО II | офтоб |
| БАЙНАННАҲРАЙН | байни ду наҳр, байни ду дарё; қисми мамлакати Ироқ, байни дарёҳои Дачла ва Фурот |
| БАЙРАМ I | ид, чашн |
| БАЙРАМ II | навъе аз матои ресмонӣ, порчаи маҳинбофи ресмонӣ; матои нафис |
| БАЙРАҚ | алам, парчам |
| БАЙТ I | хона, хонаи истиқоматӣ |
| БАЙТ II | ду мисраи ба ҳам алоқаманди шеър |
| БАЙТАВ | аспи мода, модиён |
| БАЙТОР | табиби ҳайвонот |

БАЙТУЛМОЛ -хонаи давлатӣ дар мамлакатҳои исломӣ барои нигоҳ доштани пул ва мол
БАЙТУЛҲАЁТ 1.маҳалли зиндагӣ, муҳити зиндагонӣ; 2.ҷаннат, биҳишт
БАҚАР гов
БАҚҚОЛ сабзавотфурӯш
БАҚО абадият, ҳастӣ, мавҷудият
БАЛ I пошна, пошнаи пой
БАЛ II шакли кӯтоҳшудаи балки
БАЛАД I воқиф, огоҳ, роҳнамо
БАЛАД II шаҳр, кишвар, сарзамин
БАЛАДМАНИШ баландҳиммат
БАЛИҒ//БАЛЕҒ пурра, расо, комил
БАЛИЛА донаи ҷавзмонанди зардранги монанд ба ҳалила, ки пӯсти он дар тиб ба кор меравад
БАЛОҒ расонидан (хабареро)
БАЛОҒАТ 1.расидагӣ, бакамолрасӣ, 2.сухангуй, суханпардозӣ
БАМ овози баланд ва ғафси созу асбоби мусиқӣ
БАНД 1.ҷои ба ҳам пайвастани ду чиз ё ду узви бадан; 2.воситаи ба ҳам бастани чизе; 3.гиреҳ; ришта; 4.монеа, садд; 5.касеро дар мубоҳиса ё бадеҳагӯй мағлуб кардан; 6.қисм, ҷузъ ё боби асар; 7.ҷои бо хок ва ҷим бастани оби равон; 8.тарзу тариқ, роҳ; никоҳ
БАНДАК I як навъ алафест
БАНДАК II ҳарф ва морфемаҳое, ки қисмҳои ҷумлаҳоро ба ҳам мепайвандад
БАННО бинокор, бинокунанда, меъмор, банной, бинокорӣ, иморатсозӣ
БАНОГӮШ буни гӯш, нармаи гӯш
БАР I пешоянд. ба, ба суи. дар, дар рӯи барои
БАР II бор, мева, самар. маҷ. ҳосил, натиҷа
БАР III бағал, оғӯш, паҳлӯ
БАР IV паҳной васей
БАР V хушкӣ, замин, қитъа
БАРАНГЕХТАН 1.шӯрондан, ба шӯр овардан, игво кардан, берун кардан; 2.тез кардан; 3.эҷод кардан, 4.сухан рондан
БАРАФРОХТАН баланд намудан, баланд бардоштан
БАРАФРӮХТАН 1.даргирондан. 2.равшан кардан
БАРАҲМАН ҳаким ва донишманди ҳиндӣ; пир ва муршиди бутпарастон
БАРБАТ асбоби қадимаи мусиқӣ
БАРГ I барги дарахт аз дигар растаниҳо
БАРГ II 1.захираи роҳ, тӯшаи сафар. 2.аспобу анҷом, осмон, 3.тавоной, тоқат. 4.қасд, ният
БАРГАК 1.зардолуи бедонаки хушконидашуда;

2.ҳалқае, ки ба шакли барг аз зар месозанд

БАРГУЗИДА интихобшуда, писандида
БАРГУСТУВОН рӯпӯш ва зиреҳи махсус, ки дар вақти ҷанг мепӯшиданд ва ё ба болои асп меандохтанд
БАРДА бандӣ, асир, ғулом
БАРДАМ тозаву тар, боқувват
БАРДОШТ дарёфт, натиҷа; сабр
БАРЗАГАР деҳқон, донапош
БАРЗАН маҳалла, кӯчаву кӯй, ҳавливу хона
БАРИД номабар, хабарбар, қосид
БАРИҚ дурахшон, тобон
БАРИН I баланд, боло
БАРИН II монанди ... мисли ...
БАРӢ пок, бегуноҳ, озод, соф, дур
БАРҚ 1.ҳодисаи табиат, 2.маҷ. равшанӣ, нур
БАРҚИЯ телеграмма
БАРМОЛИДАН молидани узви бадан
БАРНО ҷавон, навҷавон
БАРНОМА программа
БАРОАТ ворастагӣ. покӣ, бегуноҳӣ, покӣ аз айб
БАРОВАРД ҳисоби тахминии хароҷот, смета
БАРОДАРАНДАР бародари ӯгай
БАРОЗ зебой, оростагӣ
БАРОЗАНДА сазовор, муносиб, шоиста
БАРОТ хати озодӣ ва бахшоиш. ҳуҷҷати авфӣ гунох
БАРОҲЕХТАН кашидан, бараҳна кардан, баровардан (мас. кордро аз ғилоф)
БАРРА 1.бачаи гӯсфанд. 2.алаф ва сабзае, ки бисёр тоза бошад
БАРРАСӢ 1.таҳлил, таҳқиқ; 2.мутолиа
БАРРОҚ дурахшон, тобон
БАРСОМ варами шуш; плеврит
БАРТАРӢ афзалият, имтиёз
БАРӮМАНД 1.самарадор, мевадор. 2.маҷ.баҳраманд, хушбахт; обрӯдор
БАРХ 1.қисм, ҳисса, 2.баҳра
БАРХЕ 1.каме, андаке; 2.баъзе
БАРХУРДОР баҳраманд, хуррам, хушҳол
БАСАР биной, чашм, дида
БАСЕҶ/БАСИҶ омодагӣ; қасд, ният; сафарбар
БАСИТ фарох, васеъ, азим, калон, бисёр
БАСТ I паноҳгоҳ; банд, дарғот. навбати кор
БАСТ II 1.фарохӣ, баён кардан; 2.хушҳолӣ, хурсандӣ,
БАСТАН 1.паҳн кардан, банд кардан, гиреҳ кардан, 2.пайванд кардан; 3.пӯшидан, ях кардан; асир кардан; 4.феъли ёридиҳанда дар таркиби феълҳои номӣ

| | |
|---|---|
| БАТ | мурғобй |
| БАХИЛ | касе ки чизеро ба нафъи дигарон раво намебинад; мумсик, лаим |
| БАХТ | насиба, қисмат, саодат |
| БАХТИЁР | хушбахт, иқболбаланд |
| БАХШ | 1.қисм, ҳисса; 2.инъом, 3.тӯҳфа, ҳунар, қобилият |
| БАХШИШ | 1.ато, тӯҳфа. 2.маҷ. сарнавишт. 3.тақдир, қисмат |
| БАХШЙ | 1.ноиб, назоратчй; 2.дуохон, руҳонии буддой |
| БАҲАМОЙ | наздикшавй, пайвандшавй |
| БАҲОДУР | шуҷоъ, далер, ҷасур |
| БАҲОИЯ | таълимоти диние, ки дар миёнаи асри XIX дар Ироқ ва Эрон пайдо шуда асоси онро ислоҳоти Ислом ва кӯшиши бунёди дини умумбашарй ташкил мекунад |
| БАҲРА | ҳисса, бахш, қисми аз чизе; 2. насиб фоида,суд |
| БАҲРОМ | 1.сайёраи Миррих; 2. маҷ.шамшер, теғ |
| БАҶИДД | ҷиддан, ҳисроркорона |
| БАШАР | инсон, одам, мардум |
| БАШАРА | намуди берунии рӯйи инсон; афт, чеҳра, симо |
| БАШИР | башоратдиҳанда, муждаовар |
| БАШН | қад, қомат, боло |
| БАШОРАТ | мужда, хабари хуш |
| БАШШОШ | хандон, кушодаруй |
| БАЪС/БОС | хавф, бим, тарс |
| БЕ | пешоянд дар амал ва ҳодисае дахл ва иштирок накардани касе ё чизеро нишон медиҳад |
| БЕАДИЛ | бемонанд, беназир |
| БЕБАР | бесамар, беҳосил, бебарг, бенаво, фақир, камбағал |
| БЕБИЗОАТ | 1.бемолу мато; 2.маҷ.беистеъдод |
| БЕБОК | бетарсу бим, бепарво, лоқайд, золим |
| БЕДАРАНГ | беист, зуд |
| БЕНАВО I | бетӯша, фақир, мискин |
| БЕНАВО II | бесадо, хомӯш, сокит |
| БЕНАЗМ | бетартиб |
| БЕНИЁЗ | он ки эҳтиёҷ ба чизе надорад, мустағнй |
| БЕРАФЪАТОНА | бераҳмона, бешавқатона |
| БЕСАБОТ | ноустувор, нопойдор |
| БЕСАЛАФ | бесобиқа |
| БЕШ | зиёдтар, бисёртар |
| БИЗОАТ | молу матоъ.2.маҷ.қобилият, истеъдод |
| БИКР | дӯшиза, духтари ба шавҳар нарасида |
| БИЛЛАҲ/БИЛЛОҲ | ба худо ки... қасам ба худо |

| | |
|---|---|
| БИЛОХИРА | ниҳоят, дарохир |
| БИМ | тарсу ваҳм, хавф |
| БИНОАН | бинобар ин, бинобар он |
| БИНТ | духтар |
| БИНТУЛЪИНАБ | киноя аз шароб |
| БИР/БИРР | некӣ, эҳсон, бахшиш |
| БИРКА | ардоба, обанбори рӯпӯшида, ки дар беруни шаҳр ва роҳҳои корвонрав сохта мешуд; ҳавз |
| БИРЧИС | сайёраи Муштарӣ |
| БИСМИЛ | сарбурида, кушташуда (шакли кӯтоҳшудаи бисмиллоҳ) |
| БИСОТ | 1.ҳар чизи густурданӣ, фарш, гилем; 2.асбоб-анҷом |
| БИХРАД | хирадманд, соҳибақл |
| БИҲИЛ | бахшидан, авф кардан; |
| БО I | пешоянд |
| БО II | ош, таом, махсусан оши моеъ |
| БО III | шакли кутоҳшудаи бод (бошад) |
| БОБ I | падар, падари падар; чад |
| БОБ II | шоиста, лоиқ, муносиб |
| БОБ III | роҳ, тариқ |
| БОБ IV | 1.дар, дари хона, 2.бора, хусус |
| БОБАК | шакли хурдӣ ва навозиши боб I |
| БОВАРЧӢ/БОВАРҶӢ | ошпаз |
| БОҒБОН | 1. касе, ки бо боғдорӣ машғул аст; 2.хӯшаҳои хурди ангур. |
| БОҒӢ | саркаш, гардонкаш; золим, ситамгар. |
| БОД I | ҷараёни ҳаво, шамол. маҷ.боди сард |
| БОД II | бодигӣ номи пардае дар мусиқӣ |
| БОДА | май, шароб |
| БОДАГУСТОР | майнӯш, шаробхӯр |
| БОДБЕЗАК | олати шамолдиҳӣ, магасрон |
| БОДГОНА | равзана, форточка |
| БОДИЯ I | дашти беобу алаф; саҳро, биёбон |
| БОДИЯ II | зарфи калони мисин, косаи калон |
| БОЕЪ | байкунанда, фурӯшанда |
| БОЗ I | феъли асоси замони ҳозира аз бохтан |
| БОЗ II | кушода, яла |
| БОЗ III | дубора, такрор, бори дигар |
| БОЗ IV | номи паррандаи шикорӣ |
| БОЗ V | шакли дигари боҷ (андоз, хироҷ) |
| БОЗАРГОН | тоҷир, савдогар; бизнесмен |
| БОЗАҲ | тулӯкунанда, равшан, тобон, дурахшон |
| БОЗГУНА/БОЖГУНА | чаппа, сарнагун |
| БОЗДОШТ | нигаҳдорӣ, ҷилавгирӣ, иҷозат надодан |
| БОЗИДЕҲ | фиребдиҳанда, фиребгар |
| БОЗРАСӢ | нозирот, инспексия |

| | |
|---|---|
| БОЗУ | қисми даст аз китф то оринҷ; маҷ.қувват, зўр |
| БОИСТ | зарурӣ, даркорӣ |
| БОК | тарс, хавф, парво |
| БОКИРА | духтари ҳанўз ба шавҳар набаромада, дўшиза |
| БОЛИҒ | 1.он ки ба сини балоғат расидааст, 2.боло, забар фавқ; 3.муқобили зер; баландӣ, 4.маҷ.ҳаво, осмон |
| БОЛОН I | феъли ҳол ва сифати феълии замони ҳозира аз болидан |
| БОЛОН II | долон, даҳлиз |
| БОМ I | болои хона |
| БОМ II | шакли кўтоҳшудаи бомдод |
| БОМДОД | субҳ, пагоҳӣ |
| БОН I | дарахти мавзуне, ки баргҳои нозуку хушрўй дорад |
| БОН II | як навъ тири оҳанӣ <u>-бон</u> - пасванд |
| БОНГ | фарёд; овоз, садо; садои баланд; |
| БОНУ | зан ва ё духтари соҳибихтиёри хона; хонум |
| БОР I | гаронӣ, вазнинӣ; маҷ.ғам, гусса |
| БОР II | бор, мева, ҳосил |
| БОР III | қабул, пазирой, иҷозат |
| БОР IV | карат, дафъа; мартаба |
| БОР- V | шохи дарахт, шоха бор пасванд; маънои боранда ва зиёд будани чизеро ифода мекунад |
| БОРА 1 | девори қалъа; ҳисор; девори шаҳр |
| БОРА II | дафъа, карат |
| БОРА III | тариқ, тартиб, равиш, тарз; бобат |
| БОРА IY | асп, фарас |
| БОРАКАЛО(Х) | калимаи нидо; худо туро муборак кунад! Офарин |
| БОРГОҲ | даргоҳи подшоҳон |
| БОРИД | сард, сардӣ |
| БОРИЗ | ошкор; пайдошаванда, намоён, назаррас |
| БИХРАД | хирадманд, соҳибақл |
| БОРИКБИН | зирак, ҳушёр; кунҷков |
| БОРИКХАЁЛ | нуктасанҷ, мўшикоф |
| БОСИРА | муннаси босир, биной, қувваи биниш, чашм |
| БОСТОН | қадим, кўҳна |
| БОТИЛ | ноҳақ, нодуруст, беҳуда |
| БОТИН | дарун, дохил; олами руҳии инсон |
| БОХТАН | чизи худро дар қимор бой додан; бой додан |
| БОХТАР | ғарб; шарқ; номи қадимаи вилояти Балх |
| БОҲ | шаҳват, қувваи шаҳвонӣ |
| БОҶ | андоз, хироҷ, молиёт |
| БОША | як хел паррандаи шикорӣ киргӣ |
| БУБ | палос, фарш |

| | |
|---|---|
| БУҒЗ | кина, душманӣ |
| БУД I | феъли ёридиҳандаи замони гузаштаи дур |
| БУД II | тамом шудани як корро мефаҳмонад |
| БУДАН | вуҷуд доштан, ҳастӣ |
| БУЗУРГ | 1.калон; олимартаба; соҳибэҳтиром; 2.номи мақомест дар шашмақом |
| БУЗУРГМАНИШ | баландҳиммат |
| БУЛГА | кифоят; ӯҳдабаро, моҳир |
| БУЛҒОК/БУЛҒОҚ | фитна, шӯр ва ғавғои бисёр |
| БУЛҒОР | як хел чарми хушбӯй |
| БУЛДУҚ | туфан, милтиқ |
| БУЛУҒ | ба воя, ба синни балоғат расида |
| БУЛӮР | оинаи ғафси бисёр шаффоф |
| БУЛҲАВАС | серҳавас, соҳиби ҳавою ҳавасҳои нафсонӣ |
| БУМ I | паррандаи шабпар |
| БУМ II | замин, сарзамин, кишвар, диёр |
| БУМӢ | таҳҷой маҳаллӣ |
| БУН | таг, зер; охир,интиҳо; бех, реша |
| БУНА | аспобу анҷом, мол; манзил, хона |
| БУНЁД | таҳкурсӣ, асоси девор маҷ.ниҳот, сиришт |
| БУРДБОР | вазнин, ботамкин, бовиқор, тобоваранда |
| БУРЗ | бола, баландӣ; қадду қомат |
| БУРҚАЪ | чашмбанд, парда |
| БУРУНМАРЗӢ | берун аз сарҳад, хориҷ аз кишвар |
| БУРУТ | мӯйлаб |
| БУРҲОН | далел, ҳуҷҷат |
| БУРҶ 1 | ҳар як аз 12 қисми доираи фалаки офтоб дар муддати як сол дар атрофии он мегардад |
| БУРҶ II | бинои манорашакл, ки барои посбонӣ месозанд |
| БУССАД | марҷон |
| БУТ | суратест, ки мардум мепарастанд, синам, киноя аз маъшуқа, хушрӯ, соҳибҷамол |
| БУХЛ | бахилӣ, хасисӣ |
| БӮҚАЛАМУН//БӮҚАЛМУН | 1.ҷонварест, ки ба рангҳои гуногун метобад; 2. маҷ. рангоранг, тағйирёбанда |

**В**

| | |
|---|---|
| В | ҳарфи сеюми алифбои забони тоҷикӣ |
| ВА | пайвандаки пайвасткунандаи паиҳам |
| ВАБО | 1.бемории гузаранда ва ҳалокатовари оммавӣ. 2.маҷ. офат, бало |
| ВАБОӢ | мансуб ба вабо |
| ВАБОЛ | 1.гуноҳ, зарар, зиён; 2.сахтӣ, азоб |
| В-АГАР | шакли кӯтоҳшудаи ва агар |

| | |
|---|---|
| ВАҒАШ//ВАҒЕШ | бисёр, анбӯҳ |
| ВАҒО | ҷанг, шӯр, ғавғо, муҳориба, мағал |
| ВАДУД | дӯст, муҳиб, бисёр бо муҳаббат (яке аз сифатҳои худо) |
| ВАЗАҒ | қурбоққа, ғук |
| ВАЗИР | мансабдори олимақоме, ки баъд аз подшоҳ мавқеи якумро ишғол мекунад, муттасаддии ягон соҳаи ҳукуматӣ |
| ВАЗН | 1.сангинӣ гаронӣ, боркаш; 2.маҷ. эътибор, аҳамият, қадр; 3.андоза кардан, санҷидан |
| ВАЗЪ | ҳолат, гузориш |
| ВАЗЪИЯТ | аҳвол, ҳолат |
| ВАИД | таҳдид, қавлдеҳӣ дар хусуси ягон нияти бад |
| ВАИЛ | бадбахтӣ, мусибат, ғаму кулфат; ҳайфо, дареғо |
| ВАЙЛА | фарёд, шӯр, ғавғо |
| ВАЙҲАК | вой ба ту! вой ба ҳолат! |
| ВАКИЛ | гумошта, намоянда, фиристода |
| ВАҚЕЪ | бешарм, беҳаё, берӯ |
| ВАҚҚОС | ҷангҷӯ |
| ВАҚОҲАТ | бешармӣ, беҳаёӣ, беадабӣ |
| ВАҚФ | мулке, ки аз тарафи касе барои масҷид, мадраса дода шудааст ва аз он фоида бурда мешавад, аммо хариду фурӯш намешавад; бахшиш, инъом |
| ВАҚФА | ист, таваққуф; пауза дар калом |
| ВАЛАВ | лоақл, ақалан, ҳеҷ набошад; ҳатто |
| ВАЛАД | зода, писар; фарзанд |
| ВАЛАДДУЗЗИНО | ҳаромзода, ҳаромӣ |
| ВАЛД/ВУЛД | фарзанд, бача; насл |
| ВАЛИАХД | писари подшоҳ ё ягон шахси наздики ӯ, ки дар вақти зиндагии подшоҳ ба ҷои вай таъин мешавад |
| ВАЛИНЕЪМАТ | одами олиҳиммат, сахӣ мураббӣ; |
| ВАЛӢ | дӯст, содиқ; соҳиби каромат; одами муқаддас |
| ВАЛЛОҲ | ба худо, ба худо ки... |
| ВАЛО | дӯстӣ, муҳаббат, меҳр |
| ВАРАҚ | 1.барг. 2.як порча қоғаз |
| ВАРАҚА | шифр, лавҳаи бомпӯш |
| ВАРАСОТ | ворис, ворисӣ, меросхӯрӣ |
| ВАРАЪ | парҳезгорӣ; тақводорӣ, порсоӣ, покӣ |
| ВАРД | гул, гули сурх |
| ВАРЗ | кишт, зироат |
| ВАРЗИДА | маъруф, машҳур, бакамолрасида |
| ВАРЗИДАН | шуғл кардан, машғул шудан; пай дар |

| | |
|---|---|
| | пай кардани коре; киштукор кардан; феъли ёридиҳанда: ишқ варзидан |
| ВАРЗИШ | шуғл, машғулият, машқ кардани коре, спорт |
| ВАРО(Ъ) | пас, ақиб, он сӯ |
| ВАРРОҚ | хатнавис, китобнавис, китобаткунанда |
| ВАРТА | чои хатарнок; чаррӣ; гирдоб |
| ВАСАН I | бут, санам |
| ВАСАН II | хоб, хоби сабук, пинак |
| ВАСАТ | миёна, мобайн |
| ВАСАТУССАМОЪ | миёнаи осмон, баландтарин нуқта дар осмон |
| ВАСВАСА | 1.андешае, ки ба бадӣ мебарад; 2.фиреб, иғво, иғвогарӣ |
| ВАСИҚА | аҳднома, ҳуччати замин, ҳавлӣ, кӯпчук, план |
| ВАСИЛА | восита, дастовез, тӯҳфа; сабаб, баҳона |
| ВАСЛ | пайвастан, часпидан, бастан; ба ҳам пайвастан |
| ВАСМА | ӯсма |
| ВАСОЯТ | васият; васигӣ, вазифа; парасторӣ |
| ВАССАЛОМ | тамом, тамом шуд, анҷом ёфт |
| ВАССОФ | васфкунанда, санохон |
| ВАСФ | тасвири ҳол, таърифь, тавсиф; сифат, хислат |
| ВАТАН | зодгоҳ, чои таваллуд ва нашъунамо; кишвар, сарзамин, мамлакат |
| ВАТАР | 1.тори асбоби мусиқӣ; 2.зеҳи камон, ресмони камон, |
| ВАТВОТ | 1.шабпара, фараштурук.2. мач. заифчусса, хурд; 3.тахаллуси шоири машҳури точику форс Рашидиддин (вафоташ 1182-1183) |
| ВАФО | 1.ба чо овардани ваъда; садоқат; 2.мач.некӣ кардан |
| ВАФОТ | мурдан, фавтидан |
| ВАҲАЛ | лой, гил |
| ВАҲДАТ | ягонагӣ, танҳой. эътиқод ба ягонагии худо |
| ВАҲИД | 1.якто, танҳо, ягона; 2.маҷ. бемислу монанд |
| ВАҲИМ | ногувор, бад |
| ВАҲИШ | бад, зишт |
| ВАҲӢ | пайғоми худо, он чи аз номи худо ба пайғамбарон илҳом шавад |
| ВАҲЛА | лаҳза, дам, фурсати як мижазанӣ; дар аввали ваҳла дар навбати аввал |
| ВАҲМ | хаёл, гумон, тасаввур, воҳима, тарсу бим |
| ВАҲН | сустӣ дар аъзои бадан; маҷҳ.заъф; осеб, |

халал
ВАҲОМАТ 1.ногуворй, носозгорй; 2.душворй, хатарнокй, бадй
ВАҲҲОБ босаховат, ҳимматбаланд
ВАҲШАТ 1.танҳой, воҳима; хавф; 2.мач.мухолифат, душманй
ВАЧОҲАТ -хушбуй, хушсуратй. иззат, эътибор; намуди рӯи одамй
ВАЧҲ 1.руй симо, чеҳра; 2.тартиб; тарика, тарз; сабаб, боис, далел, 3.пул маблағ, накдина; 4.сӯй; чониб; 5.вачҳи тасмия пайдоиши калима, этимологияи калима
ВАЪДА қавлу қарор дар ичрои коре
ВАЪЗ гуфтор оиди корҳои баду неки динй; панд, насиҳат
ВАЪР пасту баланд, ноҳамвор
ВЕЖА пок, тоза, соф, беайб, баргузида, хос, махсус; тамом, тамоман
ВИДОД дустй, муҳаббат
ВИДОЪ/ВАДОЪ падруд, хайрухуш
ВИЖАГЙ/ВЕЖАГЙ хусусият, хосият
ВИЗР 1.бор, бори гарон, 2.мач. гуноҳ, айб
ВИЛ зафар, ғалаба, фатҳу нусрат
ВИЛОД зоидан, зоида шудан, таваллуд
ВИР ёд, ҳофиза, зеҳн, хуш
ВИРОИШ таҳриру такмил; тасҳеҳ
ВИРОСТОР/ВЕРОСТОР муҳаррир; масъули чоп
ВИСОҚ 1.банд, қайд. 2. аҳду паймон;3. хона, манзил; ҳарамсаро
ВИФОҚ мувофиқат, якдилй, иттифоқ, созиш
ВИЧОР лонаи ҳайвоноти ваҳшй
ВО I 1.кушода, боз. 2.чудо кардан, дур кардан
ВО II шакли кутоҳшудаи вой
ВОБИЛ сахт, бошиддат (мас.борон)
ВОВАЙЛО нидои таассуф, э воҳ, вой дод...
ВОДОР мачбур, ӯҳдадор, вазифадор
ВОЖА калима, луғат
ВОЖГУН//ВОЖГУНА 1.сарнагун, сарозер, чаппа. 2.мач. носозгор, мухолиф, бад, вайрон
ВОЗЕҲ равшан, ошкоро
ВОЗЕЪ ваъзкунанда; таъсискунанда,асосгузор
ВОЗИР 1.борбардор, боркаш 2.мач.гунаҳкор, чинояткор
ВОЗИЧ хавозаи ток, воиш
ВОИЗ ваъзгӯянда; панду насиҳаткунада (доир ба масъалаҳои динй)
ВОЙ I пустин

| | |
|---|---|
| ВОЙ II | канори замин |
| ВОЙ III | нидо, калимае, ки ҳангоми дард, таассуф гуфта мешавад |
| ВОКАШИДАН | дароз кашидан, ёзидан |
| ВОҚИФ | огоҳ, бохабар, хабардор |
| ВОЛА | шефта, ҳайрон |
| ВОЛЕҲ | шефта, мафтун, ошиқи шайдо |
| ВОЛИД | падар, додо |
| ВОЛИДА | модар, оча |
| ВОЛИДАЙН | падару модар |
| ВОЛӢ | фармонраво, ҳокими вилоят, соҳиб |
| ВОЛО | боло, баланд; олӣ, хуб; маҷ. қимматбаҳо, лоиқ; муносиб |
| ВОЛОМАҲОМ | олимақом, баландмартаба, наҷиб, шариф |
| ВОМ | қарз; иқтибос |
| ВОМБАРГ | заём |
| ВОМИҚ | дӯстдоранда; номи қаҳрамони достони «Вомиқу Азро» |
| ВОМОНДАН | ақиб мондан, қафо мондан, пас мондан, аз дигарон ҷудо шудан; банд шуда мондан |
| ВОР I | лаёқат, лоиқ будан ба коре |
| ВОР II | фасл, мавсим |
| ВОРА | милки дандон |
| ВОРАСТА | раҳо, халос |
| ВОРИД | дароянда, дохилшаванда |
| ВОСИҚ | дилпур, боварӣ дошта, устувор |
| ВОСИЛ | расанда, фаросида, васлшаванда, васлшуда |
| ВОСИТА | миёнчил, миёнаравӣ |
| ВОСИ | васфкунанда, ситоишкунанда |
| ВОТ | пӯстин |
| ВОТГАР | пӯстиндӯз |
| ВОФИ | бисёр, фаровон |
| ВОФӢ | вафокунанда; содиқ; кифоя, кофӣ |
| ВОҲИД | як, якто, ягона |
| ВОҲИМА | тарсу бим, даҳшат; ҳавл; тасаввури беасос |
| ВОҲӢ | суст, бебунёд, беасос; бемаъно, бефоида |
| ВОҶИБ | 1.зарурӣ, бисёр лозим; амре, ки иҷрояш ҳатмӣ;<br>2.ҳақ, музд |
| ВОҶИБУЛВУҶУД | он ки вуҷудаш воҷиб аст; худо |
| ВУД(Д) | дӯстӣ, меҳру муҳаббат |
| ВУЗӮ | таҳорат, шустушӯи пеш аз намоз |
| ВУЗӮҲ | равшанӣ, аёнӣ |
| ВУҚУФ | огоҳӣ, хабардорӣ, бохабарӣ |
| ВУРУД | ворид шудан, дохил шудан |
| ВУРУТ | бурут, мӯйлаб |
| ВУСТО | миёна, мобайнӣ |
| ВУСУҚ | эътимод, бовар |

ВУСУЛ расидан
ВУФУР бисёрӣ; фаровонӣ; серобӣ
ВУШМ бедона, вартиш
ВУҲУШ вахшиҳо, ҳайвоноти вахшӣ

## Г

Г ҳарфи чоруми алифбои забони тоҷикӣ
ГАБР I оташпараст, пайрави дини зардуштӣ
ГАБР I як навъ либоси ҷангӣ
ГАВ I ҳайвони хонагии маъруф; гави афсонавӣ, ки гӯё замин бар болои шохи он қарор гирифтааст ва он гов бар пушти моҳӣ ва моҳӣ дар об меистад; 2. маҷ. паҳлавон, далер; бузург, калон; 3. нодон, аҳмақ; 4. номи яке аз қаҳрамонҳои «Шоҳнома»
ГАВ II чуқурии чоҳмонанд, мағоқ,
ГАВАЗН гови кӯҳӣ, ки шохҳои баланди панҷадори дароз дорад
ГАВД чуқурӣ, мағоқ
ГАВДОЛ чуқурӣ, жарфо
ГАВЗ чавз, чормагз
ГАВОЖА таъна, сарзаниш; маҷ. масхара, мазоқ
ГАВОНЧӢ далер, паҳлавон, сардори паҳлавонон, сипаҳсолор
ГАВРАЙҲОН як хели райҳони калонбарг
ГАВҲАР 1. марворид санги қимматбаҳо; 2. маҷ. шеъри мавзун ва равон; 3. асл, асли ҳар чиз;4. маҷ. наҷот, насаб; фарзанд; 5. ашк; 6.дандон
ГАВҲАРБОР маҷ. ашкбор, ашкрез
ГАВҲАРОГИН бо ҷавоҳир оросташуда
ГАВҲАРФАШОН 1. гавҳарпош; 2. маҷ.фасеҳзабон, ширингуфтор
ГАДАК хӯроки ҳасибмонанд
ГАЖ сухан, гуфтор; сухани беҳуда ва беасос
ГАЗ I олати чӯбӣ ё оҳании ченкунии масофа, матоъ (91,5см)
ГАЗ II бутта, дарахти хурд
газ асоси замони ҳозираи газидан
ГАЗАК чизе ки барои нӯшидани обакиҳои тунд, талх аз паси май хӯранд
ГАЗАНД осеб, зарар, зиён
ГАЗАР сабзӣ, беҳӣ
ГАЙҲОН//КАЙҲОН дунё, ҷаҳон, олам
ГАНД ганда, бад, бӯи бад
ГАНДА бадбӯй, гандида, вайроншуда
ГАНДАНО сабзае аз ҷинси пиёз ва сир
ГАНДАПИР зани пири фартут, зани солхӯрда
ГАНҶ 1. хазинаи тилло, нуқра ва ҷавоҳирот; 2. суханҳои балеғи пурмазмун; 3. сарват,

боигарӣ; 4. номи оҳанге аз оҳангҳои Борбад

ГАНҶУР хазинадор, хазиначӣ

ГАРАВ нигаҳдории чизе дар бадали чизе; чизе, ки барои коре шарт бастаанд; кафил, зомин

ГАРАВГОН шахсе ё гурӯҳи одамоне, ки бо мақсади рӯёндани пулу мол ё иҷрои ягон талаби сиёсӣ аз ҷониби шахсони дигар дуздида ё ба зӯрӣ нигоҳ дошта мешавад

ГАРАВИДАН бовар кардан ба касе ё чизе, мӯътақид шудан, имон овардан

ГАРД I 1. гардиш, ҳаракат, 2. маҷ. гардун, чарх

ГАРД II хокреза, чангу ғубор

ГАРДА хокаи ангишт, ки наққошон ба кор мебаранд

ГАРДАНО сихи кабоб

ГАРДУН 1. фалак, сипеҳр, осмон; 2. маҷ.рӯзгор, тақдир; 3.олам, дунё

ГАРЕВА/ГИРЕВА замини баланди барҷаста ҳамчун пушта ва тал

ГАРЗАН тоҷи махсуси подшоҳони каёнӣ

ГАРМ 1.боҳарорат, ҳароратдор; 2.маҷ.тунд, тез, бошитоб; борағбат, ғазабнок, хашмгин, оташин; 3.ранҷ; 4.равнақгирифта

ГАРОИШ майлу рағбат

ГАРОН вазнин, сангин; маҷ.душвор

ГАШ хуб, хуш, зебо, нозанин

ГЕОПОЛИТИКА назарияи сиёсие, ки бар асоси он сиёсати давлат (асосан сиёсати хориҷии он) бо омилҳои ҷуғрофӣ, ҳолати ҷойгиршавии кишвар, обу ҳаво, захираҳои табиӣ ва ғайра пешакӣ муқаррар мегардад; таъсири муайяни омилҳои ҷуғрофӣ ба иёсати хориҷии давлат

ГЕСУ мӯи дарози занон, кокул

ГЕТИАФРӮЗ оламтоб

ГЕТӢ ҷаҳон, дунё

ГИЛ хоки бо об омехта, лой; хоки сахт ва хушк

ГИЛА шиква, шикоят

ГИЗОФ//ГАЗОФ ҳарза, беҳуда; беасос, дурӯғ; хато; сафсата, ҳазён

ГИМЕЗ/ГИМАЗ пешоб, шоша

ГИРДАК хайма

ГИРДАКОН чормағз, ҷавз

ГИРДБОН кӯҳони шутур

ГИРДИҲАМОЙ намоиш; ҷамъомад; митинг

ГИРЕҲ банд, укда, тугун; чин, оҷинги пешонӣ

ГИРЕҲКУШО мушкилкушо, ҳоҷатбарор

ГИРИФТА 1. сифати феълии замони гузаштаи гирифтан; 2. асир, гирифтор, банда; 3. бадхӯй, бадфеъл; касе ки аз вай ба касе фоидае намерасад, 4.хасис, тангдаст

ГИРИФТАН 1. ба даст даровардан, ба чанг даровардан; 2.ҳосил намудан; 3.забт кардан, истило кардан, ситондан; 4. дастгир кардан, банд кардан; 5. рафтан ба сӯи чизе ё ҷое; 6. расидан, рафта расидан, оғоз кардан; 7. фарз кардан, тасаввур кардан; 8. феъли ёридиҳанда дар феълҳои таркибии номӣ

ГИРИФТОР 1. дастгиршуда; асир, бандӣ; 2. маҷ.машғул, саргарм; 3. ошиқ, дилдода; мафтун

ГИРО 1. гиранда; 2. маҷ. таъсирнок, таъсирбахш

ГИРОИДАН/ГАРОИДАН майл ва рағбат намудан ба чизе, рӯ овардан ба чизе

ГИРОИШ гирифторӣ ба ҳолати ногувор; дармондагӣ

ГИРОМӢ азиз, арҷуманд

ГИРОНИДАН 1. даргиронидан, оташ афрӯхтан; 2. дастгир кунонидан

ГИРОН//ГАРОН 1. вазнин, сангин; 2. маҷ.душвор, сахт, мушкил; 3.калон, бузург; 4. фаровон, зиёд, бисёр; 3. пурқимат, пурбаҳо; 6. бадхӯй, бадфел

ГИРОНМОЯ//ГАРОНМОЯ гаронбаҳо, қимматбаҳо

ГИРОНҶОН/ГАРОНҶОН коҳил, танбал; бадхулқ, бемеҳр, сахтдил

ГИРУДОР 1. фармондиҳӣ, ҳукмронӣ; 2.тартиб, сомон; 3. кашмакаш, ҷанг

ГЛОБАЛӢ сартосарӣ, ҷаҳонӣ, ҷаҳоншумул

ГЛОБОЛИЗАТСИЯ ҷаҳоншумулӣ, ҷаҳонпайвандӣ, сартосарӣ

ГОВ *ниг.*ГАВ

ГОВАРС арзан

ГОВДУМ карнай

ГОВЗӮР пурзӯр, пурқувват

ГОВОҲАН оҳане, ки ба нӯги сипар (омоч) гузаронида заминро шудгор мекунанд

ГОВРИШ одами гӯл; аҳмақ, беақл

ГОЗ 1. микроз, қайчӣ; 2. маҷ.бо дандон газидан

ГОЗА 1. алвонҷ, арғунчак, белинчак; 2. хонаи аз чӯбу тахта ва ё аз чӯбу шоху алаф сохташуда, коза; 3. камингоҳи сайёд

ГОЗУР либосшӯй, ҷомашӯй

ГОЗУРГОҲ/ГОЗУРГАҲ 1. ҷое, ки дар он ҷо шустагарӣ мекунанд; 2. номи мавзее дар ҳирот, ки он ҷо Ансорӣ ном сӯфӣ дафн гардидааст; номи мавзеест дар Шероз

ГОҲ//ГАҲ ҷой, макон; тахт, варанг; вақт, замон

ГРАНТ стипендия ба донишҷӯ ва аспирант барои таҳсил ё маблағгузории иловагӣ барои бурдани тадқиқоти илмӣ ба тадқиқотчӣ

ГУВОРИДАН ҳазм кардан; хушу форам омадан

ГУВОҲ шоҳид; далел, бурҳон

ГУДОЗ обшавй, гудозиш; сӯзиш, дард; нобуд кардан
ГУДОХТАН 1. об шудан; ҳал шудан; 2. маҷ.дар азоб сӯхтан
ГУЗАР I 1. гузаштан; 2. сарфи назар кардан; 3. гузаргоҳ, роҳи гузаштан; кӯча, гузаргоҳи калон; 4. маҷ.халосй, раҳой; чора, илоҷ
ГУЗАР II маҳаллаи шаҳр
ГУЗАРНОМА иҷозатнома, пропуск
ГУЗАШТАН 1. гузар кардан, убур кардан; аз пеши касе чизе гузар кардан; шикофта дохил шудан; 2. мурдан, вафот кардан
ГУЗИДА мумтоз, беҳтарин, нағз
ГУЗИН 1. гузида, интихоб шуда, мунтахаб; 2. маҷ.сазовор, лоиқ
ГУЗОРИШ 1. таъбир; баёни хоб, гуфтор; 2. ривоят, адо кардан; 3. маҷ. наққош, сураткаш
ГУЗОШТАН 1. мондан, ниҳодан; нишондан, ҷой додан; 2. боқй гузоштан, таслим кардан; 3. тарк кардан; 4. ба ҳоли худ мондан; 5. иҷозат додан; 6. ба сар бурдан, умр гузарондан
ГУЛ 1. ғунча ва ё муғҷаи вошудаи гиёҳон ва дарахтон, куфаи кушода;2. киноя аз чизи беайб,бенуқсон; 3. шароб; 4. рухсора, рӯй, чеҳра, маҳбуба; 5. сари фатилаи чароғ, шамъ; доғи сафедаи чашмбемории чашм; обилаест, ки дар бадани бачагон мебарояд
ГУЛАНДОМ зебобадан, нозанин
ГУЛАФШОН 1. гулрез; нурпош, нурафшон; 2. бемории пӯст
ГУЛБАРГ 1. барги гул; 2. маҷ.рӯи зебо; лаби маҳбуба
ГУЛБЕЗ гулафшон, гулрез
ГУЛБОНГ овози баланд, бонг фарёд; овози хуш, форам
ГУЛБУН буттаи гули садбарг
ГУЛГАШТ сайру гашт дар ҷойҳои дилкушо; ҷои дилкушо, хурсандиовар
ГУЛГУН 1. гулранг, ба ранги гул, сурхранг, сурх; 2. аспи сурх
ГУЛГУНҚАБО 1. сурхпуш; 2. маҷ. зебо, хушрӯ
ГУЛЛИЯ организм
ГУЛДАСТ моҳир, ҳунарманд
ГУЛОБ 1. оби гули садбарг; 2. шароб, май; 3. киноя аз ашк, сиришк
ГУЛСИТОН//ГУЛИСТОН маҳалли рӯидан ва парвариши гулҳо, гулбоғ, маҷ. маъшуқа, маҳбуба
ГУЛФОМ гулранг, гулгун, сурхранг
ГУЛЧЕҲРА гулрӯ, хушрӯй, соҳибҷамол
ГУЛШАКАР гулқанд, мураббое, ки аз қанду гули боғй пухта мешавад
ГУМ I 1.бедарак, ғоиб; 2.маҷ.беҳуд, беҳол шудан
ГУМ II ҷои чуқурии об

ГУМОН — 1. шак, шубҳа; тахмин, таваккал; 2. ақида, эътиқод; фикр, хаёл, тасаввур

ГУМОШТА — 1. аз тарафи касе ба амал ё вазифае таъиншуда; фиристода; 2.ҷосус; 3.вакили тиҷоратии пурраҳуқуқи касе ё ширкате

ГУМРОҲ — 1. роҳ гумкарда; саргардон; 2. маҷ.каси аз роҳи дуруст берун баромада

ГУМРУКХОНА — идораи гумрук, божхона, пости гумрук

ГУНА — 1.ранг; 2.хел, навъ; 3.тарз, тариқ; 4.рӯй, рухсора, ораз

ГУНБАД//ГУНБАЗ I — 1.сохтмони сохташ қуббашакл; 2.киноя аз осмон, дунё,фалак

ГУНБАД//ГУНБАЗ II — ҷастухез,чорхези ҳайвонот ҳамчу асп,оҳу ва ғ.

ГУРД — паҳлавон, баҳодур; далер, шуҷоъ

ГУРЗ — амуди оҳанин, олоти ҷангӣ

ГУРОЗ — 1.хуки даштӣ; 2.киноя аз шуҷоъ, далер

ГУСАСТАН — 1. шикастан; буридан; пора кардан; 2. раҳо шудан

ГУСТОХ — бетакаллуф; бемуҳобо; бешарм; беҳаё; бебок

ГУФТАН — 1.сухан гуфтан, гап задан; ақида баён кардан; 2 ҳисобот кардан; 3. шумуридан; 4.сурудан; 5. назм кардан;

ГУҲАР — шакли кутоҳшудаи гавҳар

ГУҲАРБОР — 1.гуҳаррез; гавҳарпош; 2.маҷ: гӯяндаи суханҳои ширин

ГУҲАРПОШ — 1. гуҳаррез; 2. маҷ; резандаи қатраҳои арақ; ашк

ГУҲАРСАНҶ — 1.гавҳаршинос; 2.маҷ; сухансанҷ; хирадманд; доно

ГӮЁ I — гӯянда, изҳоркунанда, сухангӯ

ГӮЁ II — мисли он ки... монанди он ки... чунин гумон карда мешавад, ки

ГӮЙ — ҳар чизи гирд; лӯнда; тӯп; тӯпи ҷавгон; тугма

ГӮЛ — аҳмақ, нодон; фиреб, <u>гӯл додан</u> фиреб додан <u>гӯл задан</u> фиреб задан

ГӮР I — қабр; марқад; мазор

ГӮР II — хари ваҳшии биёбонӣ

ГӮШМОЛ — 1. гӯш молидан; 2. маҷ; танбеҳ; ҷазо

ГӮЯНДА — сухангӯй; мутакаллим

## Ғ

Ғ — ҳарфи панҷуми алифбои забони тоҷикӣ

ҒАБҒАБ — бағбаға, гӯшти зери манаҳ

ҒАБӢ — кундзеҳн, калтафаҳм

ҒАБН — 1.зарар ва зиён дар хариду фурӯш; 2. фиреб, ҳила, макр

ҒАБОВАТ — гӯлӣ, аҳмақӣ, нодонӣ

ҒАБРО — замин, хок

ҒАВ — 1. наъра, фарёди баланд; 2. чӯбе, ки бо вай

сари роҳ ва ё пеши дарвозаро банд кунанд; монеъ
ҒАВВОС 1.ғӯтазананда дар об; 2.касе, ки барои ба даст овардани марворид дар баҳр ғӯта мезананд
ҒАВҒО 1.бонгу фарёд, шӯру фиғон; 2.ҳаяҷон, ошӯб; 3. бонгу хуруши сӯфиён дар ҳалқаи чаҳр
ҒАВӢ гумроҳ
ҒАВОМИЗ суханҳои печида ва мушкил
ҒАВР 1. чуқурӣ, мағок; 2. маҷ. диққат, мулоҳиза, андеша
ҒАВС I фарёдрас, мададгор
ҒАВС II 1. ғӯта хӯрдан ба об барои ба даст овардани марворид; 2.чуқур андеша ва мулоҳиза кардан
ҒАД фардо, пагоҳ
ҒАДАНГ ҷоҳил, нодон, аблаҳ; ландаҳур
ҒАДДОР бисёр бевафо, хиёнатгар
ҒАДИР кӯл, оби аз борону сел ҷамъшуда
ҒАДР 1.бевафоӣ, аҳдшиканӣ; 2. фиреб, макр
ҒАЖ гавак кашида роҳ рафтан;
ҒАЖИДАН хазидан, гавак кашидан, гавак рафтан
ҒАЗАБ хашм, қаҳр
ҒАЗАЛ як навъ шеъри лирикии ба тарзи ав, ба, ва... қофиядор, ки аз 5 то 11 байт аст
ҒАЗАНФАР Шер
ҒАЗОВАТ ҷанг, ҳарб дар роҳи дин
ҒАЗОЛ 1.оҳу, оҳубарра; 2.маҷ.маҳбуба
ҒАЙБ нопадидӣ, нопайдоӣ
ҒАЙБАТ I ғоибӣ, нопадидӣ, дурӣ, ҷудоӣ
ҒАЙБАТ II айбӣ касеро дар қафояш гуфтан
ҒАЙБДОН донандаи розҳои пӯшида
ҒАЙР 1. бегона, ношинос; 2.каси дигар; 3.рақиб, хасм, душман
ҒАЙРАТ 1.саъю ҳаракат, ҷуръат, ҷасорат; 2.рашк, ҳасад; 3. кӯшиши зиёде дар коре
ҒАЛАБА 1.фатҳ, пешдастӣ; 2.фаровонӣ, бисёрӣ
ҒАЛАТ хато, саҳв
ҒАЛЕВОЖ//ҒАЛЕВОЧ мурғи чӯҷаро сайд кунанда; зоғи калон
ҒАМ ғусса, андӯҳ
ҒАМАНДЕШ ғамнок, ғамгин
ҒАМАНДӮЗ пурғаму ғусса, пур аз андӯҳ
ҒАМГИН андӯҳгин
ҒАМГУСОР ғамбарор; ғамхӯр, мунис
ҒАМЗ 1. нозу карашма бо ишорати чашм; 2. суханчинӣ, ғаммосӣ
ҒАМЗА имову ишора кардан бо чашм ва абрӯву мичгон
ҒАМЗАДА ғамгин, андӯҳгин
ҒАМЗИДО(Й) ғамбаранда, хурсандибахш, фараҳафзо
ҒАММОЗ 1.ишоракунанда бо чашм, чашмакзан;

2.суханчин

ҒАМОМ — абр, абри сафед
ҒАМОМОСО — абросо, монанди абр
ҒАМПАРАСТ — он ки ба ғам хӯ гирифтааст, ғампарвар
ҒАМПАРВАР — ғамгин, ғампараст
ҒАМПАРДОЗ — ғамгусор, ғамхор
ҒАМФАРҶОМ — он чизе, ки оқибаташ бо ғам тамом мешавад
ҒАНГ I — авози баланд
ҒАНГ II — хари нар
ҒАНГ Ш — тири ҷувоз; санги чувоз
ҒАНИМ — душман, рақиб, хасм
ҒАНИМАТ — 1.моли аз душман гирифташуда, ӯлча; 2.фоида, манфиат,суд
ҒАНӢ — бой, давлатманд
ҒАНО — боигарӣ, дорой, тавонгарӣ
ҒАНҶ// ҒУНҶ — карашмаву ноз, ҳаракати чашму абрӯ
ҒАНҶА — раъной, нозу карашма
ҒАРАЗ — 1. мақсад, мурод, 2.матлаб; қасд; қасди бад; 3.хулоса
ҒАРВ — най; нае, ки аз он қалам месозанд
ҒАРИБ — нодир, аҷиб; мусофир, одами бегона; маҷ.хору зор, бекас
ҒАРИБОШНО — ғарибдӯст, мусофирпарвар
ҒАРИБӢ — дурӣ аз ватан
ҒАРИЗ — бурдборӣ, сабру тоқат; дӯстӣ, лутфу меҳрубонӣ
ҒАРИЗА — хислати модарзод, ирсӣ; табиат, сиришт
ҒАРИҚ — ғарқшуда, дар об фурӯрафта
ҒАРРА — фирефта, мағрур
ҒАРРО — 1.аспи қашқа; 2.маҷ. нағз ва барҷаста
ҒАРС — дарахт шинондан; дарахти нав шинондашуда
ҒАРФ — паймона, зарфи паймона
ҒАРЧА — аблаҳ, аҳмақ, нодон
ҒАСБ — ҳар чизи ба зӯру зулм кашида гирифташуда
ҒАСС — хароб, лоғар, камгӯшт
ҒАССОЛ — мурдашӯй, покшӯй
ҒАФЛАТ — бехабарӣ, бепарвой; нодонӣ
ҒАФЛАТПАРАСТ — ғофил, дар ғафлат монда
ҒАФУР — бахшоянда, авфкунанда
ҒАФФОР — бисёр ориёткунанда, авфкунанда (сифати худо)
ҒАШОК — бӯи бади даҳон
ҒАЮР — 1.бисёр рашкбаранда; 2. маҷ.боғайрат;
ҒЕВ — садои баланд
ҒИЁС — фарёдрасӣ; чизе, ки ба воситаи он аз сахтие раҳой меёбанд
ҒИЗО — хӯрок, таом, хӯрданӣ
ҒИЛМОН — ҷ. ғулом
ҒИНО — суруд, оҳанг

| | |
|---|---|
| ҒИРЕВ | 1.ғулғула, шӯру ғавғо, доду фарёд; 1.овози нола, фиғон |
| ҒОБ | сухани беҳуда, ёва, сафсата |
| ҒОЗА | гулгуна, сурхие, ки занон ба рӯй мемоланд |
| ҒОЗӢ I | ғизодиҳанда |
| ҒОЗӢ II | ҷангкунанда аз номи дини ислом бо ғайри мусулмон |
| ҒОИБ | нопайдо, аз назар дур |
| ҒОИЛА | бадӣ, кина |
| ҒОЛИЯ | таркиби сиёҳранг ва хушбӯйҳо ; мушк, анбар |
| ҒОЛИЯБӮЙ | ғолияранг, сиёҳранг, хушбӯй |
| ҒОЛИЯГУН | ғолияранг, сиёҳранг |
| ҒОЛИЯЗУЛФ | он ки зулфаш сиёҳу хушбӯй аст |
| ҒОЛИЯМӮЙ | он ки мӯи сиёҳи хушбӯй дорад |
| ҒОЛИЯФОМ | ғолияранг, сиёҳранг |
| ҒОРАТ | тороҷ, яғмо |
| ҒОРАТГАР | тороҷгар, яғмогар |
| ҒОСИБ | ба зулму ситам ситонанда; ғирандаи мулки дигаре ба зӯрӣ |
| ҒОФИЛ | бехабар, бепарво, нодон |
| ҒОФИЛӢ | ғафлат, бепарвой, нодонӣ |
| ҒОЯТ | 1.ниҳоят, интиҳо, охир, поён; 2.андоза, ҳад |
| ҒУБОР | 1.гард, чанг; 2..маҷ.асари ғаму ғусса |
| ҒУЛ I | дев |
| ҒУЛ II | занҷире, ки зиндониёнро мебанданд |
| ҒУЛҒУЛ | садо, овоз; чаҳ-чаҳи мурғон, овози булбул |
| ҒУЛУВ | 1.аз ҳад гузаштан; 2.маҷ.муболиға; 3. саркашӣ; 4. ҳуҷуми якбораи ҳама |
| ҒУРБАТ | 1.ғарибӣ, мусофирӣ; 2. маҷ.вафот кардан |
| ҒУРМ I | гӯспанди кӯҳӣ |
| ҒУРМ II | зарар, зиён |
| ҒУРРА I | ғурриш, ғирев, наъра |
| ҒУРРА II | сафедии пешонаи асп, қашқа; 2. аввали моҳ ва аввали рӯз; 3. беҳтарини чизе |
| ҒУРРАНДА | ғурришкунанда |
| ҒУРРИДАН | ғурриш кардан, наъра кашидан |
| ҒУРУБ | фурӯ рафтани офтоб |
| ҒУРУР | фирефтан; такаббур, ҳавобаландӣ |
| ҒУРФА | болохона, дарича |
| ҒУСЛ | шустушӯи бадан, оббозӣ |
| ҒУССА | ғам, андӯҳ |
| ҒУФРОН | бахшиши гуноҳ, авфи ҷурм |
| ҒУШТ | бараҳна, модарзод |
| ҒӮҚ//ҒУҚ | қурбоққа |

## Д

| | |
|---|---|
| Д | ҳарфи шашуми алифбоии забони тоҷикӣ |
| ДАББА I | зарфи чармӣ ё филизӣ барои чизҳои обакӣ |

ДАББА II 1.касе, ки дар зери нофи ӯ бод фуромада бошад; 2. моли аз ҷиҳати нобобӣ ба фурӯшнарафта; моле ки харидор вайро бо айбе ба фурӯшгор баргардонда бошад

ДАББАДӮЛЧА асбоби нодаркори рӯзгор

ДАББОҒӢ чармгарӣ

ДАББУС/ДАБУС гурзи оҳанӣ; номи қалъаи Зиёуддин, ки дар миёнаи Каттарқӯрғон ва Кармина мавҷуд аст

ДАББОҒ ошдиҳандаи пӯст

ДАБДАБА овози баланд; овози табл ва нақора; овоза; тантана

ДАБИҚӢ як навъ матои абрешимии нафис, ки ба Дабиқ ном шаҳри Миср нисбат медиҳанд

ДАБИР 1. мирзо, муршӣ; котиб, иншонавис; 2. муаллим; 3. мусоҳиб, ҳисобчӣ

ДАБИРИСТОН мактаб; мирзохона

ДАБИРӢ мирзогӣ, котибӣ

ДАВАРОН гардиш, даврзанӣ. чархзанӣ, гирдгардӣ

ДАВЛАТ 1.мол, сарват, бойгарӣ; мамлакат; ҳукумат, салтанат; 2.ғалаба, зафар; 3.маҷ. бахту саодат, иқбол; хушбахтӣ

ДАВЛАТХОНА арк, боргоҳ, қаср, сарой

ДАВЛАТХУДОЙ соҳибдавлатӣ, давлатмандӣ, тавонгарӣ

ДАВО 1. дору, дармон; 2. маҷ. илоҷ, чора

ДАВОБ 1.ҷамъи добба. ҷунбандагони рӯи замин; 2.ҳайвоноти чорпои саворӣ ва боркаш

ДАВОБДОР саис, асббон

ДАВОЙ I мансуб ба даво

ДАВОЙ II хоҳишҳо; сабабҳо

ДАВОТ сиёҳидон

ДАВОЧ 1. болопӯш, рӯйҷо; кӯрпа, бистар; 2. қабо, ҷомаи васеъ.

ДАВР 1.гардиш, чархзанӣ; мавсим, фасл; вақт, замон; 2. маҷ. вақти ҳукмронӣ, аҳди салтанат

ДАВРА гирда, доира; маҷлиси дӯстон

ДАВРОН замони ҳукмронии касе ё давлате; *маҷ* бахт, толеъ

ДАҒАЛ макр хила; маккор, хилагар; чизи дурушт

ДАҒО макр, хила; носара, дурушт

ДАД ҳайвони дарранда

ДАЙ 1.моҳи даҳуми соли шамсӣ, ки ба 23-декабр-21 январ рост меояд, 2.маҷ. зимистон

ДАЙЛАМ 1.номи шаҳре дар Эрон; 2. гулом, банда; хизматгор

ДАЙР 1.ибодатхона ва хонахои насрониён ё оташпарастон; 2.маҷ. майхона, харобот

ДАЙРОНӢ муқими дайр, аҳли дайр

ДАЙН қарзе, ки вақти адои он муайян карда шуда бошад; ҳар вазифае, ки адои вай лозим бошад

ДАЙХИМ тоҷ, кулоҳ

ДАЙЧУР торикӣ, сиёҳӣ; шаби торик

ДАҚИҚ борик, нозук
ДАҚИҚНАЗАР борикбин, нозукбин
ДАЛВ 1.зарфест, ки бо вай аз чоҳ об мекашанд; 2.номи моҳи шамсист ки аз 21 январ то 20 феврал аст
ДАЛҚ либоси пашминаи дарвешон; маҷ.либоси кухна, жанда
ДАЛЛА I миёнаравикунанда дар корҳои ношоиста
ДАЛЛА II гурбаи саҳрой
ДАЛЛОЛ миёнаравикунанда дар хариду фурӯш
ДАЛОЛАТ раҳнамой, роҳ нишон додан; нишона, аломат
ДАЛЛОК ходимчй; сартарош
ДАМ I 1. нафас; бод, насим; фурсати андак, лаҳза; вақт,ҳангом, замон; 2.ҷуръа, қулт; 3.овоз, садо; бонг, гулгула; 4.фиреб, найранг, афсун, 5.канор, ё паҳлӯи чизе; бӯй
ДАМ II қисми тези ҳар асбоби бурранда
ДАМАН домани кӯҳ
ДАМДАМА I 1. фиреб, макр, ҳила; 2.овоза шӯҳрат; 3.печу тоб
ДАМДАМА II хашм, қаҳр; изтироб, воҳима, ларза
ДАМСОЗ ҳамсӯҳбат, мӯнис, ҳамдам; мувофиқ, мусоид; ҳамовоз
ДАНГ 1. бехабар, беҳуш; 2.ҳайрон; 3.ахмақ, аблаҳ; танбал
ДАНД 1. аблаҳ, аҳмақ, нодон; 2.дузд, бедиёнат
ДАНДОНА сихмола; кунгура
ДАНЙ нокас, фурӯмоя, паст, сифла
ДАР I пешоянд, ки ба дарун ишора мекунад
ДАР II асоси замони ҳозира аз даридан
ДАР III табақаи тахтагин ё оҳанин барои пӯшонидани даромади хона, дӯкон ва ғайра
ДАРАК 1.жарф; 2.хабар, нишона, асар
ДАРАНГ//ДИРАНГ 1.ист, таваккқуф; 2.таърих; 3.сустй; беҳаракатй
ДАРАҶА 1.поя, зина; мартаба, мансаб; карат, бор; 2. ҳар яке аз 360 ҳиссаи доира; 3.ҳар як аз тақсимоти як олат, мисли термометр
ДАРВЕШ бенаво, қашшоқ, фақир, гадо; қаландар, зоҳиди гӯшанишин
ДАРГИРИФТАН 1.афрӯхтан, ба сӯзиш сар кардан; гирифтан, ҳосил кардан, маҷ. сӯзондан, азоб додан; таъсир кардан; оташин шудан, қаҳр кардан, мувофиқат доштан; сар кардан
ДАРГОҲ/ДАРГАҲ дамгаҳи дар остонаи дар, боргоҳ дарбор, ҳавлй, хона, хоандон
ДАРҒАМ I навое аз мусиқй, ки гӯё дилкушо будааст
ДАРҒАМ II номи рудест, ки аз дарёи Зарафшон баровარда шудааст ва қисми калони шаҳри

Самарқанд ва ноҳияҳои атроф ба воситаи он бо об таъмин мешавад

ДАРД беморӣ, касалӣ, маҷ. азоби руҳӣ; ғаму ғусса

ДАРЕВОС чорчӯбаи дар (болодарӣ)

ДАРЕҒ/ДИРЕҒ ҳайф, афсӯс, пушаймонӣ; калимаи нидо, ҳайфо! Дареғо

ДАРЁБУР киноя аз аспи пурзӯри тездав

ДАРЁДИЛ киноя аз ҷавонмард, олиҳиммат, сахӣ

ДАРЁФТАН ёфтан, ба даст даровардан; дарк кардан, фаҳмидан; ғанимат донистан, ғанимат шумурдан, мадад кардан, ёрмандӣ расондан

ДАРЁНАВАРД киштибон

ДАРЗ чоки дӯхташудаи либос, ҷои пайванди ду чиз; чок, шикоф, роғ, сӯрох

ДАРЗАН сӯзан

ДАРЗАМОН дарҳол, фавран, зуд

ДАРЗӢ дӯзанда, ҷомадӯз, хайёт

ДАРӢ номи забони форсию тоҷикии адабӣ, ки баъд аз забони паҳлавӣ аз асрҳои YIII- IX сар карда, дар вилоятҳои Бухоро, Самарқанд, Хуросон ва Балх нашъунамо ёфт ва дар давраҳои баъд ба дигар сарзаминҳо паҳн шуда асос ва намунаи забони адабии форсӣ-тоҷикӣ гардид

ДАРК дарёфтан, сарфаҳм рафтан

ДАРҚ//ДАРҚА зиреҳ, ҷавшан, сипари чармин

ДАРНАВАРДИДАН тай кардан паси сар кардан

ДАРОМАДАН 1.дохил шудан, ворид шудан, расидан, сар шудан (оид ба рӯзу шаб, фасли сол) 2.берун шудан, баромадан 3.маҷ. зоҳир шудан; 4.афтидан ғалитидан

ДАРРОК дарккунанда, зудфаҳм

ДАРСНОМА маводи дарсӣ, лексия

ДАРУН дохил қисми дохили чизе мук. берун маҷ. ботин, замир, дил

ДАРУНМОЯ мазмуни аслӣ, ҷавҳар, моҳият

ДАРХОСТ талаб, тақозо, хоҳиш; пурсуҷӯ

ДАРХУРД лоиқ; муносиб, сазовор

ДАРХУРДАН лоиқ ва муносиб будан

ДАРҲАМ печида, печутоб хӯрда, маҷ. чигил; мушкил, душвор, якҷоя, бо ҳам омехта, пай дар ҳам

ДАРЮЗА гадой, садақаталабӣ

ДАСИСА макру ҳилаи пинҳонӣ, душмани пинҳонӣ

ДАСТ 1.яке аз аъзои одамӣ; 2.маҷ.бартарӣ, забардастӣ; 3.мансаб, бор, мартаба, карат, дафъа, навбат (дар қиморбозӣ) 4.маҷ. қобил, тавр, хел маҷ. ҳолу аҳвол; 5. нумератив, маҷмӯи чизҳои якҷинса

ДАСТБУРД 1.ғалаба, фатҳу нусрат; муваффақият; 2.чустӣ ва чолокӣ; корнамоӣ; 3.ғорат, тороҷ, ғанимат, моли ба даст даровардашуда (дар ҷанг)
ДАСТГИР I мададгор, ёридиҳанда, ёвар; ёрӣ, мадад
ДАСТГИР II ба даст афтода, асир
ДАСТГИР III чизест, ки аз латта дӯхта шуда барои гирумони дег, чойҷӯш ва ғ. ба кор бурда мешавад, дастгирак
ДАСТГОҲ аппарат, асбоб, олот; ҳайати иҷрокунандаи корҳои идоравии мақомот ё муассисаи давлатӣ
ДАСТКОЛА олатест, оҳанини саркаҷ, ки бо вай шохҳои ток ва дарахтро бурранд, токбур,
ДАСТМОЛ порчаест, ки бо вай дегу табақро шуста пок кунанд
ДАСТМОЯ сармояи савдо ва тиҷорат
ДАСТОН макр, фиреб, тазвир, ҳила; нағма, лаҳн; наво, афсона
ДАСТОР аммома, салла; дастархон
ДАСТОХИР дар навбати охир, охири охирон, қисса; лақаби Зол – падари Рустам
ДАСТРАНҶ касбу кор, ҳунар, меҳнат
ДАСТУР вазир; маҷ. роҳнамо; тарз, тариқ; рухсат, иҷозат
ДАСТҶАМЪӢ якҷоя, коллективона, муштарак
ДАФ асбоби мусикӣ, доира
ДАФИНА ганҷ, боигарӣ
ДАФТАР идора, маркази идоракунандаи ягон соҳаи кор; утоқи кор, маҳалли кор
ДАХМА мақбара, гӯрхона
ДАХДИЛ//ДАХДИЛА мунофиқ, дурӯя; киноя аз далер, шуҷоъ
ДАҲР замон, давр; дунё ҷаҳон; рӯзгор, толеъ
ДАҶАЛ фиреб, макр
ДАҶЛА дарёи маъруф дар Ироқ
ДАҶҶОЛ фиребгар, дурӯггуй
ДАШНА корди нӯгтез, ханҷар
ДЕБО порчаи абрешими қимматбаҳо, ҳарир
ДЕБОЧА либоси рӯи шоҳона; маҷ.сарсухан, муқаддима; аввал, ибтидои ҳар чиз
ДЕВА кирм, кирми пиллаи абрешим
ДЕВОН маҳкама, идораи давлатӣ; маҷ.кӯшк, қаср; дафтари ҳисобот, маҷмӯаи ашъор
ДЕРАНД дарозмуддат, бардавом; даҳр, дунё, замон
ДЕПОРТАТСИЯ зӯран аз як мамлакат ба мамлакати дигар рондани афрод, муҳоҷирати иҷборӣ
ДИДА 1.чашм; 2.маҷ. ҳар чизе, ки ба чашм монанд аст
ДИЖ//ДИЗ қалъа, ҳисор, қӯрғон
ДИЖАМ андӯҳгин; маҷ. парешон, ошуфта;тира, пажмурда
ДИЛ 1.қалб; 2.маҷ.дарун; ботин; 3.фикр, андеша,

| | |
|---|---|
| | 4.ёр, маҳбуба,5.майл, хоҳиш; далерӣ, шуҷоат; миёнаи ҳар чиз |
| ДИЛАФГОР | дилозурда, маҳзун |
| ДИЛАФРӮЗ | дилкушо; маҷ.маҳбуба |
| ДИЛОВАР | далер, шуҷоъ |
| ДИЛПАЗИР | дилхоҳ, форам |
| ДИЛРАБО | дилкаш, дилбар, зебо; маҷ. маҳбуба |
| ДИЛРЕШ | хастадил дилафгор; маҷ. ошиқ |
| ДИЛСАРД | дилхунук, бепарво |
| ДИЛСИТОН | дилбар, дилрабо |
| ДИЛХАРОШ | ҷонкоҳ, ҷонгудоз, пурсӯз |
| ДИМНА I | боқимондаи осори қадима, харобаҳои биноҳои қадим |
| ДИМНА II | номи қаҳрамони китоби "Калила ва Димна"; шағол, рубоҳ |
| ДИМОҒ | 1. мағзи сар; ҳиссаи буёӣ; 2.бинӣ; маҷ.кайфият, хоҳиш, май |
| ДИМОР//ДАМОР | ҳалок, несту нобуд; дуд |
| ДИН | 1. мазҳаб, кеш; 2. тариқ; оин |
| ДИРАМ//ДИРҲАМ | танга, пули нуқра |
| ДИРХАВШ I | бигиз |
| ДИРХАВШ II | дурахш, дурахшандагӣ |
| ДИРХАВШ III | байрақ, алам, ливо |
| ДИФОЪ | ҳимоя, мудофиа |
| ДОВАР | 1.касе, ки одилона ҳукм мекунад, соҳиби адлу дод; 2.ҳоким, ҳукмрон; 3. маҷ.худо |
| ДОВТАЛАБ | дохилшавнада, абитурент |
| ДОД I | бахшиш, инъом; адл, инсоф; ростӣ, ҳақиқат |
| ДОД II | фиғон, нола, калимаи нидо, фарёд! |
| ДОДВАР | одил, адолатпеша |
| ДОДГАР | одил, адолатпеша, маҷ. яке аз сифатҳои худо |
| ДОДГУСТАР | адлия, расидан ба арздод |
| ДОДОР | адолатпеша, одил; маҷ. худо |
| ДОДСИТОН | прокурор |
| ДОДХОҲ | адолатталаб; суд |
| ДОЙ | дуогуй; касе, ки дигареро ба оини худ даъват мекунад, толиб, даъвогар |
| ДОМ I | тузоқ; қапқон; банд; тӯри моҳигирӣ |
| ДОМ II | ҷонвари вахшии ғайри дарранда мисли оҳу, бузи кӯҳӣ |
| ДОНГ | аз шаш ҳисса як ҳисса, шашяки ҳар як чиз, воҳиди вазн дар давраҳои пешин |
| ДОНИШ | маърифат илм, фарҳанг; ақл, хирад |
| ДОР I | 1.дарахт, танаи дарахт, болор; 2.доре, ки бандиёнро меовезанд; 3.иншооти махсус, ки дорбозон бар болои он бозӣ мекунанд |
| ДОР II | 1. хона, ҳавлӣ; 2.ҷой, манзил |
| ДОРБУЙ | чӯби уд, ки бӯи хуш дорад |

ДОСТОН 1.қисса, ҳикоят, афсона; 2.воқеа, моҷаро; 3.маҷ.овоза, шӯҳрат; лақаби Рустам

ДОРУССАЛОМ ҷаннат, биҳишт; лақаби шаҳри Бағдод

ДОҲӢ зирак, ҳушёр; доно; пешво

ДОШТАН 1.молик будан, доро будан; 2.нигоҳ доштан, риоя кардан; 3.парвариш кардан, тасарруф кардан; 4.идора кардан; водор кардан; 5.ҳисоб кардан, шумурдан; 6.феъли ёридиҳанда

ДУГОҲ яке аз шуъбаҳои шашмақом

ДУДА I хонадон, хешу табор

ДУДА II дуде, ки аз сӯхтани чароғ ва г. ба вуҷуд меояд

ДУДА III кирме, ки дар даруни меъдаи одамӣ ва ҳайвонот пайдо мешавад

ДУДМОН 1.хонавода, хонадон, оила, хешу табор; 2.қабила

ДУЛДУЛ хачир ва маркаби тезрав

ДУН паст, дер, поин; одамони паст, разил

ДУНЁ 1.ҷаҳон, гетӣ; 2.маҷ. пулу давлат, сарват

ДУНҲИММАТ пастҳиммат, хасис

ДУР I 1.муқобили наздик; 2.чуқур, амиқ; 3.номумкин

ДУР (Р) II 1. марворид; 2.киноя аз ашк; 3. махбуба; 4.маҷ.дандони маъшуқа

ДУРАХШ дурахшонӣ; фурӯғ, равшанӣ, барқ, чақмоқ оташак

ДУРАХШОН тобон, равшан

ДУРДА таҳнишини чизҳои моеъ; шароби нософ, тира

ДУРДОНА 1. дурри якто; 2.азиз, нури дида

ДУРУД I зироаткорӣ

ДУРУД II 1.дуо, ибодат; 2.лутфу марҳамат; таҳсин, сано; 3.салом гуфтан

ДУРУШТ 1.дағал; сахт; ноҳамвор; 2.маҷ.сахтгир, бераҳм

ДУРЧ сандуқчаи ҷавоҳирот; ҳукка

ДУХУЛ табл,нақора

ДӮЛ I *ниг.* далв; 1.зарфи чармии обкашӣ аз чоҳ; сатил; 2.номи бурчи ёздаҳуми фалак буда, аз ин бурч гузаштани офтоб мутобиқи моҳи январ аст

ДӮЛ II маккор, ҳилагар; шатто, беҳаё

ДӮЛОБ 1.чарх ё ғарғараест, ки бо вай аз чоҳ об кашанд; 2.одаме, ки корҳои ӯ бесару бум ва бертартиб бошад

ДӮСТ 1.рафиқи шафиқ, меҳрубон ё ошно; 2. маҳбуба, маъшуқа; ошиқ

ДӮШ I китф, шона

ДӮШ II шаби гузашта, дишаб

ДӮШОБ ширai хоми ангур, хурмо ва монанди инҳо

ДӮҲОН равған

## Ё

| | |
|---|---|
| Ё | ҳарфи ҳаштуми алифбои забони тоҷикӣ |
| Ё I | пайвандаки ҷудой |
| Ё II | нидо, эй! ҳой! |
| ЁБИС | хушк |
| ЁБИР | замине, ки подшоҳ ба тариқи инъом ба касе бахшидааст |
| ЁБУ | аспи боркаш |
| ЁВА | 1.нопадидшуда, гумшуда; 2.маҷ.гумроҳ; беҳуда, ҳарза |
| ЁВАНД | подшоҳ |
| ЁВАГӮЙ | ҳарзагӯй, беҳудагӯй |
| ЁВАР | 1.ёридиҳанда, мададгор; 2.мувофик, хамкор |
| ЁҒӢ | 1.исён карда; 2.саркаш, исёнгар |
| ЁД | хотир, хотира, ҳофиза, ба хотир овардан, ба хотир нигоҳ доштан |
| ЁДБУД | чизе, ки ба тариқи ёдгорӣ ба кассе медиҳанд; ёдгорӣ, ёдоварӣ |
| ЁДГОР | ёддошт, хотира, асар |
| ЁДДОШТ | чизе, ки барои хотира менависанд, хотира, ёдбуд |
| ЁЗИДАН | 1.дароз кашидан ба сӯи чизе.2. маҷ. майл кардан, болидан; нумув кардан |
| ЁҚУТ | 1.санги қимматбаҳо; 2. киноя аз ашки хунин ва ғ. |
| ЁҚУТЛАБ | сурхлаб |
| ЁЛ | 1.гардан, мӯи гардани аспу хар; 2.китф; маҷ. бозу |
| ЁР | 1.дӯст, рафиқ; ҳамкор, шарик; маҳбуб, маъшуқ; 2.маҳбуба, маъшуқа; 3.ҷуфт; зан; 4. монанд, ҳамто |
| ЁРА I | дастбанд, дастпона |
| ЁРА II | қудрат, тавоной |
| ЁСАМАН//ЁСАМИН | буттаҳое, ки гулҳои сафеду зарди хушбӯй дорад |
| ЁСАМИНБӮ | хушрӯй |
| ЁСАМИНРӮ | хушрӯ, зебо |
| ЁСИН | сурае аз қуръон |

## Ж

| | |
|---|---|
| Ж | ҳарфи нӯҳуми алифбои забони тоҷикӣ |
| ЖАҒАНД | овози воҳиманоки ҷонварони ваҳшӣ |
| ЖАНД I | номи китоби зардушт |
| ЖАНД II | шакли кӯтоҳшудаи жанда |
| ЖАНДА | 1.кӯҳна, порашуда; 2.пир, фарсуда; 3.ганда, бад |
| ЖАНДАПИЛ | 1.фили калон ва ҳайбатнок; 2.маҷ.паҳлавон |
| ЖАНДАПӮШ | кухнапӯш |
| ЖАРФ | 1. чуқур, бепоён; 2.маҷ. бодиққат, дақиқона; 3.мушкил, нозук, борик. |
| ЖАРФАНДЕШ | дурандеш, нозукбин |
| ЖОЖ I | гиёҳи сафеди бемаза, ки шутур онро ҳарчанд хояд ҳам фурӯ бурда наметавонад |
| ЖОЖ II | суханҳои бехуда, ҳарза, ёва |

ЖОЖТАБЪ беҳудагӯй, ёвагӯй, бадтинат
ЖОЛА 1.қатраҳои борон, ки аз асари сардии ҳаво ба яхча мубаддал мегардад, дӯл, тагарк, 2.жола; шабнам, 3.маҷ. ашк, оби дида
ЖӮБИН/ЖӮПИН найзаи хурди душохадор
ЖӮЛИДАН пароканда шудан, дарҳам печидан; маҷ. парешон гардидан

## З

З ҳарфи даҳуми алифбои забони тоҷикӣ
ЗАБАР 1. боло, рӯй, бар; 2. фатҳа, дар алифбои арабии тоҷикӣ садоноки «а»-ро ифода мекунад
ЗАБАРҶАД санги қимматбаҳои сабзи ба зардӣ моил
ЗАБЕҲ гулӯбурида, қурбоншуда, қурбонӣ
ЗАБОБ мавиз
ЗАБОН 1. порчаи гӯшти мутаҳаррик дар даҳон; 2. воситаи ифодаи фикр; 3. нӯги чизе; 4. луғатҳое, ки ҳар қавм ва миллат бо онҳо муддаои худро мефаҳмонад (забони тоҷикӣ; забони ӯзбекӣ)
ЗАБОНА 1. шӯълаи оташ; 2. милаи тарозу, ки агар рост шавад, баробарии ҳар ду палларо нишон медиҳад
ЗАБОНГИР 1. хурдагир, айбҷӯ; 2. маҷ. ҷосус
ЗАБТ 1. худдорӣ, бардошт, тоқат; 2. донистан, дарк кардан; 3. идора кардан; 4. ба даст даровардан; истило
ЗАБУН нотавон, заиф; дармонда, бечора, хорузор; мағлуб
ЗАБҲ сар буридани ҳайвонот; қурбонӣ кардан
ЗАВ 1.чашидан, кайф, лаззат, маза; хурсандии беҳад; 2.орзу ҳавас, хоҳиш, майл, 3.маҷ. истеъдод, маҳорат
ЗАВОЛ 1.охир, поён; ҷудой, фурӯ рафтан; 2.нуқсон, зарар, зиён; офат; 3.баргаштан аз ҳоле ба тарафи пастии он
ЗАВЛОНА оҳанест, ки дар замони амир ба гардани бандиён мезаданд
ЗАВОЛА лӯндаи хамир ба андозаи як дона нон
ЗАВОР/ЗАВОРА 1.парастор, ғамхор; зиндонбон; 2.номи бародари Рустами Зол
ЗАВРАҚ киштии хурд, қайиқ
ЗАВЪ рӯшной, партав, нур, дурахш
ЗАҒОРА нони ҷуворӣ ё арзан
ЗАДАН 1.кӯфтан, чизеро ба чизе сахт расондан; 2.буридан, қатъ кардан; 3.газидан, неш халондан; 4.нӯшидан, хӯрдан, ошомидан; 5.вохӯрдан, дучор шудан; 6.густурдан; паҳн кардан; 7.расондан

чизеро ба чизе, молидан; 8.тулӯъ кардан, баромадан; 9.навохтан, сурудан; 10.ниҳодан, гузоштан; 11.феъли ёридиҳанда дар феълҳои таркибии номӣ

ЗАИФ суст, камқувват, оҷиз, нотавон

ЗАЙН зинат, ороиш; маҷ.хубӣ, накӯӣ

ЗАЙТУН дарахти ҳамешасабзе, ки дар баъзе кишварҳои гарм мерӯяд; меваи дарахти зайтун, ки аз он равған мекашанд

ЗАЙФ меҳмон, мусофир

ЗАКӢ ҳушёр, зирак; покиза

ЗАКОВАТ покӣ, покизагӣ, сафо

ЗАҚУМ 1. як навъ дарахтест талхшира; 2. заҳре, ки аз дарахти зақум гиранд; 3.ҳолати ногувори инсон

ЗАЛИЛ беэътибор, ночиз; фармонбардор; хор, ҳақир

ЗАЛИМ I шутурмурғ

ЗАЛИМ II ситамдида, мазлум

ЗАЛОМ торик, торикӣ

ЗАМБИЛ сабад, сабади ҳасирӣ; халтаи чармини гадоён

ЗАМЗАМ номи чоҳ ва чашмаест дар Макка дар назди хонаи Каъба

ЗАМ//ЗАММ I маломат, сарзаниш; бадгӯӣ

ЗАМ//ЗАММ II 1.илова кардан; 2.аломати замма, ҳарфи «у»-ро ифода мекунад

ЗАМИМ зишт, бад

ЗАМИМА илова, чизе, ки ба боли чизе зам мешавад

ЗАМИН I хок; кишвар, мамлакат

ЗАМИН II барҷомонда; ноҷунбон

ЗАМИН III гарав, қавл, зомин

ЗАМИР I дил, қалби инсон

ЗАМИР II ҷонишин

ЗАМОН I 1.вақт ҳангом, давр, мӯҳлат, фурсат; 2. тақдир, сарнавишт

ЗАМОН II 1.ҳаёт, умр; 2.маҷ.марг, аҷал

ЗАМОН III замонат, кафолат, кафилӣ

ЗАМР най, най навохтан

ЗАМҲАРИР хунукии сахт

ЗАН I ҷинси муқобили мард

ЗАНН II гумон, пиндошт

ЗАНАБ дум, думб

ЗАНАХ//ЗАНАХДОН манаҳ, зери манаҳ

ЗАНГ I гарди зангоре, ки дар рӯи металлҳо ба вуҷуд омада онро мехӯрад

ЗАНГ II зангӯла, ҷарас

ЗАНГ III одамони сиёҳмӯй, сиёҳпӯст

ЗАНГ IY шуои офтоб ё моҳ

ЗАНД I номи китоби тафсири «Авесто» ба забони паҳлавӣ

ЗАНД II бузург, азим
ЗАНДИҚ пайрави дини Зардуштиён «Занд»
ЗАР I фулузи зардранги гаронбаҳо; тилло
ЗАР II пирамард ё пиразан
ЗАРАНДУД зарҳал кардашуда, зар давондашуда
ЗАРАР зиён, нуқсон, носозгорӣ
ЗАРБ .задан, зарба; тирпарронӣ; 2.амали арифметикӣ, 3.сикка задан; 4.навохтан
ЗАРИФ 1.хуштабъ, тезфаҳм, зирак; 2.латиф, маҳин, нозук
ЗАРҚ дурӯягӣ, риё, макр, фиреб, ҳила
ЗАРОФАТ 1.зиракӣ, тезфаҳмӣ, чобукӣ, ҳозирчавобӣ; 2.ҳазл, базла, латифа
ЗАРРА I хурдтарин ҳиссаи чизе, ҳамчун атом
ЗАРРА II палонҷ, кундош
ЗАРФ I чизе, ки дар вай чизеро нигоҳ доранд: табақ, шиша, сатил
ЗАРФ II ҳиссаи тағирнашавандаи нутқ, ки аломати амал ва ё аломати дигареро нишон медиҳад
ЗАРЪ киштан; кишт
ЗАҲАБ тилло, зар
ЗАҲИР I ранҷ, азоб, озурда, нохушӣ
ЗАҲИР II ёридиҳанда, пуштибон, ҳамкор;
ЗАҲОБ I рафтан; гаштан, сайру гашт
ЗАҲОБ II чашма, чашмаи об
ЗАҲҲОК I хандон, бисёр хандон
ЗАҲҲОК II номи подшоҳи золим дар «Шоҳнома»и Фирдавсӣ
ЗАҲР I доруи кушанда
ЗАҲР II гул, шукуфа
ЗАҲРА 1.моеи сабзтоби талх, ки дар ҷигар пайдо мешавад; 2.маҷ. далерӣ
ЗАҶР манъ кардан; зулм, ситам, азоб, ҷавр
ЗАҶҶОРҶ оинасоз, шишагар; оинафурӯш, шишафурӯш
ЗАЪФ сустӣ, нотавонӣ, беқуватӣ
ЗАЪФАРОН гиёҳе, ки гулҳои зарди хушбӯй дорад ва ба хӯрок барои таъму рангу бӯй ба кор бурда мешавад, заъфар
ЗЕБ ороиш, зийнат; ҳусн, хушрӯй, соҳибҷамолӣ
ЗЕВАР ороиш, зийнат
ЗЕР I 1.таг, поён; 2.касра (и) дар алифбои арабии тоҷикӣ
ЗЕР II садои маҳин, садои нозук; пардае аз мусиқӣ
ЗЕРБИНО таҳдоб, бунёд, асос
ЗЕҲ I 1. ресмони камон, торе, ки ба камон кашида мешавад; 2. ҳошия, канора, ороиши гиребон
ЗЕҲ II зоидан
ЗЕҲ III калимаи нидо аҳсан! офарин!
ЗЕҲН фаҳм, ҳуш, идрок, зудфаҳмӣ

| | |
|---|---|
| ЗИ | шакли шеърии пешоянди аз |
| ЗИҒ | зиғол, қадаҳ, ҷом, пиёлаи калон; коса |
| ЗИҒОЛ | қадаҳ, ҷом, қадаҳи калон; коса |
| ЗИЁ | нур, рӯшноӣ |
| ЗИЁН | зарар, осеб |
| ЗИКР | 1. ёд кардан, ба забон овардан; 2. дар бораи чизе ё касе гуфтан ё навиштан; 3.маҷ. овоза, шӯҳрат; 4.рӯйхати чизе; 5.дуое, ки дар он номи худо такрор мехонанд, вирд |
| ЗИҚ | тангӣ, дилтангӣ |
| ЗИЛҚАЪДА/ЗУЛҚАЪДА | моҳи ёздаҳуми соли қамарии ҳиҷрӣ |
| ЗИЛЛАТ | хорӣ, забунӣ, беиззатӣ |
| ЗИЛЪ | 1.қабурға, устухони паҳлӯ; 2.ҷо, макон, кишвар |
| ЗИМОМ | инон, лаҷом |
| ЗИНДАЁД | шодравон, марҳум |
| ЗИНДИҚ | бедин, бехудо |
| ЗИНҲОР | 1.амон, паноҳ, аҳд, паймон; 2.ҳаргиз; калимаи нидо паноҳ! амон! |
| ЗИРЕҲ | либоси оҳанини ҷанговарон |
| ЗИРОЪ | газ, ченакест, аз оринҷ то нӯги ангушти миёна (тахминан 48 см); андоза кардан, чен кардан |
| ЗИРӮҲ | он кӣ рӯҳ дорад, ҷондор, зинда |
| ЗИФОФ | тӯй, тӯйи никоҳ |
| ЗИҲӢ | калимаи нидо, аҳсан! боракалло! офарин! марҳабо! |
| ЗИҲОМ I | заҳмат додан; заҳмат, ташвиш |
| ЗИҲОМ | анбӯҳӣ, издиҳом, тӯдаи мардум |
| ЗИШТ | бад, қабеҳ, бадафт |
| ЗОБИТ | 1.идораткунанда, ҳоким; 2.марди ҳушёру тавоно; 3.офитсер |
| ЗОБИТА | қонун, қоида, дастур, низомнома |
| ЗОВИЯ | 1.кунҷ, гӯша, канор; 2.маҷ. ҳуҷраи зоҳид |
| ЗОД I | шакли кӯтоҳшудаи **озод** |
| ЗОД II | зода, фарзанд |
| ЗОД III | тӯша, хӯрок |
| ЗОДНОМА | шаҳодатнома дар бораи таваллуд, паспорт |
| ЗОЕЪ | талаф, нобуд, барбод, бесамар, бефоида, бенигаҳбон, беназорат |
| ЗОИД | зиёдшаванда, зиёд, бисёр |
| ЗОИҚА | маза, таъм, завқ |
| ЗОИЛ | нобуд, маҳв; нопадид |
| ЗОЛ | пир, мӯйсафед; номи падари Рустам |
| ЗОР I | 1.гиря, нола, фиғон, оҳ, фарёд; нолон, гирён; хор; 2.бадбахт, заиф, нотавон |
| ЗОР II | 1.зарардиҳанда, зиёновар, зараррасон; 2.**зор** пасванд, бисёр будани ягон чизро ифода мекунад |
| ЗОҲИД | гӯшанишин, парҳезгар, порсо |

ЗОҲИР 1.тобон, дурахшон; ошкор, падидор, равшан, аён; 2.шакл, ҳолати берунӣ
ЗУБДА//ЗУБДАТ саршир, қаймоқ; хулосаи ҳар чиз
ЗУЛ(Л) хорӣ, мазаллат
ЗУЛОЛ ҳар мояи соф
ЗУЛФ ҳалқаи мӯй, ғесӯ
ЗУЛФИҚОР//ЗУЛФАҚОР номи шамшери Алӣ, ки мувофиқи риоят, пайғамбар ба ӯ бахшида будааст
ЗУЛХУМОР 1.лақаби як паҳлавони араб, ки ба дасти Алӣ кушта шуда буд; 2.киноя аз одами боқуввати бадкор
ЗУМРА гурӯҳи мардум, тӯда
ЗУМУРАД санги қимматбаҳои сабзранг
ЗУННОР риштае, ки дарвешон ба миён мебастанд; ришта
ЗӮФУНУН соҳиби фанҳо, соҳиби илм
ЗӮҲД парҳезгорӣ, порсой, тарки дунё
ЗӮҲО чоштгоҳ, киноя аз офтоб
ЗӮҲРА сайёраи ноҳид; киноя аз зан ё духтари зебо

## И

И ҳарфи ёздаҳуми алифбои забони тоҷикӣ
ИБДОЪ эҷод кардан; ба вуҷуд овардан
ИБИЛ шутур, шутурон
ИБЛИС шайтон, аҳриман
ИБЛОҒИЯ мурочиатнома, даъватнома
ИБН писар
ИБО худдорӣ крадан аз коре
ИБОД ҷ. абд; маҷ. бандагон, одамон
ИБОДАТ парастиши худо, иҷрои фарзҳои динӣ
ИБОРА баён, ифода, сухан, калом, тарзи ҷумлабандӣ
ИБРАТ натиҷа ва сабақе, ки одамон аз мушоҳида ва мулоҳизаи аҳволи дигарон мегиранд; панд намуна
ИБРИҚ кӯзача, зарфи майнӯшӣ
ИБРӢ яҳудӣ; забони яҳудӣ
ИБРО аз гуноҳ пок кардан, сафед кадан гунаҳкорро; аз беморӣ халос кардан, адо кардан, бахшидани қарз
ИБРОЗ ошкор кардан, зоҳир кардан
ИБРОМ исрор, истодагарӣ
ИБТИЁЪ харидуфурӯш, харидан, харидорӣ кардан
ИБТИЗОЛ беқадрӣ, беэътиборӣ, фарсудашавӣ
ИБТИКОР ташаббус, ташаббускорӣ, маҳв; бекор кардан, ботил кардан
ИБҲОМ пӯшида сухан гуфтан
ИҒРОҚ ғарқ кардан, ғӯтондан; муболиғаи аз ҳад зиёд
ИДБОР бадбахтӣ, тирабахтӣ
ИДРОР равон шудан, паёпай рехтан; маош, рӯзгузаронӣ
ИЁДАТ касалбинӣ, ҳолпурсӣ
ИЁЛ оила зан; аҳли хонадон

ИЗЗ иззат, эҳром

ИЗИ иҷозат, рухсат

ИЗО I вақте ки, ҳангоме ки

ИЗО II ранҷ, азоб, озурдан

ИЗО III муқобил, рӯ ба рӯ

ИЗОФА 1.афзоиш, афзудан, зиёд кардан; нисбат додан чизеро ба чизе ё касе; 2.бандак, ки муайянкунандаро бо муайяншаванда пайваст мекунад

ИКРОМ иззат ва эҳтиром намудан; навозиш кардан, лутфу марҳамат;

ИКСИР кимё, ҷавҳари афсонавиест, ки гӯё ба воситаи он мисро ба тилло табдил додан мумкин будааст ҳурмат, иззат

ИКТИСОБ касб кардан, ҳосил кардан

ИКТИФО қаноат кардан, қонеъ шудан

ИҚБОЛ бахт, толеъ, саодат

ИҚД гарданбанд; зеби гардан

ИҚДОМ кӯшиш; қадам гузоштан дар коре

ИҚТИДОР қудрат, тавоной

ИҚТИЗО талаб кардан, дархост ва талаб

ИЛЗОМ 1.лозим гардонидан, касеро ба коре маҷбур кардан; 2.маломат, тӯҳмат, таъна; 3.дар мубоҳиса мағлуб ва мулзам кардан касеро

ИЛҚО афкандан; маслиҳатдиҳӣ; насиҳат панд

ИЛЛАТ сабаб, боис

ИЛМ маҷмӯи маълумоти оид ба ягон соҳа, фан, дониш, маърифат

ИЛОҶ 1.дору, дармон, даво, 2.маҷ. чора, тадбир

ИЛТИЗОМ ӯҳдадорӣ гирифтан, ба зиммаи худ гирифтани коре

ИЛҲОҚ 1.ҳамроҳ кардан, пайвастан; 2.дархост, илтимос

ИЛҲОН хониш, нағмасарой

ИМДОД мадад, ёрӣ

ИМЛО пур кардан, навишта пур кардан, расми хат мувофиқи қоида

ИМЛОҚ фақарнӣ, қашшоқӣ

ИМОД такягоҳ, сутун

ИМОЛА майл додан, моил гардонидан ва дар ислоҳи забоншиносӣ табдили ҳарфи «**о**» ба «**е**»; китоб-китеб, рикоб, рикеб

ИМОМ пешво, пешрав; пешвои дин

ИМОМА//АММОМА сала, дастор

ИМОМАТ пешвой, раҳбарӣ

ИМОН эътиқод, боварӣ ба дин, эътиқод ба дин

ИМОРА амирӣ, фармонравой; сардорӣ

ИМОРАТ II ободонӣ; бино, хона

ИМТИДОД тӯл, дарозӣ, дарозшавӣ, тӯлкашӣ

ИМТИЁЗ бартар шумурдани чизе нисбат ба чизе

| | |
|---|---|
| ИМТИНОН | миннатдорӣ, лутфу марҳамат |
| ИМТИНОЪ | қабул накардан, рад кардан |
| ИНАБ | ангур |
| ИНЗИБО | гӯшагирӣ, гӯшанишинӣ, хонанишинӣ, канорачӯӣ аз мардум |
| ИНЗИБОТ | тартиб, назм, интизом |
| ИНОАТ | мададгорӣ, дастгирӣ, меҳрубонӣ, илтифот |
| ИНОҚ I | ба оғӯш гирифтан |
| ИНОҚ II | рутбаи ёздаҳум аз понздаҳ рутбаи олӣ дар Бухорои амирӣ, ки наздикони амир ҳисоб меёфт ва фармонҳои ӯро ба мансабдорҳо мерасонд |
| ИНОН | лаҷом, ҷилав |
| ИНС | одамон, мардум |
| ИНСОНГАРОЙ | гуманизм |
| ИНСОФ | нисф кардан, ду тақсими баробар; адлу дод, ростӣ, росткорӣ |
| ИНТЕРНЕТ | шабакаи иттилоотии компютериии саросари ҷаҳон |
| ИНТИБОҲ | бедорӣ, ҳушёрӣ |
| ИНТИҚОЛ | кӯчидан, ҷой иваз кардан; маҷ.мурдан, вафот кардан |
| ИНТИҲО | поён, охир |
| ИНФИРОД | танҳо шудан, танҳой яккагӣ |
| ИНФИРОДӢ | танҳой, яккагӣ, алоҳидагӣ, ҷудогона, индивидуалӣ |
| ИНҲИСОР | монополия |
| ИНҶИЛ | номи китоби муқаддаси исавиён (хрестианҳо) |
| ИНҶУ | 1.марворид; 2.мулки зери дасти подшоҳ |
| ИНШО | оғоз кардан, шурӯъ кардан; офаридан; аз худ чизе навиштан |
| ИОНА | ёрӣ додан, кӯмак |
| ИРАМ | номи боғи афсонавие, ки гӯё Шаддод ном подшоҳ дар Яман сохта будааст |
| ИРОДАТ | майлу хоҳиш, ихтиёр, ихлос, сидқ, дилбастагӣ |
| ИРСОЛ | фиристодан, равон кардан |
| ИРТИФОЪ | баландӣ; баланд шудан; ҳосил, ҳосили зироат |
| ИРФОН | шинохтан, донистан |
| ИРШОД | роҳнамой, роҳбарӣ; ҳидоят кардан |
| ИСКАНДАР | 1.сир, саримсоқ; 2.номи подшоҳи Юнони қадим Маъ руф ба Искандари Зулқайнайн |
| ИСМ I | гуноҳ, айб |
| ИСМ II | ном; яке аз ҳиссаҳои мустақили нутқ, ки номи ашёву ҳодисаҳо ва ғайраро дар бар мегирад |
| ИСМАТ | покдоманӣ, покӣ |
| ИСПАНД | ҳазориспанд |
| ИСТАХР | ҳавз, ҳавзи об; кӯл |
| ИСТЕЪДОД | омодагӣ; қобилият, лаёқат ба коре |
| ИСТИВО | 1.баробарӣ, эътидол, баробаршавӣ, 2.маҷ. ростӣ, |

барқарорӣ
ИСТИҒНО бодавлати дорои; бодавлат будан
ИСТИҚРО ҷустуҷӯъ, татаббӯъ
ИСТИҚРОР барқарорӣ, пойдорӣ; реставратсия
ИСТИЛО ғолиб омадан, ғолиб шудан
ИСТИЛОҲ бо ҳам сулҳ кардан, оштӣ кардан; калима ё иборае ки дар соҳаи илму фан барои ифодаи маънои махсуси ғайри аслӣ қабул шудааст, термин
ИСТИНБОТ дарёфти маънӣ ва мафҳуми чизе
ИСТИНОД ба чизе такя кардан; санад, далел
ИСТИОРА ба орият хостани чизе; навъе аз истеъмоли маҷозии калимаҳо
ИСТИНСОХ нусхабардорӣ, рӯйнависӣ
ИСТИСҚО талаби об кардан, об хостан; бемории обхӯра, водянка
ИСТИХРОҶ берун баровардан, кофта баровардан (махсусан маъданро)
ИСТИҲОЛА тағйирёбӣ, дигаргунӣ
ИТОБ сарзаниш, маломат; қаҳр, хашм, ғазаб; ноз
ИТНОБ кашон ёфтани сухан, сергапӣ, пургӯӣ
ИТТИКО такъя
ИТТИЛОЪ огоҳ шудан, хабар, маълумот
ИТТИСОЛ пайвастшавӣ, иттиҳод
ИТТИҲОМ тӯҳмат, бӯҳтон
ИФОҚА беҳтар шудани саломатӣ, беҳбудӣ, тандурустӣ
ИФРОТӢ ҷоҳилӣ, экстремистӣ
ИФТИТОҲ кушодан, боз кардан; шурӯъ оғоз
ИФФАТ парҳезгорӣ, покдоманӣ
ИФШО фош кардан, ошкор кардан
ИХВОН дӯстон, ёрон; бародарон
ИХРОҶ хориҷ кардан, берун баровардан; бадарға кардан
ИХТИЛОЛ прешонӣ; ошуфтагӣ, бетартибӣ
ИХТИСОС махсусият, хос, касб
ИХТИТОМ анҷом, тамомшавӣ, итмом
ИҶМОЛ хулоса кардан, кӯтоҳ кардан
ИҶЛОСИЯ сессия
ИҶТИНОБ парҳез кардан, дур шудан
ИШТИҚОҚ шикофтан; сохтани калимае аз калимаи дигар, калимасоз

## К

К ҳарфи чаҳордаҳуми алифбои забони тоҷикӣ
К шакли кӯтоҳшудаи пайвандаки **ки**
КАБД/КАБИД ҷигар
КАБИСА пуркардашуда; <u>соли кабиса</u> соли пурраи шамсӣ, ки
366 рӯз буда, дар 4 сол як бор такрор мешавад

| | |
|---|---|
| | ва дар он ба моҳи феврал як рӯз илова мегардад, кабр |
| КАБИР | бузург |
| КАБК | паррандаи хушовоз |
| КАБКХИРОМ | хушрафтор |
| КАВБАК | ситора, сайёра |
| КАВДАН | 1.аспи пир, 2.маҷ. одами кундфаҳм, кундзеҳн; аблаҳ |
| КАВКАБА | 1.ҷамоат, гурӯҳи одамон; 2.маҷ.ҳашамат, дабдаба |
| КАВН | мавҷудият, ҳастӣ, олам, дунё |
| КАВСАР | 1.бисёр, фаровон; 2.номи чашмаи афсонавӣ |
| КАД I | хона, деҳ |
| КАД II | ҷидду ҷаҳд, кӯшиш; меҳнати сахт |
| КАДА | хона, маҳал, маскан |
| КАДБОНУ | соҳибхона |
| КАДЕВАР | 1.соҳиби хона; 2.деҳқон, боғбон |
| КАДИР | хира, тира |
| КАДХУДО | 1.соҳиби хона, сардори оила; мард; шавҳар; 2.соҳиби деҳ; 3.вазир; 4.хонадор, зандор |
| КАДӮХ | ҳаммом, гармоба |
| КАЁН | ҷ.кай II |
| КАЗАР | каси зеҳнаш кунд камақл |
| КАЗЗОБ | дурӯғгӯй |
| КАИБ | андӯҳгин, ғамгин |
| КАЙ I | чи вақт, кадом вақт; чаро |
| КАЙ II | подшоҳ, шаҳаншоҳ; лақаби шоҳони эрони қадим |
| КАЙВОН | ситораи Зуҳайл |
| КАЙФ I | лаззат, нашъа; сархушӣ |
| КАЙФ II | чигунагӣ |
| КАЙФАР I | ҷазо, подош; мукофоти некӣ ва бадӣ, подоши амал |
| КАЙФАР II | хурмача |
| КАЙФИЯТ | чигунагӣ, ҳолат, аҳвол, сифат |
| КАЙҲОН | ҷаҳон, дунё, олам |
| КАЛАФ | доғи сиёҳи сурхча дар рӯи одам, доғи кунчидак |
| КАЛБ | саг |
| КАЛИК | олус, каҷчашм, аҳвал |
| КАЛИМА | воҳиди нутқ, ки маънои лексикӣ ва грамматикӣ дорад |
| КАЛЛО | ба ҳеҷ ваҷҳ, дар ҳеҷ сурат |
| КАЛОМ | сухан , гуфтор; маҷ.забон |
| КАМ | 1.андак; 2.ба нудрат; 3.нуқсон, айб, камбудӣ |
| КАМАР | 1.миён; 2.миёни кӯҳ, тангнои кӯҳ, ағба; 3. тасмаи чармин ё абрешимин, ки ба миён мебанданд, камарбанд; 4. пештоқ, пешайвон |
| КАМАНД | 1.таноб, арғамчин; 2.дом; 3.кинояи аз зулфи маҳбуба |
| КАМБИЗОАТ | нодор, камбағал, фақир |
| КАМИН | ҷои пинҳон шудан, шинак, камингоҳ |
| КАМИНА | камтарин; фурӯтан, хоксор |

КАМОЛ пуррагӣ, мукаммалӣ; нашъу намо ёфтан; ниҳоят мунтаҳо
КАМОН 1. яроқи қадимаи тирандозӣ; 2. ҳар чизи хамида, нимдоира; 3. бурҷи қавс
КАМОНАБРӮ 1.касе, ки абрӯи камонмонанд дорад; 2.маҷ. маҳбуба
КАМОЯНБАҒӢ чунон ки бояд, чунон ки шояд; чунон ки сазовор аст
КАМРО I ҳисоре, ки чорпоёнро шабона дар он ҷойгир мекунанд, қӯра
КАМРО II тоқ, девори баланд
КАМРО III камарбанде, ки зардуштиён ба миён мебастаанд
КАНАФ 1.боли мурғ; 2.маҷ.соя паноҳ, канор, ҷониб, тараф
КАНБУР ҳила, макр, фиреб
КАНД захм, ҷароҳат
КАНДАН 1.кофтан, кофта гирифтан; 2.чида гирифтан, ҷудо кардан; 3. гусехтан, пора кардан; 4.таҳи чизеро кофтан, вайрон кардан
КАНДМАНД вайрон, хароб
КАНДУЛОН/КУНДАЛОН навъе аз хайма; ҷодар
КАНЗ ганҷина, хазина
КАННОС 1.ахлоткаш, рӯбанда, фаррош; 2. маҷ. ҷаллод
КАППОН 1.тарозуи якпаллаи калон; 2.бозори болопӯшидаи атрофкушода
КАППӢ бӯзина, маймун
КАРАМ I саховат, ҳиммат, ҷавонмардӣ
КАРАМ II сабзавоти хӯрокӣ
КАРАШМА нозу ишва
КАРБ ғам, андӯҳ, ғусса
КАРЕҲ зишт, бадандом
КАРИМ сахӣ, ҷавонмард, соҳибэҳсон
КАРОМАТ саховат; олиҳимматӣ, кори ғайриоддӣ
КАРРОТАН тортанак, анкабут
КАРОН//КАРОНА канор, паҳлӯ; лаб, соҳил
КАРОҲАТ дилнокашӣ; нафратангезӣ; нафрат
КАРФАШ калтакалос
КАСИР I бисёр, зиёд, фаровон
КАСИР II шикаста, шикасташуда
КАСИФ чиркин, нопок
КАСОД ба фурӯш нарафтани мол; сустии савдо
КАСОЛАТ танбалӣ, сустӣ
КАСОФАТ I 1. чиркинӣ, нопокӣ; 2.маҷ. наҳсӣ, шумӣ
КАСОФАТ II 1. гирифтани офтоб ва моҳ; 2.маҷ. торикӣ, тирагӣ
КАТ I тахти хоб, тахти подшоҳӣ
КАТ II шаҳр, деҳа, хона
КАТИБА I лашкар, қӯшун
КАТИБА II навиштаҷоти рӯи санг
КАТОН матое, ки аз нахи пояи зиғир бофта мешавад
КАФ(Ф) 1. рӯи даст; рӯи панҷа, рӯи панҷаи даст; 2.як мушт

| | |
|---|---|
| | чизе; 3.мач. шаппотӣ; силӣ; 4. киноя аз саховат |
| КАФАЛ | сурин, рон |
| КАФИЛ | зомин, гарав |
| КАФО | сахтӣ, ранҷ, машаққат |
| КАФОФ/КИФОФ | он миқдор хӯрок, ки ба инсон кифоя бошад; хӯроки рӯзмарра |
| КАФУР | кӯрнамак, ҳақношинос |
| КАФШЕР | танакор, моддае, ки ҳангоми ба ҳам пайвастани фулузот бо қалъагӣ ба кор меравад |
| КАҶА | ангуштарини бенигин |
| КАҶАЛИДАН | лангидан, лангида роҳ рафтан |
| КАҶКУЛОҲ | 1. касе, ки кулоҳро кач мепӯшад; олуфта, мағрур; 2.мач.маъшуқ, маҳбуб |
| КАШАФ | сангпушт |
| КАШИДАН | 1. аз ҷое ба ҷое овардан, ё бурдан; 2. бардоштан, боло бурдан; 3.дароз гардидан; 4.роҳӣ шудан, равона шудан. 5. давом намудан; 6. кашол ёфтан, гузарондан, чидан, мас. гавҳарро ба ришта; 7. аз сар гузаронидан; 8. молидан; 9. пайвастан, рафта расидан; 10. баркаш кардан, вазн кардан; 11.баровардан, кандан; 12. феъли ёридиҳанда дар феъл ҳои таркибии номӣ. мас. даст кашидан... |
| КАШОВАРЗ | деҳқон, барзгар |
| КЕМУХТ | пӯсти ба тарзи махсус даббоғӣ кардашудаи хару асп |
| КАЪБА | хонаи зиёратгоҳи мусулмонон дар Макка |
| КЕҲ | хурд, майда |
| КЕҲТАРӢ | 1.хурдӣ, майдагӣ; 2.хизматгор, пешхизмат |
| КЕШ I | 1.мазҳаб, дин, оин; 2.рафтор, одоб, расму одат |
| КЕШ II | тирдон, тиркаш |
| КЕШ III | навъе аз порчаи катонӣ |
| КЕШ IY | ҷазирае дар халиҷи Форс |
| КИ | пайвандак, ҷумлаҳои пайравро бо сарҷумла мепайвандад |
| КИБОР | ҷ.кабир |
| КИБР | мағрурӣ, калонгирӣ, ғурур, такаббур |
| КИБРИЁ | бузургӣ, азамат; ғурур, калонгирӣ |
| КИБРИТ | гӯгирд |
| КИЁ | соҳиб, худованд; подшоҳ; паҳлавон |
| КИЗБ | дурӯғ, фиреб |
| КИЛК | най, қамиш; найқалам |
| КИМИЁ | 1.илми химия; 2.мач.чизи камёб, нодир; 3.макру ҳилла |
| КИН//КИНА I | душманӣ, адоват; интиқом, қасос |
| КИНА II | дарди шиками бачагон |
| КИНАВАР | соҳибкина, душман |
| КИНОВАР | ҷангҷӯ, ҷанговар |
| КИНОЯ | сухане, ки дар вай сухани ҳақиқӣ пӯшида бошад, рамз |

КИРДОР рафтор, амал
КИСВАТ либос, пўшок
КИСРО лақаби Хусрави Анўшервон
КИФОФ миқдори каме хўрок; андоза
КИШТ I коштан, коридан; зироат, ниҳол
КИШТ II донаронӣ ба тарафи шоҳ дар шатранҷбозӣ
КОЖ олус
КОЗИБ дурўғгўй
КОК I мард
КОК II мардумаки чашм, гавҳараки чашм
КОК III нони тунук
КОК IV нўги забон
КОК Y лоғар, хароб; қоқина
КОЛБУД//КОЛБАД қолиб, тан, ҷасад
КОЛО мол, мато; чизу чора
КОМ мақсад, мурод, орзу
КОМА вергул
КОМГОР хушбахт, ба орзуи худ расида
КОМИЛ пурра ба камол расида, баркамол; фозил
КОМРОН .ба муроду мақсад расида, хушбахт; 2.маҷ.пуриқтидор
КОНО нодон, аблаҳ; муқобили доно
КОНСЕНСУАЛӢ ба ризояти умум асосёфта, ба мувофиқат расидан, доир ба ягон масъала ва ё мавзўъ
КОНУН I оташдон; манқал
КОНУН II ду моҳи зимистон; декабр, январ
КОНУН III созмон, иттифоқ, иттиҳодия
КОНФЕДЕРАТСИЯ 1. иттиҳоди давлатҳои мустақил, ки истиқлолияти миллии худро ҳифз кардаанд, 2. муттаҳидшавии ягон хел ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва тахассусӣ
КОРГАРДОН таҳиягар, ба саҳна гузоранда, режиссёр, корчаллон, тоҷир, савдогар, бизнесмен
КОРЧАЛЛОН тоҷир, савдогар
КОРШИКАНӢ корпартой; қатъ кардани кор
КОРШИНОС мутахассиси кордон, эксперт
КОСТ//КОСТӢ камӣ, нуқсон
КОФӢ басанда, ба қадри кифоя
КОФУР 1. моддаи хушбўи сафедтоб; 2. маҷ.сафед; 3.номи яке аз амирони золим дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»
КОХ қаср, сарой, кушк; маҷ.дунё
КОҲИЛ суст, танбал
КОҲИН марди рўҳонии мисриён, насрониён ва яҳудиёни қадим
КОҲИЛӢ танбалӣ, сустӣ
КОҲИШ 1. камшавӣ, камӣ; 2. маҷ. лоғаршавӣ, харобшавӣ; маҷ. азоб, азобдиҳӣ; 4. сарзаниш, таъна
КОШИФ кашфкунанда, ошкоркунанда

| | |
|---|---|
| КОШОНА | хонаи ҳақирона, бошишгоҳ; лона, ошёна |
| КОЧ | олус |
| КУДУРАТ | 1.хирагӣ, тирагӣ; 2. дилтангӣ, хафагӣ; 3. маҷ. душманӣ, адоват |
| КУЛ//КУЛЛ | ҳама, ҳамагӣ; муқобили ҷузъ |
| КУЛЛИЁТ | 1.тамом, ҳама; 2. маҷмӯаи асарҳои ягон нависанда |
| КУЛОҲ//КУЛАҲ | 1. каллапӯш; 2.кулоҳи ҷангӣ; 3.тоҷ |
| КУЛФАТ | машаққат, сахтӣ, ранҷ, андӯҳ |
| КУЛБА | 1. хонача, хонаи хурди тиреву торик; 2. дӯкон |
| КУНГУР//КУНГУРА | дандонаи болои девори қалъа ва қасрҳо |
| КУНИШТ | ибодатхонаи яҳудиён |
| КУНИЯ// КУНИЯТ | номе ки дар авали вай «аб, ибн, бинт» ояд |
| КУРД | яке аз халқҳои эронӣ |
| КУРУР | панҷсад ҳазор |
| КУСУФ | гирифтани офтоб |
| КУФР | 1. пинҳон кардан, пӯшидан; 2. имон надоштан ба дини Ислом; 3. ношукрӣ, кӯрнамакӣ |
| КУҲАНДАФТАР | киноя аз дунё |
| КУҲАНГИЗ// КУҲАНДИК | арк.қалъаи кӯҳна |
| КУШОД | 1. кушода, васеъ, фароғ; 2.кушоиш, омади кор; 3. паррондан, сар додани тир аз камон |
| КӮБА I | болға, путк |
| КӮБА II | гиёҳи хӯрданӣ |
| КӮЗ//КӮК | букрӣ, пуштхамида |
| КӮЙ | роҳ, кӯча; маҳалла, гузар |
| КӮС I | 1.зарба, зарб, лат такон; 2. нақораи калон, табл |
| КӮС II | качӣ ё норасоии ягон чиз |
| КӮТАЛ | 1. гузаргоҳ, гузаргоҳи кӯҳ; ҷойҳои пасти кӯҳ |
| КӮҲЛ | сурма |
| КӮЧА | роҳи даруни шаҳр ва деҳа |

## Қ

| | |
|---|---|
| Қ | ҳарфи понздаҳуми алифбои забони тоҷикӣ |
| ҚАБЕҲ | зишт, бад |
| ҚАБЗА | даст, панҷа; чизе, ки дар мушт ғунҷад |
| ҚАБЛ | пеш, аввал |
| ҚАБО | либоси дарози мардона, яктак |
| ҚАБОҲАТ | бадӣ, зиштӣ |
| ҚАВВОЛ | нотиқ; хушгап; сурудҳои ҳофиз |
| ҚАВИБОЗУ | қавидаст, пурқувват, маҷ. паҳлавон |
| ҚАВИДИЛ | далер, ҷасур, шуҷоъ |
| ҚАВИМ | рост, дуруст; устувор |
| ҚАВӢ | пурзӯр, бақувват; бисёр; калон |
| ҚАВЛ | сухан, гуфтор; ваъда, ба ӯҳда гирифтан |
| ҚАВМ | тоифа, қабила; мардум |
| ҚАВОИД | ҷ.қоида |
| ҚАВОМ | ростӣ, дурустӣ; пойдорӣ |
| ҚАВОФИЛ | ҷ.қофила |

ҚАВОФӢ ч.қофия
ҚАДАР андоза, дараҷа, миқдор; сарнавишт, тақдир
ҚАДАҲ зарфи нӯшиданӣ; ҷом, пиёла
ҚАДАҲХОР майгусор, шаробхӯр
ҚАДР қимат, арзиш; ҳурмату эътибор
ҚАДРШИНОС он ки қадру қимати касеро медонад
ҚАЗИЯ//ҚАЗИЯТ ҳукм, фармон; воқеа, ҳодиса; хабар, паём, огоҳӣ
ҚАЗО 1. ҳукм кардан; қозигӣ; 2.тақдир, сарнавишт; тасодуф; 2.маҷ.мурдан, вафот кардан
ҚАЙД 1.банд ё ресмоне, ки ба пой мебанданд; занҷир; 2.маҷ. андеша, хаёл, вобастагӣ
ҚАЙС 1.муқоиса кардан; 2.номи аслии Маҷнун
ҚАЙСАР 1.лақаби подшоҳони қадимаи Рум ва Юнон; 2.одами сахтдил
ҚАЙЮМ пойдор, устувор, абадӣ
ҚАЛАМ наи тарошида, ки бо он хат менависанд
ҚАЛАМЗАН дабир котиб; он ки зиндагиаш бо қаламкашӣ мегузарад
ҚАЛАМРАВ кишвар ва мулке, ки ба фармони як подшоҳ тобеъ аст.
ҚАЛАНДАР дарвеши оворагард
ҚАЛАНДАРМАШРАБ он, ки қаландариро маслаки худ қарор додааст
ҚАЛБ I 1.тағйир додан, дигаргун кардан; 2.воҷгун намудан, чаппа кардан; чаппа; 3.бардурӯғ, қалбакӣ
ҚАЛБ II дил
ҚАЛЛОБ касе, ки пули сохта месозад; сохтакор, фиребгар
ҚАЛЛОШ маккор, беору номус
ҚАЛТАБОН нокас, разил, нобакор; беҳаё
ҚАЛЯ як навъ хӯрок; қайла
ҚАМАР 1.моҳ; 2.маҷ.хушрӯ, зебо
ҚАМАРМАНЗАР моҳпайкар, моҳрӯ, хушрӯ
ҚАНД 1.ширинӣ; 2.маҷ.лаби маъшуқа
ҚАНДХАНД шакарханд, ширинханда
ҚАНДХО қандхӯр; ширинсухан, хушгап
ҚАННОД ҳалвогар, ширинипаз
ҚАРАНФУЛ меваи гиёҳест хушбӯй; қаланфурмарҷон
ҚАРИБ наздик, хешу табор
ҚАРИН наздик, ҳамсӯҳбат; ҳамто, монанд
ҚАРИНА 1.далел, бурҳон; 2.сурат, нақшу нигор
ҚАРИЯ деҳ, қишлоқ
ҚАРН аср, давр
ҚАРОБАТ хешию таборӣ, наздикӣ
ҚАРОР 1.ором, осоиш; ҷои ист; 2.аҳд, қавл
ҚАРОРГОҲ оромгоҳ, истгоҳ
ҚАСАБА деҳаи калон
ҚАСАМ савганд
ҚАСД азм, ният, оҳанг

| | |
|---|---|
| ҚАСИДА | яке аз шаклҳои шеърӣ, ки қофиябандиаш ба тариқи ғазал буда, аз 15 байт кам намешавад |
| ҚАСИР | кӯтоҳ, калта |
| ҚАСОВАТ | дилсахтӣ, бераҳмӣ |
| ҚАСОИД | ҷ.қасида |
| ҚАСОС | ҷазо, интиқом |
| ҚАСР I | ҷабр; ба зӯрӣ ба коре водор кардан |
| ҚАСР II | кох, сарой |
| ҚАСР III | кӯтоҳӣ, норасой |
| ҚАССОМ | қисматкунанда, тақсимкунанда; киноя аз худо |
| ҚАССОР | шустагар, ҷомашӯй |
| ҚАССОС | қиссахон, афсонагӯй |
| ҚАТ(Т) | буридани чизи сахт |
| ҚАТЕЪ | бурида, қатъ кардашуда |
| ҚАТИЛ | мақтул, кушташуда |
| ҚАТРА | чакра, рашҳа |
| ҚАТРОН | моддаи равғанмонанди сиёҳ; киноя аз ранги сиёҳ; сиёҳӣ |
| ҚАТУЛ | кушанда, қатлкунанда |
| ҚАТЪ | буридан; кандан; кӯтоҳ кардан |
| ҚАТЪАН | ҳаргиз, асло, ҳеҷ |
| ҚАҚНУС | номи мурғи афсонавии хушовоз |
| ҚАҲР | 1.ғалаба, ғолибият; 2.ҷабр, зулм; 3.хашм, ғазаб |
| ҚАҲТӢ | 1.гуруснагӣ; 2.маҷ.камёбӣ ва ноёбии чизе |
| ҚАҲҲОР | 1.сахтгир; золим; 2.киноя аз худо |
| ҚИБАЛ | 1.ҷониб, тараф, сӯй; 2.ҷиҳат, сабаб |
| ҚИБЛА | 1.сӯе, ки ба он рӯ меоваранд; 2.хонаи Каъба; 3.маҷ.маъшуқа; пешво, сардор |
| ҚИБЛАГОҲ | 1.макони парастиш; 2.лақаби эҳтиромии падар аз тарафи фарзанд |
| ҚИВОМ | 1.поя, сутун; асл, асос; 2.низом, тартиб |
| ҚИЁМ | 1.истодан, рост истодан; 2.рост истодан дар вақти намоз; рост истодани офтоб дар нимаи рӯз; 3.маҷ.ҳастӣ мавҷудот |
| ҚИЁМАТ | 1.рост шудан бархостан; 2.рӯзе, ки гӯё мурдагон аз нав зинда мегарданд, растохез; 3.маҷ.уқубат, азоби сахт, мусибат; шӯру ғавғо |
| ҚИЁМАТАНГЕЗ | шӯру ғавғо барпокунанда |
| ҚИЁС | андоза, муқоиса; фикру андеша |
| ҚИЁФА | шаклу шамоил, афту андом; либос |
| ҚИР | моддаи равғанмонанди сиёҳ; маҷ.ранги сиёҳ |
| ҚИРГУН | сиёҳ ба ранги қир |
| ҚИРМИЗӢ | сурхранг, сурх |
| ҚИРОН | наздик шудан, пайвастани чизе ба чизе; ба ҳам наздик омадани ду дӯсти ҷонӣ |
| ҚИСАС | ҷ.қисса |
| ҚИСМАТ | ҳисса, бахш; тақдир, насиба |
| ҚИССА | афсона, ҳикоят; саргузашт, баёни ҳол |

ҚИССАПАРДОЗ қиссагӯй, афсонагӯй
ҚИТАОТ ҷ.қитъа
ҚИТЪА 1.пора, порча, қисме аз чизе; 2.як навъ шакли шеър
ҚИШР пӯст, пӯчоқ
ҚОБИЛ қабулкунанда, пазиранда; лоиқ, сазовор; қобилиятнок
ҚОБИЛИЯТ истеъдод
ҚОДИР боиқтидор, тавоно
ҚОЗӢ мансабдори шаръӣ, ки зиддиятҳои гуногунро аз рӯи қонуни шариат ҳал мекунад
ҚОИДА асос, поя, бунёд; расму одат; дастур, оин
ҚОИЛ гӯянда, ҳикояткунанда; иқроршаванда; эътирофкунанда
ҚОИМ рост, устувор, пойдор
ҚОИММАҚОМ 1.ҷонишин, халифа, ноиб; 2.маҷ.фарзанд, ворис
ҚОЛИН гилеми пашмин
ҚОЛИЧА қолини хурд, ҷойнамоз
ҚОМУС фарҳанг, китоби луғат, ки чизҳои гуногунро бо тафсилоти даркорӣ доро аст
ҚОНЕЪ розӣ, қаноаткор
ҚОНУН низом, тартиб; қоида, дастур
ҚОРЕҲ ҳилагар, маккор
ҚОРӢ қироаткунанда; ёдкунандаи Қуръон
ҚОРУРА шиша, зарф
ҚОСИД қасдкунанда, нияткунанда; элчи миёнарав, сафир
ҚОТЕЪ қатъкунанда, бурранда; далели бурро
ҚОФИЯ 1.пушти гардан; 2.маҷ.охири ҳар чизе; овозҳои ҳамшакл, ҳамоҳанг, ки дар охири мисраҳо меояд
ҚУДАМО ҷ.қадим; нависанда ва аҳли илму адаби пешина
ҚУДРАТ тавоноӣ, зӯрӣ
ҚУДС покӣ, покизагӣ
ҚУДСӢ мансуб ба қудс; покиза, пок, фаришта, малоика
ҚУЛУБ ҷ.қалб II
ҚУМОШ газвори абрешимин, шоҳӣ
ҚУМРӢ фохта; як навъи парранда
ҚУСУР камӣ, камбудӣ, нуқсон
ҚУТ хӯрданӣ, ғизо, таом

## Л

Л ҳарфи шонздаҳуми алифбои забони тоҷикӣ
ЛАБ 1. канораи боло ва поини даҳон, ки рӯи дандонҳоро мепӯшонад; 2.канор, соҳил, канори ҳар чиз
ЛАББАЙК қабул мекунам, ба хизмати ту ҳозирам, лаббай
ЛАБАД намад, либоси пашмина
ЛАБАН шир
ЛАБИБ оқил, донно, хирадманд
ЛАВ I навъе аз ҳалбо
ЛАВ II пушта, баландӣ
ЛАВ III сафро, зардоб
ЛАВ IY агар

ЛАВАНД хӑрзагард, ноўхдабаро
ЛАВЗ бодом
ЛАВЗИНА ҳалвои аз мағзи бодом тайёр кардашуда
ЛАВН 1.ранг; гуна; 2.таом, хӯрок
ЛАВНӢ рангин
ЛАВОМЕЪ ҷ. ломеа, нурҳо, партавҳо
ЛАВҲ 1. ҳар чизи паҳн; 2. сармашқи бачаҳои навомӯз, ки чизҳои омӯхтанӣ ба рӯи он навишта мешавад, тахтачаи таълим
ЛАҒВ сухани беҳуда, ҳазён, сафсата
ЛАЁН//ЛИЁН дурахшон, тобон
ЛАЗИЗ лаззатнок, хуштаъм; гуворо
ЛАИМ 1.нокас, сифла, 2.хасис, мумсик
ЛАИН лаънат кардашуда, малъун, нокас
ЛАЙИН нарм, мулойим
ЛАЙЛ шаб; лайлу наҳор-шабу рӯз
ЛАК I сад ҳазор
ЛАК//ЛОК II сифла, фурӯмоя; аҳмақ; хасис, бахил
ЛАК III сухани беҳуда
ЛАКҲАН рӯза, рӯзадорӣ
ЛАМ не, на
ЛАМАОН дурахш, тобиш
ЛАМС дарк кардани гармӣ, сардӣ ва ғ. бо судани даст ё бо ягон ҷои бадан
ЛАМЪА дурахшонӣ, ва равшанӣ.
ЛАОЛӢ ҷ.лӯълӯ, марворид, гавҳар, маҷ. дандон
ЛАР I ҷӯй, ки хоҳ одам канда бошад, хоҳ сел
ЛАР II бағал
ЛАР III 1. рустой; 2. маҷ. аҳмақ
ЛАСМ бӯсидан
ЛАТ I зарба задан, кӯфан бо даст
ЛАТ II амуд, шашпар
ЛАТ III пора; лат-лат пора-пора
ЛАТИФ 1.нозук, зариф; 2.хушрӯ 3.хушмаза, 4.хуштабъ; некӯкор
ЛАТИФА 1.базла, шӯхӣ; 2.каломи мухтасари пурмаъно
ЛАТМА зарба, садама, зарар
ЛАТОИФ ҷ.латифа; нозукиҳо, зарифиҳо
ЛАТОФАТ 1.нозукӣ, хуштабъӣ; 2.покӣ, покизагӣ; 3.зебоӣ; раъноӣ
ЛАТРА 1.пора-пора дарида; 2. фарбеҳ, маҷ. коҳил, танбал
ЛАФЗ 1.сухан, калом; 2.забон, лаҳҷа
ЛАХТ 1.ҷузъ, ҳисса, қисм; 2.табақаи дар
ЛАҲҶА 1.забон; 2.тарзи талаффуз; оҳанги гуфтор
ЛАҶАН гили сиёҳ, лойқа
ЛАЪБ//ЛАИБ - бозӣ, айшу ишрат, хушӣ
ЛАЪЛ 1.санги қимматбаҳои сурх; 2.маҷ.ранги сурх, сурх; 3.киноя аз лаби маъшуқа; 4. маҷ. шароб

ЛАҲАБ//ЛАҲИБ забонаи оташ, шӯълаи оташ
ЛАҲВ бозӣ, бозӣ кардан, шодӣ, хурсандӣ
ЛАҲВУЛАЪВ бозӣ ва айшу ишрат
ЛАҲН 1.овоз, хониши форам; 2. оҳанг, мақом
ЛИЗО барои ҳамин, бинобар ин
ЛИҚО 1. чеҳра, рӯйсимо; 2. мулоқот
ЛИСОН 1.забон, 2.гуфтор, сухан;
ЛИСОНУЛҒАЙБ забони ғайб, забони асрор; 2.лақаби ҳофизи Шерозӣ
ЛИФОФА 1. пӯшиши берунӣ, болопӯш; либос 2.ҷилд; пакет
ЛИҲОЗО барои ин, аз ин рӯ
ЛИҲОФ кӯрпа, болопӯши ғафс
ЛО на, но, не
ЛОБА 1.зориву тавалло; 2.хушомадгӯй
ЛОБУД ночор, аз рӯи зарурат
ЛОД I 1. devори гилӣ, девори похса; 2. маҷ. асл ва бунёди ҳар чиз, асос
ЛОД II дебои нозук, матои тунук
ЛОД III гули шукуфта
ЛОД IY номи дигари шаҳри Лар
ЛОИқ шоиста, сазовор
ЛОЛ 1. гунг, 2.маҷ. забонгирифта, хомӯш
ЛОМАКОН бемакон, беҷой
ЛОМЕЪ дурахшон, тобон
ЛОМИСА яке аз ҳисҳои панҷгона, ки хунукӣ, гармӣ, нармӣ ва сахтии чизҳо ба воситаи он фарқ карда мешавад
ЛОМСА нур, ҷило, шӯъла
ЛОУБОЛӢ нотарс, бебок, нотарсӣ
ЛОҲУТ худой, илоҳӣ
ЛОЧАРАМ ночор, ногузир
ЛОҶВАРД санги кабудранг, кабуд
ЛОЯМУТ номурданӣ, ҷовид
ЛУБ(Б) мағз
ЛУБОБ 1.чизи холис, 2.мағз; 3. маҷ.ақл, хирад
ЛУҒАТ 1.забон, гуфтор; калима, 3. китоби луғат, фарҳанг
ЛУТ таом, хӯрок
ЛУТФ 1.нармӣ, назокат; 2.илтифот, 3.эҳсон, бахшиш, 4. маҷ. нармӣ, форамӣ
ЛУХТ луч, бараҳна
ЛӮЛА қубур, труба
ЛӮЪБАТ 1.бозича, лӯхтак; 2.санам бут; 3.маҷ.хушрӯй, зебо; 4. маҷ. чизи ғалатӣ, аҷиб,
ЛӮЪБАТБОЗ 1. лӯхтакбоз; 2. маҷ.найрангбоз
ЛӮЛӢ 1ҷӯгӣ; 2. ҷӯгии раққосу сурудхони бозигар; 3. маҷ. хушрӯй; киноя аз маҳбуба
ЛӮЪЛӮ марворид, гавҳар; маҷ. дандон

## М

| | |
|---|---|
| М | ҳарфи ҳабдаҳуми алифбои забони тоҷикӣ |
| МАА | пешоянд, бо, бо ҳамроҳи... |
| МААЗОЛИК | бо вучуди ин, бо ин ҳама |
| МАБДАЪ | 1.аввал, оғоз, ибтидо; 2. асл, асос |
| МАБНО | бунёд, асос, поя |
| МАБОД | нашавад, мабодо, нашавад ки.... худо накарда |
| МАБҲАС | чои баҳсу мунозара, баҳсу мунозара |
| МАВАДДАТ | дӯстӣ, муҳаббат |
| МАВАШШАХ | 1.ороста, зинат додашуда; 2.шеъре, ки аз ҳарфҳои аввали ҳар мисраъ ва ё байт исми шахсе ташкил меёбад |
| МАВЗУН | 1.санчида, вазн кардашуда; 2.мутаносиб, зебо; 3.фасеҳ, равон, форам |
| МАВКИБ | гурӯҳи савора ё пиёда, ки дар рикоби подшоҳ мераванд |
| МАВҚУФ | 1. таваққуфёфта, пастгузошта; 2.мунтазир; 3.аз ҳаракат боздошташуда. 4. мулки вақф кардашуда ба ягон масчид |
| МАВЛАВӢ | 1.уламо; донишманд; 2.лақаби Ҷалолиддини Румӣ |
| МАВЛИД | ҷои таваллуд, зодгоҳ |
| МАВЛОНО | соҳиб, устод |
| МАВЛУД | 1.таваллудёфта. 2. зоидашуда, зоидашавӣ, таваллуд. 3. таърихи таваллуд, рӯзи таваллуд |
| МАВОД | ҷ.модда |
| МАВОНЕЪ | ҷ. монеъ. 1. монеъкунандаҳо, боздорандаҳо, 2. монеаҳо, саддҳо |
| МАВСУМ | номидашуда, ном ниҳодашуда... ба номи... |
| МАВСУФ | васфшуда, таъриф кардашуда, номбурда |
| МАВТ | марг, фавт |
| МАВЪИЗА | насиҳат, панд, андарз |
| МАВЪУД | (чизи) ваъдадодашуда, (чизи) ваъдакардашуда |
| МАҒ | амик, чукур; рудхона |
| МАҒЗ | 1. майна, димоғ, фаъолияти димоғӣ; 2.ақл, ҳуш, идрок; 3. он чӣ дар пӯчоқи мева аст, ҳамчун мағзи чормағз, писта, бодом ва ғайра; 4. маҷ. чизи баргузида, холис |
| МАҒОЗА | фурӯшгоҳ, магазин, дӯкон |
| МАҒМУМ | ғамгин, андӯҳгин |
| МАҒОК | ҷуқурӣ, пастӣ |
| МАҒРИБ | ҷои ғуруби офтоб, тарафи офтобнишин, ғарб |
| МАҒРУР | 1.фирефташуда, фиребхӯрда; 2.худписанд, ҳавобаланд |
| МАД(Д) | 1.кашиш, дарозӣ, 2.болоравии оби баҳр |
| МАДАД | ёрӣ, кӯмак |
| МАДДОҲ | мадҳкунанда, ситоишгӯй |
| МАДЕҲА | мадҳ, таъриф, ситоиш |
| МАДИД | дароз, давомдор |
| МАДИНА | шаҳр, номи шаҳре дар Арабистон Саудӣ |

МАДОР I 1. маркази гардиш; гардиш; 2.маҷ.асос, бунёд, мояи чизе, 3. гардиш, даврон. 4. маҷ. осиё

МАДОР II қувваи ҷунбиш ва ҳаракат дар инсон

МАДРАК 1.сарчашма, маъхаз, санад, далел, ҳуҷҷат

МАДХАЛ 1.ҷои даромад, даромадгоҳ; 2.дахл кардан, мудохила

МАДҲ ситоиш, таъриф, тавсиф

МАДҲУШ беҳол, беҳуд, парешон

МАДЮН қарздоршуда, қарздор

МАЗАЛЛАТ хорӣ, залилӣ

МАЗАМАТ накӯҳиш, сарзаниш

МАЗАРРАТ зарар, зиён

МАЗИД 1.афзоиш; 2.зиёд кардашуда, иловашуда

МАЗИДАН макидан, чашидан

МАЗИЯТ афзалият, бартарӣ

МАЗЛИМА 1. зулму ситам, беадолатӣ, 2.додхоҳӣ, шикоят аз зулм, ситам, 3. азоб, сахтӣ, вазнинӣ

МАЗМУМ мазамматшуда, бад ва зишт шумурдашуда

МАЗОЁ ҷ. мазият; афзалиятҳо, бартариҳо, арзишҳо

МАЗОРЕЪ . мазраъ

МАЗРАА ниг. мазраъ

МАЗРАЪ замини корам, киштзор

МАЗҲАБ 1.роҳ, равиш, тариқ; 2.шуъба ва шохаи ягон дин

МАЗҲАР маҳалли зуҳур, ҷои намоёншавӣ

МАЙИТ мурда

МАЙКАДА майхона

МАЙМУН I масъуд, саодатманд, хушбахт

МАЙМУН II 1.бӯзина; 2.маҷ.одами пастфитрат

МАЙН мина

МАЙСАРА тарафи чапи лашкар

МАКР ҳила, фиреб

МАКРӮҲ зишт, нохуш, нораво

МАКСАБ касб, ҳунар, пеша

МАКФУФ 1.басташуда; 2.маҷ.нобино кӯр

МАҚОЛ гуфтор, суханҳои барҷаста, ки барои далел ва мисол мегӯянд

МАҚОЛА 1.гуфтор, нутқ; сухан; 2.порчае аз навиштаҷот

МАҚОМ 1.ҷой ва маҳалли сукунат ва иқомати мардум ҳамчун шаҳр, деҳа ва ғайра; ҷои истиқомат; 2.ҷой, маҳал, мавқеъ; 3. нишастгоҳ; 4.дараҷа, мартаба, рутба; 5. номи ҳар як гурӯҳи муайяни оҳангҳои мусиқӣ. ки онҳо шашто мебошанд

МАҚОТЕЪ 1. ҷ. мақтаъ. ҷои буридашуда, охирҳо, поёнҳо; 2. охири байти ғазал ё қасида,

МАҚРУН пайваста, қариншуда, наздикшуда

МАҚСУР 1. кӯтоҳкардашуда, кам; 2. маҷ. оҷиз, заиф; 3. вобаста ба чизе ё касе

МАҚТАЪ 1.ҷои катъ кардан, хотима, анҷом; 2.охири байти газал ё касида; 3. маҷ. охири умр

МАҚТУЛ катлшуда, кушташуда
МАЛАК фаришта
МАЛАКУЛМАВТ фариштаи аҷал; азроил
МАЛБАС//МАЛБУС либос, пӯшок
МАЛЕҲ 1.намакин; 2.маҷ.ширин, хуш, дилкаш
МАЛЕҲБАЁН ширинсухан
МАЛЛОҲ 1.киштирон, киштибон, 2.шиновар; оббоз
МАЛОМАТ сарзаниш, накӯҳиш, таъна
МАЛОҲАТ 1.бонамакӣ; 2.маҷ.ситорагармӣ, ҷозибанокӣ дар ҳусн
МАЛУЛ озурдахотир
МАЛЪУН лаънат кардашуда, лаънатӣ
МАМАР(Р) 1.гузаргоҳ, роҳ; 2.восита, тариқ, роҳ; 3. боб, бобат
МАМДӮҲ 1.он кӣ дар ҳаққи ӯ мадҳия гуфта мешавад; 2.писандида, нек
МАМЛУ пур, оганда, моломол
МАМЛУК банда, ғулом
МАН I ҷонишини шахсӣ
МАН II микёси вазн, ки дар ҷойҳои мухталиф гуногун будааст; мас. мани Бухоро аз 128 кг андаке зиёдтар
МАНБАЪ сарчашма, маъхаз
МАНЗУМ ба низом даровардашуда, ба ришта кашидашуда; сухани бо вазну қофия
МАНЗУМА асари назм кардашуда, порчаи назм
МАНЗУР назар кардашуда; намоён, падидор
МАНӢ манманӣ, кибру ғурур, худписандӣ
МАНИШ 1.табиат, хӯ, сиришт; 2.ҷавонмардӣ, бузургӣ; 3.майл, хоҳиш, ҳавас
МАНКУРТ безот, беаслу насаб, шахсе, ки ба тамоми муқаддасоти миллӣ бефарқ мебошад
МАНҚУЗ вайрон кардашуда, шикаста ва харобкардашуда
МАНҚУЛ нақл кардашуда, кӯчондашуда
МАНОФЕЪ манфиат
МАНСУР I 1.парешон ва парокандашуда; муқобили манзум; 2.бо наср навишташуда, равон
МАНСУР II ғолиб, пирӯз
МАНСУХ нест кардашуда; аз эътибор соқитшуда
МАНТИҚ 1.нутқ, сухан, гуфтор; 2.илмест, доир ба қонунҳои тафаккур, хулосабарорӣ ва шаклҳои он, логика
МАНТИҚУТТАЙР 1.забони мурғон; 2.номи асари машҳури Фаридуддини Аттор
МАНҲУЛ бофта, дурӯғ; шеъри шоиреро бе тағйир ба номи худ нисбат додан
МАНҲУС шум, бадбахт, наҳс
МАНҶАНИҚ олоте, ки онро ба сари чӯбе ҷойгир карда санг ё гулӯлаҳои оташро ба тарафи қалъаи душман меандохтанд

МАНШАЪ 1.сарчашма; 2.маҷ. зодгоҳ; 3. маҷ.сабаб, боис; 4.ҷанҷол, низоъ
МАНШУР нашр кардашуда, интишорёфта; 2. тааллуқдошта, мутааллиқ; 3. фармон, фармони подшоҳӣ
МАОД ҷои бозгашт; охирин ҷои бозгашт
МАОСИР ҷ. майсара; корҳои писандида, корҳои наҷибона
МАР I ҳиссачаест, ки пеш аз калимае, ки пасоянди «ро» қабул мекунад омада, маънои таъин ва таъкидро ифода мекунад, баъзан барои зинати калом меоранд; аммо, вале; магар; ниҳоят, беҳад
МАР II ҳисоб, шумор; воҳиди адад баробари 100 ҳазор аст, лак
МАРБУТ вобаста, таалуқдор
МАРҒУБ 1.рағбатнок, писандида, дилхоҳ; 2.дилписанд, дилкаш, хушрӯ
МАРҒУЛ 1.печу тобхӯрда, ҷингила; 2.зулфи печутобхӯрда
МАРДУД рад кардашуда, рондашуда
МАРЗ 1.замин, 2.кишвар, мамлакат, 3.сарҳад
МАРЗАҒАН 1.дӯзах, ҷаҳаннам; гӯристон, қабристон
МАРИЗ бемор, касал, бетоб
МАРКАБ ҳайвони саворӣ ҳамчун асп, хар
МАРҚАД 1.оромгоҳ, қабр; хобгоҳ; 2. маҷ. қабр, гӯр; 3.аморӣ, маҳмили шутур ё фил, каҷоваи одамнишин, ки бар пушти шутур ё фил мебастанд
МАРОМ мурод, мақсад, матлаб
МАСАЛ 1.ҳикояи воқеии ибратомез, қисса; 2. ҳикоя, ривоят3. машҳур, вирди забоншуда
МАСАРРАТ сурур, шодӣ, хурсандӣ
МАСДАР 1. ҷои берун омадани чизе, манбаъ; 2. шакли феълӣ, ки аз асоси замони гузашта бо пасванди -ан сохта мешавад
МАСИР сайргоҳ, сайр; равиш, ҳаракат
МАСКАНАТ мискинӣ, оҷизӣ, бечорагӣ
МАСНАД ҷойгоҳ, такягоҳ; тахт, авранг; маҷ.мақом мартаба
МАСРУР шоду хурсанд, хушвақт
МАСРУФ сарф кардашуда, харҷ кардашуда
МАСТУР I пардапӯш, пӯшида; маҷ.пок, покдоман
МАСТУР II навишташуда; навиштаҷот, китобҳо
МАСҶИД ибодатхонаи мусулмонон
МАСЪУД саодатманд, хушбахт
МАТБАХ ошхона, хонаи ошпазӣ
МАТБАХӢ ошпаз
МАТБӮЪ мувофиқи табъ, мақбул, дилкаш, хушоянда
МАТИН 1.устувор, маҳкам; 2.балеғ, пурмаъно
МАТН 1. ҷои баланд ва устувор; 2.маҷ. навиштаҷоти асли китоб
МАТЛАЪ 1.ҷои тулӯъ, баромадгоҳ; 2.огоз, аввал; 3.байти авали газал ё касида

МАТОЛЕЪ ҷ.матлаъ
МАТОР паридан; ҷои паридан; маҳалли париш
МАТРАҲ ба миёнгузошташуда, баёнкардашуда
МАТРУК тарк кардашуда, аз байнрафта
МАУНАТ I озуқа, нафақа; воситаҳои таъминот
МАУНАТ II ёрй, кўмак, ёрй додан
МАФҚУД гумшуда, аз миён рафта
МАФРАШ чизи густурданй, ҳамчун палос, қолин
МАФТУН 1.фирефташуда, фитнакардашуда; 2.шефта, ошиқ
МАФТЎҲ 1.кушодашуда, 2. фатҳкардашуда
МАФҲУМ фаҳм кардашуда, фаҳмидашуда
МАХДУМ он, кй дигарон ба вай хизмат мекунанд; хўҷаин, хоҷа
МАХЗАН 1.ганҷ, хазина; 2. анбор, мадон
МАХЗУН дар хазина маҳфуз douташуда
МАХМУР 1.маст, хумор гирифта; 2.маҷ.дилкашу, дилрабо
МАХЛУҚ офаридашуда, халқшуда
МАХЛУТ омехташуда, омехта
МАХЛАС 1.халосй, раҳой; 2.охир, поён
МАХУФ хавфнок, даҳшатангез
МАҲАК санги сиёҳе, ки тилло ё нуқраро бо он месанҷанд
МАҲБАС ҳабс, ҳабсхона
МАҲБУС ҳабсшуда, бандй
МАҲД 1.гаҳвора; 2.оромгоҳ; 3. маҷ.тахт, маснад; 4. тахту рахти хоб; 5. маҷ. тобут
МАҲЗ холис, ҳар чизи холис
МАҲЗАР 1.ҷои ҳузур; 2.шаҳодатнома, ҳуҷҷат, санад
МАҲЗУН ғамгин, андўҳгин
МАҲМИЛ каҷова, ки ба шутур ё асп баста ба дарунаш нишаста сафар мекунанд, ҳавдаҷ; каҷоваи сафарини одамнишин
МАҲМУД хамдкардашуда, ситудашуда, таъриф кардашуда
МАҲРАМ 1.касе, ки дар ҳарамхонаи касе роҳ ёфта шуда бошад; 2.хеши наздик; 3.зан, завҷа, ҳамдам.
МАҲСУБ 1. ҳисобкардашуда, шумурдашуда; 2. маҷ. шарик.
МАҲФИЛ ҷамъомад, анҷуман
МАҲФУЗ ҳифз кардашуда, нигоҳ доштaшуда; дар ёд доштaшуда
МАҲЧУБ паси парда буда, пўшида, пинҳон
МАҲЧУР ар ҳаҷр буда, ҷудомонда, ҷудоафтода (аз ёру диёр)
МАҲШАР 1.ҷамъомадгоҳи умумии халқ; 2. маҷ.қиёмат, майдони қиёмат
МАҶБУР бо зўрй ба коре доштaшуда; мутеъ
МАҶД бузургй, шавкат
МАҶДУД хушбахт, нек
МАҶИД бузург, баланддараҷа
МАҶЛИС ҷои ҷамъомади одамон бо мақсади машварат, сўҳбат ё зиёфат
МАҶЛИСАФРЎЗ сўҳбатоpo, маҳфилоро

| | |
|---|---|
| МАҶМӮА | дафтари ашъор, девон; асар ва китобе, ки дар он навиштаҷоте доир ба мавзӯҳои гуногун ҷамъ оврада шудааст |
| МАҶМӮЪ | 1.ҷамъ кардашуда; 2.маҷ.бисёр, фаровон; ҳамагӣ,ҳама |
| МАҶНУН | 1.девона; 2.лақаби Кайс, ки ошики Лайлӣ буд |
| МАҶОЗ | 1. маҳалли гузаштан, гузаргоҳ, 2.зидди ҳақиқат; 3.калимае, ки дар гайри маънои ҳақиқии худ кор фармуда мешавад |
| МАҶҲУЛ | 1.номаълум, ношинос; 2.феъле, ки иҷрокунандаи он маълум набошад |
| МАҶУС | оташпараст, габр, зардуштӣ |
| МАШВАРАТ | маслиҳат; гуфтугузори салоҳандешона дар атрофи ягон масъала |
| МАШИБ | пирӣ, кӯҳансолӣ, мӯйсафед шудан |
| МАШҚ | пӯсти яклухт канда ва ошдода, ки барои кашондани об ва чизҳои обакӣ ба кор баранд |
| МАШШОҚ | навозандаи созҳои тордор |
| МАШОИХ | ҷ.шайх |
| МАШОМ | димог, бинӣ |
| МАШРАА | ҷои обхӯрӣ |
| МАШРАБ I | 1.ҷои обхӯрӣ ва обгирӣ; нӯшидангоҳ; 2.зарфе, ки аз он об, шароб ва ғайра менӯшанд |
| МАШРАБ II | 1.ғоя, маслак; 2.хулқу атвор, хислат |
| МАШШОТА | зане, ки мӯи занонро шона мекунад ва арӯсонро оро медиҳад |
| МАЪБАД | ибодатгоҳ |
| МАЪБУД | 1.чизе, ки онро парастиш мекунанд, хамчун худо, бут, оташ ва г. 2.маҷ. дӯстдошта |
| МАЪВО | 1.паноҳгоҳ; 2.хона, манзил; 3. лона; 4. маҷ. ҳуҷра, иботадгоҳ |
| МАЪДУМ | несту нобудкардашуда |
| МАЪДУМӢ | нестӣ, нобудӣ |
| МАЪЗАРАТ | узрхоҳӣ |
| МАЪЗУЛ | бекор кардашуда; аз кор гирифташуда |
| МАЪЗУР | узрдошта, узрнок |
| МАЪМУЛ | умед, орзу; дар амал ҷоришуда, машҳур |
| МАЪМУН | 1.дар амон буда, бе хавфу хатар; 2.номи яке аз халифаҳои Аббосӣ -писари ҳоруннаррашид |
| МАЪМУР I | 1.фармонбардор, мутеъ; амр кардашуда; 2.коркунони давлатӣ |
| МАЪМУР II | обод, ободон |
| МАЪМУРӢ | ободӣ, ободонӣ; маҷ. дурустӣ |
| МАЪНАВИЁТ | олами рӯҳӣ ва фикрӣ |
| МАЪНӢ/МАЪНО | 1.мазмуни калом, 2.фикр, ғоя; 3.моҳият, чигунагӣ; 4. рӯҳ, ҳолати ваҷди рӯҳӣ; 5. сабаб, боис |

МАЪРАЗ 1.чои нишон додани чизе, намоишгох; 2.мач.майдони чанг

МАЪРИФАТ 1.илму дониш, 2. шинохтан, донистан; 3.биниш, фаҳмиш, фаҳм; 4.шиносой, ошной; 5. маълумот доир ба тасаввуф

МАЪРУФ маълум, машхур

МАЪСУМ 1.касе, ки дар умри худ рафтор ва ҳаракоти хилофи дину шариат накарда бошад; 2. аз гуноҳ пок

МАЪҲУД 1. аҳду паймон кардашуда, бо аҳду паймон, муайян ва муқарраршуда; 2. одат, расм; 3. маъмул

МАЪҶУН сиришташуда, омехташуда; киноя аз шароб

МЕҒ абр, саҳоб; абри тираю торик

МЕДҲАТ ситоиш, махд

МЕНТАЛИТЕТ маҷмӯи тасаввурот ва ҷаҳонбинӣ (идеалогӣ, динӣ, эстетикӣ, психологӣ, этникӣ ва ғайра), ки хоси ашхоси алоҳида ва халқ мебошад

МЕНУ 1.олами улвӣ; осмон; 2.бихишт; зуммурад

МЕҲ 1.бузург, калон; 2.одами бузург; олимақом, сардор; 3. калонтар, бузургтар

МЕҲАН ватан, хонаву ҷой

МЕҲВАР 1.тири асосии чарх; 2.хатти фаразӣ дар миёни қутби шимолӣ ва ҷанубӣ мебошад

МЕҲМОЗ оҳани махсуси нӯгтез, ки ба ақиби пошнаи мӯза устувор карда барои давондани асп ба кор мебаранд.

МЕҲНАТ 1. мусибат, бало, бадбахтӣ; 2. ранҷ, азобу уқубат, машаққат, заҳмат, коре ки дар кардани он одам машаққат кашад. 3. вақти муайяни иҷрои кор

МЕҲР I муҳаббат, ишқ; хуршед, офтоб

МЕҲР II моҳи ҳафтуми соли шамсӣ аз 23- сентябр то 22 октябр

МЕҲР III шамс, офтоб

МЕҲРГОН 1. тирамоҳ, хазон; 2.номи рӯзи ҷашни бостонӣ

МЕҲРОБ тоқи даруни масҷид, ки дар тарафи қибла вокеъ аст

МЕҲТАР 1.бузургтар, калонтар; 2.одами бузург, олимақом; 3. саис, нигаҳбони чорпоён, махсусан аспбон

МЕЪМОР устои гилкоре, ки нақшакашии иморат ҳам аз дасташ ояд

МЕЪРОҶ 1.он чӣ ба воситаи он боло мебароянд; нардбон; 2.маҷ. болоравӣ, дараҷот

МИДОД сиёҳӣ (барои навиштан)

МИЁН 1.дарун, дохил, 2.камарӣ инсон; 3. камарбанд; 4.ғилофи шамшер, теғ ва ғ. 5. байн, мобайн васат: миён... байни...

МИЁНГӢ/МИЁНЧӢ 1.касе, ки дар байн восита шуда ду касро оштӣ медиҳад, ҷӯяндаи сулҳу салоҳи ду тараф; 2. миёнарав

МИЗОН 1.тарозу; номи моҳ аз 23 сентябр то 23 октябр;2.микдору андоза

МИЗРОБ нохунак, асбобе, ки бо он олатҳои ториро чун дутор, рубоб ва г.менавозанд

МИҚРОЗ қайчи, гоз

МИЛЛАТГАРОЙ миллатчигӣ

МИЛҲ намак

МИНВОЛ равиш, тарз, тариқ

МИНҚОР нӯли паррандагон, нӯл

МИНО I 1.обгина, шиша, 2.маҷ.кабуд, осмониранг

МИНО II манораи баланди чароғдор, ки барои ба киштиҳо нишон додани роҳи бехатар дар соҳили баҳр устувор карда мешавад

МИОД 1.ваъдагоҳ, ҷои ваъда; 2.мӯҳлати мулокот, вохӯрӣ

МИР шакли кӯтоҳшудаи амир

МИРЗО 1.амирзода;2.котиб; 3.лақаб, ки дар аввали номҳо ҳамроҳ мешавад

МИРРИХ номи сайёраи Баҳром (Марс)

МИРЪОТ оина

МИСБОҲ 1.чароғ, фонус, машъал, 2.қадаҳи шароб

МИСВОК дандоншӯяк

МИСДО далел, исбот, ҳуҷҷат, гувоҳ

МИСКИН фақир, бечора, тангдаст

МИСҚОЛ вазнест, ки ба 25 грамм баробар аст

МИСМОР мехи оҳанӣ

МИСОЛ 1. шабеҳ, монанд, назир; 2. сурат, шакл, суроб; 3. ҳикояи пандомез ва ибратнок; 4. фармон, ҳукм

МИСРАЪ табақаи дар; як сатри шеър

МИФТОҲ калид

МИҶМАР зарфест, ки дар он ангишт шукуфонида хушбӯиҳоро дуд мекарданд

МО I ҷонишин

МО II чист, он чи

МОВАРО он сӯ, он тараф

МОДАРАНДАР модари ӯгай

МОЗ чин, шиканҷ

МОЗӢ 1.гузашта, пешина; 2.шакли феълӣ, ки дар замони гузашта вокеъ шудани амалро нишон медихад

МОЗУ донаи гирди хордор, ки дар дабоғати пӯст ва ранг кардан ба кор меравад

МОЛА I тахтаи дандонадоре, ки ҷуфтронон замини шудгоршударо бо он ҳамвор мекунанд.

МОЛА II нур, моломол, лабрез

МОЛИХУЛИЁ 1. бемории димоғӣ, ки боиси хаёлоти воҳимаангез мешавад, савдой, хаёлӣ будан; 2. маҷ. суханҳои сафсатаи парешон ва дардисаовар

МОЛОМОЛ бисёр, пуропур, лабрез

МОМО 1. мом, модар; 2. доя.

МОН хона

МОНАВӢ 1.мансуб ба Монӣ, наққоши машҳур; 2.маҷ.бо махорати баланд иҷрошуда; 3. пайрави монӣ

МОНӢ наққош ва файласуфи машҳури аҳди Сосониён

МОНО монанд, шабеҳ

МОСИВО ғайри он, ба ҷуз он

МОТ 1. ҳайрон; 2. гирифтор шудани шоҳ, банд шудани шоҳ (дар бозии шатранҷ); 2. маҷ. мағлуб.

МОҲ //МАҲ 1. қамар, ҳамроҳи замин, ки ба даври он мегардад ва акси рӯшноии офтоб тобон аст; 2. маҷ. хушрӯй, маҳбуба; 3. маҷ. рӯи зебо; 4. арӯс; 5. нишонаи махсус ба сурати моҳ, ки бар болои қаср устувор мекарданд; 6. як қисм аз дувоздаҳ қисми сол.

МОҲАЗАР таоми андаки тайёр

МОҲНОМА рӯзона, нашрияе, ки дар зарфи як моҳ як маротиба нашр мешавад

МОЯ 1. асл ва асос. 2. сармоя, дастмоя; дорой, сарват; молу мулк; 3. асбобу анҷоми кор; 4.матлаб,матомат; 5. фикри муҳим, мулоҳизаи муҳим; 6.микдор, андоза; шумор; дараҷа; 7.қадру қимат; 8. маҷ. истеъдод, лаёқат

МУАББИР таъбиркунандаи хоб

МУАЗЗИН азонгӯй; сӯфии масҷид

МУАЗЗАМ азим ва бузург шумурдашуда

МУАЛЛИМ I омӯзгор, устоз

МУАЛЛИМ II аламнок, дарднок, дардовар

МУАЛЛИФ таълифкунанда, нависандаи китоб, мусанниф

МУАЛЛО олй, боло; азим, бузург

МУАММАР куҳансол, солхӯрда

МУАММО сухани сарбаста; рамз; шеъре, ки ба таври рамз бо қоидаи махсус исмеро ифода мекунад

МУАНБАР анбарин, хушбуй

МУАРРАБ калимаи ғайриарабии арабигардонидашуда аз қабили тарҷумон, ки аслан тарзубон аст

МУАРРИФ шиноскунанда

МУАССИР таъсирбахш

МУАТТАР атрогин, хушбӯй

МУБАД 1.рӯҳонии зардуштиён; 2. олим ва донишманди дини зардуштӣ

| | |
|---|---|
| МУБАРРО | пок, холй аз айб ва гуноҳ |
| МУБИН | 1. ошкоркунанда, ошкор, возеҳ; 2.соф, равшан |
| МУБОРАК | бобаракат, хуҷаста, нек |
| МУБОШАРАТ | 1. коргузорй кардан; мустақилона кор кардан, машғул шудан ба коре; 2. муоширати зану мард; 3.заношўй, издивоҷ |
| МУБРАМ | 1. маҳкам, собит, устувор; маҷ. муҳим, зарур. 2. маҷ. қатъй кардашуда, ногузир |
| МУБТАДО | 1. оғоз, пайдо, чизе, ки дар аввал воқеъ шудааст. 2. фоил |
| МУБҲАМ | пўшида, пинҳонй, норавшан |
| МУВАККАЛ | 1.гумошта, вакил, намоянда; 2. нигаҳбон, посбон, қаровул |
| МУВАШШАҲ | 1. ороста, зинат додашуда; 2. шеъре, ки аз ҳарфҳои аввали ҳар мисраъ ва ё байт исми шахсе ташкил меёбад |
| МУВОЗЕҲ | рў ба рў истода |
| МУВОЗЙ | баробар |
| МУВОСО | 1.созиш ва мувофиқат бо ҳамдигар, мадоро, мурассо; 2. ёрй, мадад |
| МУДАББИР | тадбиркунанда, ботадбир, чораҷў; соҳибтадбир; сардор. |
| МУДАВАН | 1. ба шакли девон ва китоб даровардашуда; 2. ҷамъкардашуда, фароҳамдиҳанда |
| МУДАРРИС | дарсдиҳанда, муаллими мадраса |
| МУДБАР | бадбахт; мукобили мукбил |
| МУДДАЙ | 1.даъвокунанда, додхоҳ, адолатталаб; 2. иддаокунанда; 3. маҷ. рақиб; 4.киноя аз зоҳид, шайх |
| МУДДАО | хоҳиш, талаб, мақсуд |
| МУДОВИМ | 1. давомдиҳанда; 2. собитқадам, ба сурати мудовим пайваста; доимо |
| МУДОМ I | доим, доимй, ҳамеша |
| МУДОМ II | май, шароб |
| МУДОРО | бо нармй ва ҳусни хулқ ба касе рафтор кардан; муомилаи нек; илтифот; лутф; оштй ва сулҳу салоҳ ба кор бурдан |
| МУДРАК | дарк кардашуда, идрокшуда, маълум |
| МУДХИЛ | бахил, хасис, лаим |
| МУҒ | 1.рўҳонии оташпарастон; 2.оташпараст; 3.устоди зардуштй; 4. маҷ. майфуруш, соҳиби майхона |
| МУҒАННЙ | сароянда ва навозанда, мутриб, ҳофиз |
| МУҒБАЧА | 1.шогирд ва хизматгори дукони майфурушй; 2. бачаи оташпараст |
| МУҒЕЛОН | як навъ дарахти хордор |
| МУҒЛАҚ | 1.дари баста; 2.сухане, ки ёфтани он мушкил бошад; номафҳум, печ дар печ |
| МУҒОИР | ғайр, мухолиф |

| | |
|---|---|
| МУЖДА | хабари хуш, навид |
| МУЗАВВИР | тазвиркунанда, фиребгар |
| МУЗАЙЯН | зебу зинат додашуда, ороста |
| МУЗАККАР | 1.нарина; 2. ҷинси мардона |
| МУЗАККИР | зикркунанда; шайх |
| МУЗДУР | мардикор, коргари рӯзмарра |
| МУЗИРР | зиёновар, зарарнок |
| МУЗМАР | дар замир буда; дар дил буда; маҷ. пӯшида, махфӣ |
| МУЗОЯДА | аукцион, зиёдкунӣ |
| МУЗОРЕЪ I | зироаткунанда, киштукоркунанда, деҳқон |
| МУЗОРЕЪ II | 1. монанд, мушобеҳ; 2. замони ҳозира-ояндаи феъл |
| МУЗОФ | 1. изофа кардашуда, илова кардашуда; 2. нисбат додашуда, мансуб, дахлдор. |
| МУЗТАРИБ | ошуфта, парешон; бетоқат, беқарор |
| МУКАДДАР | 1.тира, сиёҳ; 2.маҷ.хафа, ғамгин |
| МУКАЛЛАЛ | ба чизе оросташуда, зебу зинат додашуда (бо ҷавоҳир, тилло), мурассаъ |
| МУКАРРАМ | кироми, азазу мӯҳтарам |
| МУКРИМ | соҳибкарам, бахшишкунанда |
| МУҚАДДАМ | 1.пеш дарпеш,қаблан; пешқадам, пешво; сардор |
| МУҚАДДАС | пок, беолоиш |
| МУҚАЙЯД | ба қайд афтода, побанд, гирифтор |
| МУҚАЛЛИД | таклидкунанда, пайрав |
| МУҚАННАЪ | 1.пардапуш, ниқобдор; 2. лақаби ҳаким ибн Ато, ки бо номи Ибни Муқаннаъ машҳур аст. |
| МУҚАРРАБ | 1.наздикшуда, 2.маҷ.ҳамсӯҳбати доимӣ |
| МУҚАРРАР | 1. такрор кардашуда, такроран гуфташуда; 2. такроран, дуюмбора, гашта-баргашта |
| МУҚАТТАОТ | қитъаҳо; манзумаҳои сабуквазну кӯтоҳ |
| МУҚАТТАЪ | буридашуда; қитъа-қитъа кардашуда |
| МУҚБИЛ | соҳиби иқбол, хушбахт |
| МУҚИМ | 1.иқоматкунанда, бошанда, сокин; 2.маҷ.собитқадам, устувор |
| МУҚНАС | ба дом афтода, сайдшуда |
| МУҚОБАЛА | 1. муқобили якдигар шудан; 2. рӯ ба рӯ, муқобил; бо ҳамдигар муқоиса ва баробарӣ кардан; 4. муқобил баромадан; мухолиф ва зид баромадан |
| МУҚТАДИР | боқудрат, тавоно, қодир |
| МУҚТАЗО | 1.тақозо, талаб; тақозо кардашуда, хосташуда; 2.шарт |
| МУЛ I | пур |
| МУЛ II | май, шароб |

| | |
|---|---|
| МУЛАВВАН | гуногунранг, ранг ба ранг |
| МУЛАММАЪ | 1.рангоранг; нақшин; 2.омехташуда; шеъре, ки ба ду забон навишта шудааст |
| МУЛЛО | 1.олими мадраса, олими дин ва шариат; 2.маҷ.пурдон, доно; 3.такроран соф кардашуда |
| МУЛОЗАМАТ | 1.ҳамроҳ будан; 2.хизматгорӣ; 3.маҷ.хушомадгӯй кардан |
| МУЛТАМАС | илтимоскунанда; илтимос, хоҳиш |
| МУЛҲАҚ | пайвасташуда, ҳамроҳшуда |
| МУЛҲАМ I | илҳомгирифта, он ки дар дилаш фикре пайдо мешавад. |
| МУЛҲАМ II | 1.навъе аз матои абрешимини нафис; 2. ҷомае, ки аз ҳамин мато дӯхта шуда бошад. |
| МУМТАНЕЪ | манъ кардашуда; номумкин, маҳол |
| МУМТАҲАН | 1.имтиҳон кардашуда, санҷидашуда; 2.хору залил |
| МУМТОЗ | имтиёзёфта, афзал, баргузида |
| МУНАВВАР | пурнур, равшан |
| МУНАЗЗАМ | ба назму тартиб даровардашуда |
| МУНАЗЗАҲ | покиза кардашуда; пок, хуш, хуррам |
| МУНАҚҚАШ | нақшу нигор кардашуда, нақшдор |
| МУНАҶҶИМ | донандаи илми нуҷум, ситорашинос |
| МУНИР | 1.нурдиҳанда, тобон; 2.киноя аз ёр, маҳбуба |
| МУНОДӢ | нидокунанда, ҷарчӣ |
| МУНОҚАША | низов а мухолифот |
| МУНОСИР | нусратдиҳанда, ёрирасон, ёвар |
| МУНОФӢ | ботилкунанда, несткунанда |
| МУНОФИҚ | одами дурӯя |
| МУНОҶОТ | тавалло ва зорӣ кардан ба худо |
| МУНСИФ | боинсоф, боадолат |
| МУНТАҚО | интиҳо, поён, охир, анҷом |
| МУНФАИЛ | шармсор, хиҷил, хиҷолатманд |
| МУНҲӢ | 1.расонандаи хабар ва пайғом; 2. хабардиҳанда, воқеанавис |
| МУНШАОТ | навиштаҷот, таснифот, порчаҳои эҷодкардаи касе |
| МУНЪИМ | 1.инъомкунанда; 2.соҳиби неъмат, бой, б адавлат |
| МУОВАНАТ | ба ҳамдигар ёрмандӣ кардан; дастгирӣ, мададгорӣ |
| МУОД | бозгардондашуда |
| МУОДӢ | адоваткунанда, душманикунанда |
| МУОЛАФАТ | бо ҳам улфат гирифтан |
| МУОМАЛА | рафтор ва муносибат бо дигарон; 2. додугирифти тиҷоратӣ, харидуфурӯш |
| МУОСИР | ҳамаср, ҳамзамон |
| МУОШИР | ҳамдам, ҳамсӯҳбат |
| МУОЯНДА | 1.бо чашми худ дидан; 2.аён, ошкоро; возеҳ |

МУРАББАЪ — чоркунҷа; шеъре, ки ҳар бандаш аз чор мисраъ иборат аст

МУРАДДАФ — шеърҳое, ки гайр аз ҳамқофия будан ҳамрадиф ҳам ҳастанд, радифдор

МУРАККАБ — 1. таркибёфта, таркибӣ; омехта; 2. душвор, печдарпеч; 3. сиёҳии махсус барои навиштан.

МУРАССАЪ — оросташуда, ороишдодашуда бо ҷавоҳир

МУРАТТАБ — 1.ба тартиб даровардашуда, ҷо ба ҷо гузошташуда;пайдарҳам гузошташуда; пайдарҳам; 2. омода, тайёр кардашуда, муҳайё; 3. рутбадор, соҳиби рутба.

МУРАХХАС — иҷозат додашуда, соҳибихтиёр, муҳтор

МУРДАРЕF — 1. меросе, ки пас аз марги касе мондааст; 2. чизи барабас рафта, гумшуда.

МУРИД — 1.иродатманд; толиб, 2.пайравикунанда, пайрав; дастдодаи шайх, пир ё эшон

МУРОҚАБА — 1.мушоҳида; бо диққат нигоҳ кардан ба чизе; фикру тааммул; 2.дар фикри худо аз тааллуқоти дунё дур будан

МУРООТ — 1. риоя кардан ба чизе; 2. муомилаи нек, ҳурмат,
лутфу марҳамат

МУРОСАЛА — ба ҳам мактубнависӣ, мукотиба

МУРТАФЕЪ — 1.баланд бардошташуда; 2. маҷ.олисифат; 3. аз миён бардошташаванда

МУРУВВАТ — мардонагӣ, ҳимматбаландӣ, лутфу эҳсон; 2.инсоф; одамигарӣ

МУРШИД — иршодкунанда; пир, шайх; роҳнамо

МУСАВВАР — 1.тасвир кардашуда, сурат кашидашуда; 2.аксёфта; 3.ба назар намоён, муҷассам

МУСАВВИР — сураткаш, нигоранда, рассом

МУСАДДАС — шашгӯша, шашкунҷа; як шакли шеърӣ, ки ҳар бандаш аз шаш мисраъ иборат аст

МУСАЛЛАМ — 1.таслимшуда, тобеъшуда, дастрасшуда; 2. эмин, саломат; 3. муносиб, лоиқ, раво; 4. таъин кардашуда; 5. дастрасшуда

МУСАЛЛАС — 1.сегуша; 2.мае, ки баъд аз соф карда ҷушонидан ҳиссаи сеюмаш монда бошад; 3.шеъре, ки ҳар банди он аз се мисраъ иборат аст

МУСАЛЛО — 1.ҷойнамоз, саҷҷода; 2.намозгоҳи умумӣ; 3.номи ҷои пурсафое дар Шероз, ки намозгоҳ будааст.

МУСАЛСАЛ — 1.силсилабанд; маҷ.пайваст кардашуда; пай дар пай

МУСАММАН — ҳаштгуша; ҳашткунҷа; шеъре, ки аз ҳар бандаш ҳашт мисрагӣ аст

МУСАММАТ — ҷавоҳири ба ришта кашида; шеърҳое, ки аз

бандҳои ҷудогона иборат, аз қабилаи мусаллас, мураббаъ, мухаммас, мусаддас ва ғ

МУСАММО исм додашуда, номидашуда

МУСАННИФ муаллиф, таълифкунанда

МУСАФФО соф, беғубор , тоза

МУСАХХАР тасхир кардашуда, мағлуб кардашуда, ром кардашуда

МУСАҶҶАЪ 1.сухани қофиянок; асари насрии қофиядор; 2. маҷ. мавзун

МУСИР I бой, давлатманд

МУСИР II изҳоркунанда, касе, ки дар коре сахт ва устувор меистад

МУСО 1.устура, поку; 2.номи пайғамбари яҳудиён.

МУСОИД 1. мувофиқ; 2. созгор; ёридиҳанда

МУСОЛАМАТ сулҳҷӯй, бо ҳам сулҳ кардан

МУСОЛАҲА дар ҳоли сулҳ ва оштӣ будан бо ҳамдигар

МУСОҲАЛА 1.нармӣ, мулоимӣ; 2.бепарвой, сахлгирӣ (дар коре)

МУСОҲИБ ҳамсӯҳбат, ҳамдам, ҳамроҳ

МУСТАВӢ 1. тахт, ҳамвор; 2. маҷ. росту дуруст; 3. солим, сиҳат; 4. баробар

МУСТАВФӢ I сардори аҳли девон, ки аз мусоҳибон ҳисоб мегирифт; сармуҳосиб, сардафтар

МУСТАВФӢ II басанда, кофӣ

МУСТАҒНӢ бениёз; бой бадавлат, тавонгир

МУСТАЗОД зиёд кардашуда; шакли шеърие, ки дар охири ҳар мисрае чанд калима ё фикраҳои ҳамвазн илова шудааст

МУСТАҚИМ 1. ростгор, саҳеҳ; дар ҷое бошанда; по бар ҷо; бевосита; 2. рост, ростгор; истиқоматкунанда 3. дуруст, саҳеҳ; 4.устувор, қоим. 5. бевосита

МУСТАЛАҲОТ ибораҳои маҷозӣ, идиомаҳо. 2. истиқоматкунанда; 2. рост, ростгор; 4. дуруст, саҳеҳ

МУСТАМАНД 1. ғамгин, андуҳгин; 2.бечора, оҷиз; 3.маҷ.ошиқ, гирифтор

МУСТАОР 1.ориятӣ, ба орият гирифташуда

МУСТАРЕҲ роҳаткунанда, осуда

МУСТАҶОБ иҷобаткунанда, қабулшуда

МУСТӢ гила, шикоят

МУСҲАФ варақҳои саҳифабандшуда, китоб; маҷ. қуръон

МУТААССИР I 1.таъсиргиранда, 2.андуҳгин, хафа

МУТААССИР II душвор, мушкил

МУТАБАҲҲИР бисёр доно, аллома

МУТАЗОД ба ҳам зид, бо ҳамдигар мухолиф, антоним

МУТАДОВИЛ расмшуда, маъмул

МУТАККАББИР такаббуркунанда, мағрур

МУТАҚАДДИМ пешгузашта, пешина; қадим

МУТАКАЛЛИМ 1. гӯянда, гапзананда; 2. суханоро, сухандон; 3. донандаи илми калом

МУТАРРО бо тароват, тару тоза; мусаффо

МУТАХАЙИР ба тахайюл монда, ҳайрон

МУТЛАҚ 1. калом, тамом; 2. озодшуда, раҳокардашуда; озод; 3. тамом, ба таври куллӣ; ҳаргиз

МУТОБЕЪ пайрав, тобеъшаванда, мутеъ

МУТОБИҚ мувофиқ, баробар

МУТОЯБА шухӣ; хушгӯй

МУТРИБ навозанда, сароянда

МУТТАКО 1.такягоҳ, 2.болин, болишт

МУТТАСИЛ 1.пайваст; 2.доимо, ҳамеша

МУТТАҚӢ тақводор, пархезгор

МУФАРРАҲ 1.осуда, ором; 2. ризоманд, хушдил, хурсанд

МУФАРРЕҲ фараховар, хурсандибахш

МУФИД фоидабахш, нафъовар

МУФЛИС бечиз, нодор, камбағал

МУФЛИҚ нуктасанҷ, нavовар

МУФОХИР фахркунанда, ифтихоркунанда

МУФРАД якка, танҳо

МУХАББИР хабаркунанда

МУХАЛЛАД доимӣ, абадӣ, ҳамешагӣ

МУХАММАС 1.панҷгона; 2.шакли шеърӣ, ки ҳар бандаш аз панҷ мисраъ иборат аст

МУХАФФАФ 1.сабук кардашуда; 2.кӯтоҳ кардашуда, ихтисорёфта

МУХЛИС ихлосманд, содиқ, самимӣ

МУХЛИК халокатовар, хатарнок

МУХОЛИФ 1.муқобил, зид; 2.хасм, душман; ҳарф; 3. рӯ ба рӯ

МУХОТАБ касе ки ба ӯ хитоб мекунанд, касе, ки сухан ба вай нигаронида шудааст

МУХТАЛИФ гуногун, ҳархела

МУХТАСАР 1.ихтисор кардашуда, кӯтоҳ, мӯъҷаз; 2. кӯтоҳмуддат; 3. хурд, майда; 4. маҷ. ночиз, беаҳамият, кам.

МУХТОР 1.интихобшуда; 2. писандида; соҳибихтиёр

МУҲАДДИС 1.достонгуй, қиссаҳон; 2.донандаи илми ҳадис, ҳадисдон

МУҲАЛЛО ороста, зебу зинатёфта

МУҲАНДИС 1.олими илми ҳандаса; 2.бинокор, меъмор; 3. маҷ. донои кор

МУҲАРРАМ 1. ҳаром кардашуда, ҳаром шумурдашуда; 2. моҳи аввали соли қамарии ҳиҷрӣ (ин моҳро арабҳо барои он «муҳаррам» номидаанд, ки дар он ҷанг кардан мамнӯъ аст)

МУҲИБ I боҳайбат, тарсонанда
МУҲИБ II дўст, дўстдор
МУҲАҚҚАР 1.ҳақир, камарзиш, ночиз; 2.хурд, майда; 3. чизи андак, миқдори каме аз чизе
МУҲАҚҚАҚ аниқ, саҳеҳ, собит, таҳқиқшуда
МУҲАҚҚИҚ таҳқиққунанда, аҳли таҳқиқ
МУҲИТ 1. иҳотакунанда; 2. дарбаргиранда, фарогиранда; 3. доира; 4. хати доиравӣ; 5. уқёнус, 6. номи китобе доир ба фиқҳ
МУҲОВАРА гуфтугў, саволу ҷавоб бо ҳамдигар; сўҳбат
МУҲОРАБА ҳарбу зарб бо ҳамдигар, рамзу пайкор дар майдони ҷанг.
МУҶАЛЛО ҷило ёфта, сайқал додашуда; тобон, дурахшон
МУҶАРРАД 1.танҳо, аз мардум дур; 2. ҷудо, озод, фориғ; 3. танҳо, ягона; 4. бараҳна, урён; 5. марди безан; 6. ғайри моддӣ, ҳамчун ақл, ҳуш, нафс...
МУҶИБ I сабаб, боис
МУҶИБ II ҷавобдиҳанда, ҷавобгўянда
МУҶОВИР 1.наздик, ҳамсоя;
МУҶРИМ гунаҳкор
МУШАББАК 1.панҷарадор; 2.сурохдор, сўрох-сўрох
МУШАВВАШ 1.ошуфта, парешон; 2.шўрида, беором
МУШАХХАС 1.ташхис додашуда; муайян; 2.фарқ кардашуда
МУШК 1.моддаи сиёҳранги хушбуй, ки аз нофи як хел оҳу ҳосил мешавад; 2. маҷ. хушбўй, атр; 3. киноя аз зулф.
МУШКБЕЗ мушкафшон, хушбўй
МУШКИНКАМАНД дорои зулфони сиёҳу хушбўй
МУШКИНРАКАМ хушнавис
МУШКИНҲОЛ дорои холи сиёҳ
МУШКФОМ мушкранг, сиёҳ
МУШОБЕҲ шабеҳ, монанд
МУШТАБЕҲ шабоҳатдор, монанд
МУШТАРАК умумӣ, шарикӣ
МУШТАРИБАХТ хушбахт, саодатманд
МУШТАРӢ I 1.харидор, 2.талабгор, орзуманд, толиб
МУШТАРӢ II номи ситорае, ки Саъди Акбар гуянд (Юпитер)
МУШТОҚ 1.иштиёқманд, орзуманд; 2.ошиқ, ошиқи шайдо
МУШФИҚ шафқаткунанда, дилсўз, меҳрубон
МУШФИҚӢ 1. дилсўзӣ, меҳрубонӣ. 2. тахаллуси шоири машҳури тоҷик Абдураҳмон (1538-1588)
МЎБАД ниг.мубад
МЎМИЁ моддаи сиёҳранги қирмонанде, ки дар баъзе ғорҳо ва давраҳои санг таровида мебароядва хурдани он барои зуд пайваст шудани устухон фоиданок

аст
МЎҲКАМ — 1.маҳкам, мустаҳкам; 2.пухта, ботаҷриба; 3. сахт, бошиддат
МЎҲСИН I — эҳсонкунанда, некукор
МЎҲСИН II — марди зандор
МЎҲТАСИБ — назораткунандаи иҷрои аҳкоми шариати исломӣ
МЎҲТАШАМ — боҳашамат, бузург, бошукуҳ, obod
МЎҲИЙ — эҳёкунанда, зиндакунанда
МУЪТАҚИФ — гўшанишин, хилватнишин
МЎЪТАҚИД — эътиқодманд, боваркунанда

## Н

Н — ҳарфи ҳаждаҳуми алифбои забони тоҷикӣ
НА — ҳиссачаи инкорӣ
НААМ — ҳа, бале, оре
НАБАРД — ҷанг, разм, муҳориба
НАБАРДГОҲ — майдони ҷанг
НАБЕҲ — ҳушёрӣ, бедор, хабардор
НАБЗ I — андак, кам
НАБЗ II — ҷунбиши раги инсону ҳайвон, ки ҳаракати дилро ба вуҷуд меорад.
НАБИД//НАБИЗ — шароб, май
НАБЙ — пайғамбар, расули худо, фиристодаи худо
НАВА — набера
НАВАДАН — 1. нола кардан, нолидан, зори кардан; 2. ларзидан, ҷунбидан; 3. хаму рост шудан (дар вақти ибодат)
НАВАНД — 1. аспи тезрав; 2. қосид, номабар; 3. зирак, тезфаҳм
НАВАРД I — 1. печида, 2. андўхта, ҷамъомада, захира; 3. лоиқ, муносиб
НАВАРД II — ниг.набард
НАВБАТ I — 1. дафъа, бор, карат; 2. вақт, фурсат, вақти 1ҳатмӣ ва воҷиб шудани коре;3.давр, давра, вақт, ҳангом; 4. вақти посбонӣ.
НАВБАТ II — нақора ва табли калон
НАВБАҲОР — 1 аввали фасли баҳор; 2. киноя аз зани ҷавон ва хушрўй; 3. номи ибодатгоҳи буддой дар Балх.
НАВИД — хабари хуш, мужда
НАВКАР//НЎКАР — хизматгор, мулозим, чокар
НАВО I — нағма, оҳанг, овоз
НАВО II — 1. хўрок, ғизо; 2. сарват, боигарӣ; 3. корсозӣ, саранҷоми кор; 4. гарав, гаравгон; 5. интизом, тартиб

НАВО III — тухми хурмо
НАВОДИР — ч.нодира
НАВОЕҲ — ч.ноиҳа зани; зани зорикунанда, гирякунанда
НАВОЛ — 1. ҳадя, бахшиш; 2. насиба, баҳра
НАВОЛА — хӯрок, таом, луқма
НАВОР — тасмаи паҳни ресмоние, ки барои бастани хаймаҳо, бор бар чорпоён истифода мешавад; 2. лента барои сабти овоз ё тасвир
НАВҲ I — яке аз қисмҳои грамматика, ки ҷумла ва сохти онро меомӯзад, синтаксис
НАВҲ II — роҳ, сӯй
НАВҲ III — миқдор, андоза, ҳудуд
НАВҲА — гиря, зорӣ, фиғон
НАДАМ — пушаймонӣ, ҳасрат
НАДИМ — 1. ҳимнишин, ҳамсӯҳбат; 2. рафиқи наздик бо бузургон
НАДОМАТ — пушаймонӣ, тааccуф
НАЁМ//НИЁМ — ғилофи шамшер
НАЖАНД — 1. ғамгин, андӯҳгин; 2. даҳшатовар; 3. паст, хор, ночиз; 4. парешон, пажмурда, афсурда
НАЖОД — асл, насаб, насл
НАЗАР — 1.нигоҳ, як бор нигоҳ кардан, 2. киноя аз чашм, дида; 3.мақсуд, муддао
НАЗЕҲ — пок, покиза, тоза, босафо
НАЗИР I — огоҳкунанда, бохабаркунанда
НАЗИР II — мисл, монанд
НАЗИФ — покиза, нозук, заиф
НАЗМ — 1.ба ришта кашидани гавҳар; оростан, ороиш додан; 2.тартиб, интизом; 3.каломи мавзун, шеър
НАЗОКАТ — 1.нозукӣ, зебой, латофат; 2.эҳтиром дар гуфтугузор
НАЗР — 1.ваъда ва аҳду паймон, 2.он чи касе дар роҳи худо адо кардани онро ба муносибате ният мекунад.
НАИМ — 1.мол, неъмат, боигарӣ; 2.хуррамӣ, шодмонӣ
НАИР — 1. нурдиҳанда, равшанкунанда; 2.мач.офтоб, ситора моҳ
НАЙСОН — 1.моҳи ҳафтуми румист, ки тақрибан ба моҳи апрел баробар меояд; 2.борони баҳорӣ
НАКБАТ — бадбахтӣ, сахтӣ, машаққат, ранч
НАКИР — он кӣ инкор мекунад, инкоркунанда
НАКИРА/НАКАРА — ношинос, номуайян
НАКӮНОМ — некном; касе, ки ӯро ба некӣ ном мебаранд
НАКӮСИРАТ — соҳиби хулқу ахлоқи хуб, хушахлоқ

| | |
|---|---|
| НАКҲАТ | бӯи хуш |
| НАҚД | танқид, интиқод |
| НАҚИБ | 1.сардор, раҳбар; сардори қавм. 2. ходими шахси олимансаб. |
| НАҚИЗ | мухолиф, зид, муқобил |
| НАҚӢ | покиза, тоза |
| НАҚҚОД | тозакунанда, сара ва носараро аз ҳам чудокунанда |
| НАҚОИС | чамъи нақиса; камбудиҳо, нуқсонҳо |
| НАҚШБАНД | 1.наққош, суратгар; 2.номи равияе дар тасаввуф; 3.номи Баҳоуддини Бухорой (вафот-1388-1389). |
| НАЛМ | хуб, зебо, хушрӯй |
| НАМОЗ | дуо, ибодат ва арзи ҳочату ниёз ба худо, ки аз рӯи шариати Ислом дар як шабонарӯз 5 маротиба адо карда мешавад. |
| НАМУДАН | 1.нишон додан, ишора кардан; 2. намоён шудан; 3.ба назар омадан. 4.феъли ёридиҳанда дар феълҳои таркибии номӣ |
| НАМИМ//НАМОМ | суханчин, ғайбаткунанда, хабаркаш |
| НАМОИШНОМА | асари барои намоиш дар саҳна навишташуда, пеъсса; нақша-баёни муфассали ягон намоиш |
| НАНГ | ор, номус, шарм |
| НАРГИС | номи гиёҳи хурду нозук, ки гулҳои хушбӯи сафеду зард дорад |
| НАСАҚ | 1.тарз, равиш; тартиб, қоида; 2.ҳолат, аҳвол; 3.чазо |
| НАСИБ I | олиначод, шахси олинасаб |
| НАСИБ II | бахра, ҳисса, сарнавишт |
| НАСИР | мададгор, ёридиҳанда |
| НАСИҲАТНИЮШ | насиҳатшунав, касе, ки панду андарзро гӯш крада амал мекунад |
| НАСР I | 1.пароканда кардан, 2.пошидан; асарҳои бевазну беқофия навишташуда, муқобили назм |
| НАСР II | каргас, уқоб |
| НАСР III | 1.ёрӣ, ёрмандӣ кардан, мадад расонидан; 2.ғалаба, зафар, пирӯзӣ |
| НАСРИН | номи гули сафеди хушбӯи хурд |
| НАСРИНБАДАН | сафедбадан |
| НАСРОНӢ | пайрави дини Исо, христианӣ |
| НАСТАРАН | номи гули хушбӯи зебои сафед ё сурхранг |
| НАСТАЪЛИҚ | номи як хел хат бо алифбои арабӣ, ки аз хати «насх» ва «таълиқ» ба вучуд омадааст |
| НАСТӮҲ | 1.чангчӯ, шучоъ, нотарс; 2.зишт, дағал, қабеҳ; |

3.номи қаҳрамон дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ

НАСӮХ панддиҳанда, насиҳаткунанда, дӯсти содиқ

НАСХ нест кардан, бекор кардан

НАТТОҚ суханрон, суханрони моҳир, суханвар

НАТЪ суфра, суфраи чармин

НАУЗУБИЛЛАҲ паноҳ мебарем ба худо (ибораест, ки дар вақти эҳтимоли пеш омадани ҳодисаи баде мегӯянд)

НАФАС 1. даме, ки инсон ё ҳайвон аз роҳи даҳон ё бинӣ ба худ мекашад ё берун мекунад; 2.мач. лаҳза, сония; 3.оҳ, нола

НАФИС латиф, нозук, писандида

НАХЛ дарахти хурмо

НАХУСТВАЗИР сарвазир, раиси вазирон, садри аъзам

НАХЧИР 1.шикор, шикор кардан, 2.чонвари саҳрой, шикоршаванда, монанди оҳу, гавазн

НАХШАБ номи собиқи шаҳри қаршӣ, Насаф.

НАҲИФ лоғар, заиф

НАҲӢ манъ, манъ кардан

НАҲМОР 1.бузург, азим; 2.бешумор, беандоза, бисёр

НАҲС бадбахтӣ, шум, бехосият

НАҶМ ситора

НАҶҶОР дуредгар, чӯбтарош

НАЪЛ 1.кафш, пойафзал; 2.оҳанпорае, ки ба зери суми аспу хар, пошнаи кафш мезананд.

НАЪТ мадҳ, ситоиш, таъриф

НЕВА нола, фарёд, гиря

НЕК 1.хуб, нағз; 2.одами хуб; 3.некӣ, нағзӣ; 4.бисёр, хеле

НЕКАХТАР хушбахт, саодатманд, бахтиёр

НЕКСИГОЛ некандеш

НЕКӮ хуб, нағз, хушрӯй, зебо

НЕКФАН донишманд

НЕКФАРҶОМ он кӣ оқибати кораш бохайр аст; некоқибат

НЕРӮ 1.қувват, зӯр, зӯрӣ; 2.қудрат, имконият

НЕЪМАТ мол, сарват, боигарӣ; осоиш, осудахоҳӣ

НИГАРОНӢ ташвиш, хавотирӣ

НИГИН//НИГИНА ангуштарин; 2.санги қимматбаҳои ангуштарин

НИГОР 1.нақш, тасвир; 2.маҷ.маҳбуба, маъшуқа

НИГУНСОР чаппа, сарнагун

НИЁЗ 1.ҳоҷат, эҳтиёҷ; майлу хоҳиш; 2. хоҳиш, илтимос; 3. рӯ оврадан ба худо, бо илтиҷо муроҷиат кардан ба худо. 4.мӯҳтоҷӣ, бенавой,

НИЁЗМАНД ҳоҷатманд, мӯҳтоҷ

НИЁИШ ситоиш; таҳсин, офарин, дуои хайр

НИЗОМ 1.риштаи марворид ва ғ.2.маҷ.тартиб, интизом

НИЗОМӢ 1.аскар, сарбоз; 2.тахаллуси шоири машҳур Низомии Ганҷавӣ

НИЗОР//НАЗОР хароб, лоғар; суст, заиф

НИҚОР ихтилоф, душманӣ, низоъ, кина

НИЛ I 1.номи гиёҳе, ки дар мамлакатҳои гарм мерӯяд. 2. ранги кабуди баланди сиёҳтоб.
НИЛ II 1. номи дарёи бузурге дар Африқо
НИЛГУН нилоб, кабуд, осмониранг
НИЛУФАР навъе аз растании обӣ, савсани обӣ
НИМЧА вазнест, ки ба 500 кг баробар меояд
НИСВОН занон
НИСОБ 1.асли ҳар чизе; 2.рутба, дараҷа; миқдор.
НИҲОД 1.табъ, табиат, сиришт, ботини одамӣ; 2.одат, қоида, тартиб, расму оин; 3.қарор, қарордод. 4.маҳал, макон
НИҲОЛ I дарахти навкашида
НИҲОЛ II бистар, рахти хоб
НИҲОН пинҳон, махфӣ; роз, сир
НИҲУФТАН//НУҲУФТАН пинҳон кардан, пӯшидан, пинҳон шудан
НИШЕМАН ҷои нишастан, ҷойгоҳ. 2.ошиёна, лона.
НИШОТ шодӣ, хурсандӣ
НО пешванде, ки маънои набудан, манфиро ифода мекунад
НОБ тоза, пок, холис
НОБИҒА одами баландистеъдод
НОБИХРАД нофаҳм, беақл
НОБОЛИҒ ба балоғат нарасида
НОБУВВАТ пайғамбарӣ; маҷ. эъҷоз, мӯҷиза нишон додан
НОВАК 1.тир; 2.маҷ.мижгони маъшуқа
НОГУЗИР ҳатмӣ, бе шаку шубҳа
НОДИР камёб, камдидашаванда
НОДОН одами бедониш, беақл
НОДОР камбағал, фақир, мискин
НОЗ 1.хушаҳволӣ, хурсандӣ; 2.ишва; 3.такаббур, мағрурӣ, кибр
НОЗИМ 1.ҷамъкунанда, 2.тартибдиҳанда; 3.ҳоким, фармонраво, 4.шоир, назмнавис
НОЗИР 1.назаркунанда, 2.нигаҳбон, назораткунанда
НОЗУК латиф, заиф, нарм
НОЗУКТИНАТ касе, ки табиаташ нозук аст, ҳассос
НОЗУКХАЁЛ борикбин, борикфикр
НОК I олуда, нопок, нософ, мисли мушки ғайри тоза
НОК II меваи сардарахтест аз ҷинси мурӯд нок пасванд, ки ба исм ҳамроҳ шуда сифат месозад, ғамнок, дарднок, намнок
НОКОМ бебаҳра, бенасиб, ночор, ба мақсад норасида
НОҚА шутури мода
НОҚИД 1.касе, ки пули сараро аз носара ҷудо мекунад; 2.маҷ.касе, ки хубу бадро ҷудо карда метавонад
НОҚИЛ I нақлкунанда, ҳикояткунанда
НОҚИЛ II касе, ки чизеро аз ҷое ба ҷое мебарад
НОҚИС нотамом, нопурра, камбудидор

НОҚУС зангӯлаи калисо
НОМА 1.хат, мактуб, навишта, руқъа; 2. фармон, амри хаттӣ; 3. асар, китоб; 4.рӯихат, феҳрист
НОМВАР номдор, машҳур, маъруф
НОПОЙДОР сустбунёд, ноустувор; бевафо;
НОР I 1.шакли кӯтоҳшудаи анор; 2.доғи сурхранг дар рӯи баъзе касон
НОР II оташ, шӯълаи оташ
НОРВАН як навъ дарахти зебои бемеваи серсоя, ки баргҳояш дандонадор буда, чӯбаш хеле сахт аст
НОС I инсон, одам; мардум, халқ
НОС II тамокуи кӯфтаи бо оҳак, хокистар ва равған омехта соидашуда, ки ба зери забон гирифта боз партоянд мисли чилим, папирос кайф медиҳад
НОСАЗО 1. нолоиқ, номуносиб; 2.гапи беҳуда, дашном
НОСЕҲ насиҳатгӯй, панддиҳанда
НОСИПОС ношукр, кӯрнамак, ноҳақшинос
НОФАРҶОМ бенатиҷа, бефоида
НОХАЛАФ 1.ноасл, разил; 2.фарзанди бад
НОХУДО киштибон, ронандаи киштӣ
НОҲИД сайёраи Зӯҳро
НОҲИЯ I мамлакат, кишвар, вилоят; қитъае аз вилоят
НОҲИЯ II 1. қатъй; 2. маҷ. эъҷоз, мӯҷиза нишон додан
НОШИКЕБ бесабр, беқарор
НУБАҲ ак-ак кардан, аккос задании саг
НУДРАТ гоҳ-гоҳ ва кам воқеъ шудан, тасодуф
НУЗҲАТ 1. покизагӣ, беайбӣ; 2.хурсандӣ, хушҳолӣ
НУКТА сухани покиза, фасеҳ; сухани пӯшида
НУКТАГИР айбҷӯй, хурдагир
НУКТАДОН одами бофаҳм, суханони фасеҳ
НУСРАТ 1.ёрӣ, кӯмак; 2.фатҳ, ғалаба
НУСХА 1.китобе, ки аз рӯи он китоби дигаре китобат мекунанд 2.рӯнавис, копия. 3.қоғази табобат барои доругирӣ, ресепт.
НӮШ 1.ҳар чизи ширин, ҳамчун асал ва ғайра; 2.машрубот,нӯшиданӣ
НӮША 1.хушбахт, хуррам; 2.ширин ва гуворо
НӮШДОРУ 1.доруи зидди захр, тарёқ; 2.маҷ. май, шароб.
НӮШИН ширин, гуворо, хуштаъм
НӮШИНЛАБ//(НӮШЛАБ) ширинлаб, (сифати маҳбуба)
НӮШОБА 1.оби ҳаёт; 2.маҷ.май

## О

О ҳарфи нуздаҳуми алифбои забони тоҷикӣ
ОБ 1. моеи маъруф; 2. ашк, оби дида; 3. ҷило тобиш; 4. обрӯ, эътибор
ОБГИНА 1. шиша, булӯр; 2. суроҳӣ ва пиёлаи булӯрин; 3. оина; 4. маҷ.шароб, май

ОБДОР ботароват, 2. тару тоза; ҷилодор, обутобёфта; 3.маҷ. тез, бурро, бурранда; 4. киноя аз шамшер; 5. соқӣ; 6. маҷ.фасеҳу балеғ.

ОБИД ибодаткунанда, худоҷӯй

ОБИЛА 1. қуббачаи об, ҳубоб; 2.об гирифтан ё варам кардани пӯст; 3. ағзак, чечак; 4. табхола, доначае, ки аз таб ё тарс дар лаб мебарояд

ОБИСТАН 1. бордор, дуҷон, ҳомила

ОБНӮС 1. дарахтест сиёҳранг; 2. маҷ.сиёҳ, тира; 3. киноя аз вазнинӣ, гарон

ОБОН моҳи ҳаштуми соли шамсӣ, ки ба 23 октябр-21 ноябр рост меояд

ОБОШНО киноя аз обоз, шиновар

ОВАНГ 1. ресмон, канаб ё чӯбе, ки ба он меваҳоро меовезанд, отанг; 2.овехта, овезон, муаллақ

ОВАНД I зарфи моеот

ОВАНД II далел, ҳуҷҷат, бурҳон

ОВАР I яқинан, ба таҳқиқ; ҳатман

ОВАР II бадқиёфа, баднамо

ОВАРД ҷанг, корзор

ОВАРДАН 1. ҳозир кардан; 2. зоҳир кардан, ба миён ниҳодан; 3. зодан, таваллуд ёфтан; 4.накл кардан, ривоят кардан; 5. феъли ёридиҳанда дар феълҳои таркибии номӣ

ОВО садо, овоз, даъват

ОВОР хароб, вайрон; ғорат; ғубор, гард

ОГАНДА пур кардашуда; фарбеҳ; носуфта; дамида

ОДИЛ баинсоф, додгар, адолатпеша

ОЖАНГ чин, чини пешонӣ, рӯй, шикан, гиреҳ, очанг

ОЖИЗ омода, тайёр

ОЖИРӢ ҳушёрӣ, зиракӣ

ОЗ 1. тамаъ, ҳирс; 2. ғаму ҳасрат

ОЗАР I 1. оташ; 2. маҷ.сӯзу ғудоз, дард, ғам

ОЗАР II номи моҳи нӯҳуми соли шамсӣ,ки ба 21 октябр 21 декабри соли мелодӣ рост меояд

ОЗАР III номи падари ҳазрати Иброҳими Халилуллоҳ алайҳиссалом, ки бутгар, ҳайкалтарош буд

ОЗАР IV шакли кӯтоҳшудаи Озарбойҷон

ОЗАРӢ 1.оташранг,сурхранг; 2. санами зебо, маҳбуби хушрӯй

ОЗАРМ 1. шарм, ҳаё; 2. иззат ҳурмат; эътибор, бузургӣ; 3. раҳм, меҳр, шафқат; нармдилӣ; 4. адолат, инсо инсоф; 5. ғам, ғусса, андӯҳ; хорӣ, зорӣ; 7. ошкор, зоҳир

ОЗАРМОҲ номи моҳи нӯҳуми соли шамсӣ, ки ба 22 ноябр-21 декабр соли милодӣ рост меояд

ОЗИЛ маломатгар, накӯишкунанда

ОЗИМ касе, ки ба коре азму ирода мекунад, қасдкунанда, азмкунанда

ОЗОД 1. раҳо, вораста, халос; касе, ки бандӣ ва асир

нест; 2. бе мушкилӣ, ба осонӣ; 3. тамом, комил, пурра; 4. соҳиби хислатҳои накӯ, асилзода; ҷавонмард.

ОЗОДВОР ҳакимона, оқилона

ОЗОР ранҷ, азоб; дард, ғам

ОИН I зебу зинат, ороиш;

ОИН II 1. расм, одат, қоидаву қонун 2. дин, кеш, мазҳаб

ОқИЛ хирадманд, доно, боақл

ОЛ I сурх, гулгун

ОЛ II авлод, насл, аҳл; хонавода

ОЛ III мӯҳри подшоҳӣ; имзо

ОЛАМ 1. ҷаҳон, дунё, гетӣ; 2. маҳлуқот; мардум; 3. маҷ. касе ё чизи бисёре

ОЛАМАФРӮЗ равшанкунанда, мунавваркунанда

ОЛАТ асбоб, дастгоҳ

ОЛОИШ 1. нопокӣ; 2. маҷ.айб, гуноҳ

ОМАДАН 1. рафта истода ба ҷое расидан; 2. содир шудан, сар задан; 3. пайдо шудан; 4. ҳосил шудан; 5.таваллуд шудан; 6. дохил шудан; маҷ.ғунҷидан; 7. киноя аз навишта шудан; 8. феъли ёридиҳанда дар феълҳои таркибии номӣ

ОМИЛ 1. амалкунанда, коркун; 2. ҳоким, волӣ; 3.коргузор, намоянда, вакил; 4. андозчин, хироҷгир; ҳисобдор; 5. пурдон, доно, донишманд; 6. сабаб, боис

ОМИН I бипазир қабул кун (дуоро)

ОМИН II бебиму ҳаррос, бетарс, бехавф

ОМӢ 1. авом, мардуми оддӣ; 2.нодон, нохонда, бесавод.

ОМИР I амркунанда, фармондеҳ, ҳоким

ОМИР II ободкунанда, зинатдиҳанда

ОМОР ҳисобу китоб

ОМОС варами бадан

ОМУРҒ 1. нафъ, фоида; 2. қадр, қимат, арзиш; 3. кам, андак

ОМУРЗИШ авфи гуноҳ, бахшоиш; аз хато гузаштан

ОРАЗ рухсора, чеҳра, рӯй

ОРЗУ 1. ҳавас, ҳохиш, майл; 2. мурод, матлаб, талаб,ком; 3. маҷ. умед, интизорӣ; 4. тамаъ, даъво; 5. маҷ.ишқ, муҳаббат; савдо; 6. тахаллуси шоири форсизабони ҳинд Сироҷиддин Алихон (соли вафоташ 1755-1756)

ОРИЗ пайдошашанда; арзкунанда, шикояткунанда

ОРИЗА 1. ҳодиса; 2. ранҷ, дард, беморӣ

ОРӢ 1. бараҳна, уриён; 2. маҷ. маҳрум

ОРИФ 1. доно, нуктасанҷ, зоҳид 2. порсо, сӯфӣ

ОРИЯТ чизеро барои истифодаи муваққатан аз касе гирифтан

ОРОМ сукун, қарор; тоқат; 2. беҳаракат, сокин; 3.Сукунатгоҳ, ҷой, макон; 4. маҷ. айшу шароб;

ОРОМИДАН ором гирифтан, қарор гирифтан; дам гирифтан, истироҳат кардан, осудан; 2. маҷ. хомӯш шудан; 3. дӯстӣ кардан; бо ҳам зистан

ОРОСТАН 1. зинат додан, зебу зинат додан; 2. барпо кардан

| | |
|---|---|
| | сохтан; ба вуҷуд овардан; 3. обод кардан; 4.дуруст кардан; соз кардан; 5. омода шудан; ҳозир кардан; 6.киноя аз навиштан, таълиф намудан |
| ОРУҒА | хашмгин, ғазаболуд; ҷангара |
| ОС I | дастгоҳе, ки дар он ғалладонаро орд мекунанд |
| ОС II | ҷонвари сафедранге, ки сару думаш сиёҳ аст ва аз пӯсти он пӯстин медӯзанд, қоқуш |
| ОС III | дарахтест ҳамеша сабз, ки баргу гулаш хушбӯй буда, дар тиб ҳамчун даво кор фармуда мешавад. |
| ОСЕБ | 1. озор, ранҷ, дард; 2. зарар, зиён; 3. офат, бало |
| ОСӢ I | саркаш, гунаҳкор |
| ОСӢ II | ғамгин, ҳазин |
| ОСИЁ | дастгоҳе, ки дар он ғалладонаро орд мекунанд |
| ОТАШ | 1. алав; 2. маҷ.тундӣ, тезӣ, ғазаб; 3. маҷ. сӯзу гудоз, ғаму андӯҳ; 4. киноя аз шароб, бода; 5. дӯзах |
| ОТАШКАДА | 1. ҷое, ки оташ, меафрӯзанд; 2. ибодати зардуштиён |
| ОТАШПАРАСТ | 1. касе, ки оташро мепарастад; 2. пайрави дини Зардушт |
| ОТИФА | меҳрубонӣ, шафқат, илтифот |
| ОФИЯТ | 1. тандурустӣ, саломатӣ; 2. осудаҳолӣ, оромӣ |
| ОФТОБ | хуршед, шамс, меҳр; 2. маҷ. маҳбуба, маъшуқа; 3. маҷ. шароб, бода |
| ОХТАН | берун кардани тeғ аз ғилоф |
| ОҲАНГ I | нағма, наво, соз |
| ОҲАНГ II | ният, қасд, майл, ирода |
| ОҲУ I | ҳайвони гиёҳхӯри подарози тезрав, ки бо зебоии чашм ва хушрафторӣ машҳур аст; 2. киноя аз чашму дидаи зебо |
| ОҲУ II | айб, нуқсон, хато |
| ОҶ | 1. устухони фил; 2. маҷ.сафед |
| ОҶИЗ | нотавон, заиф; дармонда |
| ОЧИЛ I | таъхиркунанда, деросянда |
| ОЧИЛ II | шитобкунанда |
| ОҶИЛАН | таъҷилан, фавран |
| ОШЁН | лона, хонаи паррандагон |
| ОШИҚ | дӯстдоранда, дилбохта |
| ОШНО I | шинос, дӯст, рафиқ |
| ОШНО II | шино, шиноварӣ |
| ОШУФТА | парешон; ошиқ, дилдодашуда |

## П

| | |
|---|---|
| П | ҳарфи бистуми алифбои забони тоҷикӣ |
| ПАДАРАНДАР | падари ӯгай |
| ПАДИД | намоён, зоҳир, падидор; маълум, равшан |
| ПАДРУД | ҷудой, видоъ, хайру хуш |
| ПАЁМ | хабар, пайғом |
| ПАЖ | замини пасту баланд; кӯтал |
| ПАЖВИН | чиркин, ифлос |

ПАЖМОН афсурда; андӯҳгин, малул
ПАЖМУРДА равнақ ва тозагии худро аз даст дода
ПАЖМУР(И) ДАН 1. рӯй ба хушкӣ овардан, афсурда гаштан, хазон шудан; зарданг шудан 2. маҷ. ғамгин шудан, андӯҳгин гардидан; хаста ва малул гардидан 3. маҷ. беравнақ шудан, беаҳамият шудан; 4. нобуд шудан, мурдан
ПАЖОВАНД чӯбе, ки дар паси дар барои маҳкам кардани он кӯндаланг аз ҳалқа гузаронида мешавад; ғалақа
ПАЖӮҲАНДА 1. толиб, ҷӯянда; 2. хирадманд, доно
ПАЖӮҲИШ 1. ҷӯяндагӣ, таҳқиқ; 2. бозпурсӣ, бозхост; 3. ғамхорӣ, парасторӣ, нигоҳубин
ПАЖӮҲИШГОҲ муассасаи тадқиқоти илмӣ, институти тадқиқотӣ
ПАЗИРА истиқбол, пешвоз, қабул
ПАЗИРО 1. пазиранда, қабулкунанда; 2. мақбул
ПАЗИРУФТАН 1. қабул кардан, мақбул доштан, писандидан; 2.ба зимма гирифтан, ӯҳдадор шудан; аҳд кардан; 3. маҷ. шукр кардан, мамнун шудан; 4. ҷоиз шумурдан, лоиқ дидан; 5. рӯ ба рӯ шудан; дучор гардидан
ПАЗМОН одами андӯҳгин; касе, ки аз дер бо надидани касе дар андӯҳ бошад; ёд кардан
ПАИЗ фасли хазонрезӣ, тирамоҳ
ПАЙ I 1. раг, реша раги пушти шона, раги миёнаи соқ ва пошнаи пой; 2. маҷ. поя, асос, бунёд. таҳкурсӣ; 3. маҷ.қасд, азм, ирода; 4. маҷ.қудрат, тавоноӣ тобу тоқат
ПАЙ II 1. по, қадам; 2. нишон асар; нақша пой; 3. бо изофа ё бе изофа ҳамчун пешоянди номии таркибӣ пай аз пай
ПАЙ III бор карат, навбат
ПАЙВАНД пайвастагӣ, васл; 2. алоқа, муносибат; 3. сахт вобаста, муталлиқ; 4. банди аъзои бадан; 5. хешию таборӣ; наздикӣ; 6. иттиҳод, ягонагӣ; 7. меҳру муҳаббат
ПАЙҒАМБАР расул, набӣ, фиристодаи худо
ПАЙҒОМ хабари хуш, мужда, пайём
ПАЙК қосид, хабарбиёр; хабар, паём
ПАЙКАР 1. бадан, ҷасад; 2. шакл, сурат; 3. маҷ. мӯҳра, донаи шатранҷ; 4. маҷ.бут, санам; хушрӯй
ПАЙКОН нӯги тези найза ва тир, синон
ПАЙКОР ҷанг; ҳарб, мубориза
ПАЙМОН 1. аҳд, қавл; 2. маҷ.гарав
ПАЙМОНА зарфи шаробхӯрӣ, қадаҳ, пиёла
ПАЙРЕЗӢ пойдеворгузорӣ, бунёдгузорӣ, бунёди пойдевори бино
ПАК I қурбоққа, ғук
ПАК II одами беҳудаи худорои худписанд (лак ҳам ба ҳамин маънист)
ПАЛАНГ ҳайвони бузурги ширхори дарранда аз ҷинси гурба; 2. пӯсти паланг;

ПАЛИД 1. мурдор, олуда, ҳаром; 2.маҷ. бадкор нобакор
ПАЛОС 1. фарш, гилем, намади дурушти аз пашм бофташуда; 2. либоси пашминаи дурушт
ПАЛТАР//ПАЛТОР аспи савории сафарӣ
ПАНОҲ 1. ҳифз, ҳимоя, муҳофизат; 2. ҳимоятгар, ҳомӣ; 3. паноҳгоҳ, маҳали амн
ПАНҶА 1. кафи даст, бо панҷ ангушт; 2. панҷ ангушти пой; 3. чанг, чангак; 4.барг, шоха; 5. маҷ. тавоной, иқтидор; 6. маҷ. қайд, банд, гирифторӣ
ПАР I париш, паридан, парвоз
ПАР II болу пари паррандагон
ПАРАНД 1. матои абрешимини нафис, ҳарир, шоҳӣ; 2. теғ, шамшер; 3. маҷ. тахти хоб,
ПАРАСТИДАН 1. таъзиму такрим намудан; итоат ва фармон бардорӣ намудан; 2. хидмат кардан; 3. ситоиш намудан; дӯст доштан. кат; 4. рангоранг
ПАРАСТИШ таъзим, итоат, хидмат; хидматгорӣ, нигоҳубин
ПАРАСТОР 1. тарбиятгар, мураббий; 2. пешхизмат
ПАРВАНДА зан, завҷа
ПАРВИН номи чанд ситорае, ки дар як ҷо ҷамъ шудааст ва ба бурҷи савр дохил мешавад; Сурайё; 2. киноя аз ашк; 3. киноя аз дандон
ПАРВО 1. андеша, фикр, хаёл; 2. дилсӯзу гамхорӣ; 3.рағбат, майл; 4. эътибор; таваҷҷӯҳ, илтифот; 5. тарс, бим; 6. фароғат, осоиш, оромӣ
ПАРВОНА I 1. ҳашароте, ки дар шаб гирди чароғ, шамъ ва ғ. мегардад ва худро ба онҳо мезанад; 2. маҷ. муштоқ, ҳавасманд
ПАРВОНА II 1. ҳукм, амр, фармон; 2. иҷозат, рухсат
ПАРВОНАЧӢ котиби ҳукм ва фармонҳои подшоҳӣ
ПАРГАР гарданбанди мурассаъ, тавқи тиллой
ПАРГОР 1. олатест барои кашидани доира; серкул; 2. хати доирашакл; маҷ.роҳ, тариқ, равиш
ПАРГУНА зишт, нопок, палид
ПАРДА I порча ва матое, ки барои пӯшонидани дару тиреза ва ғ. ба кор меравад; 2. чодаре, ки занон барои аз мардон рӯ пинҳон кардан ба сар мегирифтанд, чодар, ниқоб; 3. порчае аз матои нафис ё аз қили асп бофташуда, ки барои пӯшидани рӯи занон ба кор бурда мешуд; чашмбанд, рӯпӯш; 4. пӯсти рӯи чизҳо; 5. маҷ, ҳарам, хонаи махсуси занон; 6. маҷ. чизи номаълум, сирҳои пӯшида; 7. маҷ. уфуқ осмон; 8. маҷ боб, бора, хусус; 9. маҷ. қасд, азамат, ирода; 10. маҷ. муҳофиз, нигоҳубин
ПАРДА II пардаи танбӯр ва дутор; мақом, оҳанг, наво
ПАРДОХТАН холи кардан, тоза кардан, 2. тамом кардан, ба анҷом расонидан, буд кадан; 3. маҷ. сарф кадан, харҷ кардан; 4. маҷ. тарк кардан; дур шудан,

чудо гаштан; 5. сохтан, барпо кардан; 6. сайқал додан, ҷило додан; 7. муроҷиат кардан, рӯй овардан; 8. супоридан, таслим додан 9. машғул шудан; 10. маҷ. алоқа намудан бо касе; 11. фориғ шудан, осуда гаштан; 12. тартиб додан; навиштан; 13. маҷ. сароидан, хондан; 14. навохтан

ПАРӢ махлуқи афсонавӣ, ки бисёр зебо будааст; 2.маъшуқаи зебо

ПАРМОСИДАН бо даст чизеро судан, даст-даст кардан; 2. ёзидан, дароз 3. маҷ. донистан, шинохтан; 4. маҷ. хостан, писандидан.

ПАРНИЁН 1. ҳарир, матои нафис; 2. қоғази нафис; 3. маҷ. шамшер

ПАРТАВ I шуоъ, нур, шӯъла; рӯшноии чизе

ПАРТАВ II чизе, ки аз ҷиҳати кӯҳнагӣ ё нобобиаш аз истеъмол баромадааст; чизи барзиёди партофташуда

ПАРХОШ 1. ҷанг, ҷидол, муҳориба; 2. маҷ.зулм, тааддӣ, ситам

ПАРҲУН доира, ҳалқа, чанбар

ПАТЁРА 1. офат, бало; зишт; 2. маҷ.дев

ПАХШ аҳн, нашр, расонидан ба ҳамагон

ПАҲЛАВӢ 1.забони форсии пеш аз ислом; 2. забони форсии авраи Ашкониён ва Сосониён; 3.киноя аз забони форсии дарӣ; мансуб ба паҳлавон будан; паҳлавонӣ

ПАҲНА арса, майдон

ПАҲНО 1. арз, бар, паҳнӣ; 2. маҷ. бузургӣ, азамат

ПАҲНОНА маймун, бӯзина

ПАҲРА посбонӣ, муҳофизат

ПАҲРАДОР посбон, муҳофизаткунанда

ПЕРОМУН гирд, гирдогирд, атроф

ПЕРОСТА//ПИРОСТА озода, зебо

ПЕРОҲАН//ПИРОҲАН курта, либоси таҳ

ПЕРОСТАН//ПИРОСТАН 1. кам кардан, оростан, ороиш додан, зебу зинат додан; 2.мураттиб гардонидан; 3. ямоқ кардан, порадӯзӣ намудан; 4. пок кардан, тоза намудан; 5. сайқал кардан, 6. сиёсат кардан

ПЕРОЯ зебу зиннат, ороиш; асбоби зебу зинат

ПЕЧИДАН тоб хӯрдан, ҳалқа задан; 2. печонда гирифтан; 3.лифофа кардан, печонидан (ба даруни чизе); 4.печутоб хӯрдан; маҷ. азоб кашидан; 5. машғул шудан, андармон шудан; 6. маҷ. саргардон шудан, овора гаштан; 7. маҷ.гирифтор шудан, банд шудан; 8. маҷ. часпидан; 9. маҷ. ҳамроҳӣ намудан; 10.маҷ. якҷоя шудан; 11. маҷ. баланд шудан; 12.маҷ.сарпечӣ кардан, саркашӣ намудан

ПЕША 1.амал, кор; 2. касб, ҳунар

ПЕШАВАР ҳунарманд, косиб

ПЕШВО раҳнамо, сардор

ПИДРОМ 1. ороста, зинатёфта; 2. шод, хушдил, хуррам;

3.муборак, ҳуҷаста; 4. шодӣ, хушӣ; 5. саҳеҳ, дуруст; 6. мунтазам, доимӣ

ПИЗИШК табиб, ҳаким, ҷарроҳ

ПИЛ 1. фил.2. маҷ.паҳлавон; 3. номи яке аз мӯҳраҳои шоҳмот

ПИЛЗӮР пурзӯр, қавӣ

ПИНАДӮЗ кӯҳнадӯз, порадӯз

ПИНДОР 1. фикру хаёл, тасаввур; калонгирӣ, кибру ғурур 2. маҷ. хаёл, гумон

ПИНДОШТ хаёл, гумон

ПИНДОШТАН 1. гумон кардан; 2. лоиқ донистан

ПИРӮЗ музаффар, ғолиб, фотеҳ, хуррам

ПИРӮЗА навъе аз сангҳои қимматбаҳои кабудранг, ки барои зебу зинат ба кор мебарад

ПИРӮЗАРАНГ ба ранги пирӯза, кабудранг, осмониранг

ПИРӮЗБАХТ баландбахт, батолеъ

ПИСАНДИДА 1. маъқул, мақбул, нек, хуб; 2. маҷ. азиз, мумтоз

ПИСАНДИДАН 1. қабул кардан, маъқул донистан; 2. рози шудан; раво дидан; лоиқ дидан

ПИСТА донаки мағздор; киногя аз даҳон ва лаби маъшуқа

ПОДЗАҲР доруи зидди заҳр, заҳрмӯҳра

ПОДОШ 1. ҷазо, сазо, 2. мукофоти амал

ПОДШОҲ 1. соҳиби шаҳар, тоҷ, ҳукмрони мутлақи як мамлакат ё кишвар

ПОЙБАСТ 1.он, кӣ пояш баста шудааст; асир;2. маҷ.вобаста мутеъ; 3.таҳкурсӣ, асос, пойдевор; 4. маҷ.соҳиб-ихтиёр; 5. маҷ. ғолиб, фотеҳ; 6. маҷ. худо; 7. киноя аз маҳбуба

ПОЙБОФ бофанда

ПОЙМАРД 1. мададгор, ёридиҳанда; 2. восита, миёнарав

ПОК 1. соф, тоза;2. холӣ, тиҳӣ; 3. дуруст; 4. порсо, покдомон

ПОКБОЗ 1. росткор, ҳалолкор, 2. ошиқи босадоқат, ошиқи беғараз

ПОКБУМ 1. кишвари поксиришт, мамлакати покдилон; 2. маҷ. покниҳод, покдил, поктинат

ПОКДОМАН боиффат, афифа

ПОКИЗА 1. соф, тоза; 2. хуб, некӯ, нағз; 3. зани покиза

ПОЛИДАН//ПОЛУДАН 1. ҷустуҷӯ кардан; 2. соф кардан; 3. пош додан, пошидан

ПОЛУДА I 1. соф, тоза, покиза; 2. маҷ.табоҳ, зоеъ, бекора

ПОЛУДА II як навъ ҳалвое, ки аз орд, қанд, асал, нишоста мепазанд.

ПОЛУДАН 1. соф кардан, тоза намудан; 2. гудохтан, об карда тоза намудани зар нуқра; 3. рехтан, резондан; 4. заҳидан, заҳида баромадан; 5. тар кардан, намнок гардонидан; 6. дур шудан; 7. тамом шудан, ба охир расидан; 8.табоҳ кардан;

аз байн бурдан; 9. оғушта кардан, хамира кардан.

ПОРСО пок, покиза, покдоман, худотарс

ПОРСӢ 1. мансуб ба порс; 2. мардуми порс; 3. забони қадими форсӣ

ПОСУХ 1. ҷавоб; таъбири хоб

ПОЯНДА 1. бардавом, доимӣ, ҷовид; 2. пойдор, устувор

ПРЕЗЕНТАТСИЯ пазироии калони расмӣ (гоҳо бо оростани зиёфат) бо мақсади реклама кардан ва муаррифӣ намудани ягон ширкат, созмони навташкил, китоб ва ғайра.

ПУД I наххое, ки ба пахноии матоъ дӯхта мешавад

ПУД II парахаҳои хушке, ки барои дар гирондани оташ ба кор мебаранд, пешдаргирон

ПУЛ I кӯпрук

ПУЛ II пули накда хоҳ аз нукра бошад, хоҳ аз мис; накдина

ПУР I 1. лаболаб, лабрез; 2. бисёр афзун, зиёд

ПУР II писар

ПУРМАНИШ 1. арҷманд, бузург; 2. хирадманд, доно; 3. мағрур, мутакаббир; 4. саркаш, гарданшах

ПУРМОЯ 1. асил, хушзод, наҷиб; 2. гаронбаҳо; 3. бузург; 4. хирадманд; 5. бошукӯҳ; номи бародари Фаридун, яке аз қаҳрамонони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ

ПУРОЗАР пуроташ, сӯзон; маҷ. пурдарду алам

ПУРМӮҲТАВО пурмазмун

ПУРОШӮБ пурғавғо

ПӮЗИШ 1. узрхоҳӣ, маъзарат; 2. аҳволпурсӣ, пурсиш

ПӮЯНДА 1. даванда; 2. аспи тезрав; 3. ҷӯянда

## Р

Р ҳарфи бисту якуми алифбои забони тоҷикӣ

РАБ (Б) 1. парвардигор, худо; 2. соҳиб, молик

БАББОНӢ мансуб ба худо

РАБЕЪ баҳор; баҳорон

РАБОТ ҳавлӣ ё маҳаллаи истиқомати мусофирон, корвонсарой; казарма

РАБТ бастан, пайванд кардан; алоқа, робита

РАБЪ сарой, хона; манзил, маҳалла

РАВАН имтиҳон,озмоиш, таҷриба

РАВАНД равиш; рафт, ҷараён, протсес

РАВЗА 1. боғ, сабзазор; 2. маҷ. мақбара, марқади одамони бузург, мазор

РАВЗАН сӯрох, шикоф, дариҷа, ки барои баромадани дуд ё дохил шудани рӯшноӣ дар девор ё шифти хона мегузоранд

РАВНАҚ 1. сайқал, ҷамъ; фурӯғ, тобиш; 2. тару тозагӣ, тароват; 3. бузургӣ, ҳашамат, шукӯҳ; 4. болоравӣ, пешрафт, инкишоф

РАВО 1. мумкин, ҷоиз, муносиб; 2. маҷ. равнакёфта

РАВОҚ ҷои меҳробшакл, дар пеши ҳуҷраҳои мадрасаҳо ё дар деворҳои хонаҳои қадимӣ; гумбаз
РАВОН I ҷорӣ, ҳаракаткунанда; 2. тез, зуд, фавран; 3. сабукрав, тезгард, хушрафтор; 4. маҷ. шоиста, муносиб
РАВОН II ҷон, рӯҳ
РАВОНШИНОС руҳшинос, психолог
РАҒБАТ хоҳиш, орзу; бо муҳаббат майл кардан ба чизе
РАҒБАТАНГЕЗ шавқовар
РАД I 1. доно, донишманд, оқил; 2. шуҷоъ, далер
РАД (Д) II қабул накардан, гардонидан; ронда шудан
РАД III қатори одамҳо, дӯконҳо ва ғ.
РАДА саф, қатор, раста
РАДИФ 1. ду ё якчанд чиз, ки дар паҳлӯи ҳам ё паси ҳам воқеъ шудаанд, ҳамсаф; 2. калимае, ки дар охири ҳар байти ғазал ё қасида такрор меёбад
РАёСАТ раисӣ, сардорӣ
РАЖД бисёрхӯр, пурхӯр; ҳарис
РАЗ ток, ангур
РАЗБОН боғбон
РАЗЗОҚ рискдиҳанда; яке аз номҳои худо
РАЗИЛ паст, қабеҳ, нокас
РАЗИН маҳкам, устувор
РАЗМ ҷанг, набард
РАЗМАФҚАН киноя аз марди ҷангӣ, мубориз
РАЗМГОҲ майдони ҷанг
РАЗОЛАТ пастӣ кардан, нокасӣ
РАЗОНАТ устуворӣ, пойдорӣ
РАИЯТ 1. табаа, оммаи мардуми тобеъ; 2. деҳқонон
РАКИК 1. ҳақир, паст, забун; 2. зишт, қабеҳ; дағал, дурушт
РАҚАМ 1.хат, 2. ҳукм, фармон; 3. шумора, адад; 4.аломат, нишона
РАҚАМЗАН//РАҚАМКАШ нависанда, котиб
РАКИН маҳкам, устувор
РАҚИҚI 1. нозук, маҳин, тунук; 2. маҷ.меҳрубон, нармдил
РАҚИҚ II банда, ғулом
РАМ I тарс, ҳарос
РАМ II шакли кӯтоҳшудаи рама
РАМАЗОН моҳи нӯҳуми соли қамарии ҳиҷрӣ, ки онро моҳи рӯза мегӯянд ва мусулмонон дар ин моҳ сӣ рӯз рӯза мегиранд
РАМЗ сухани пӯшидамаъно
РАМЛ I рег
РАМЛ II фолбинӣ, пешгӯӣ
РАММОЛ фолбин, фолбинанда
РАМОД хокистар
РАНГ 1. намунаи зоҳирии ҳар чиз, ки ба чашми одам сафед, сурх ва ғ. метобад; 2. тарз, равиш; 3. монанд; 4. макр, ҳила; 5. обу тоб, тароват;

| | |
|---|---|
| | 6. мач. зар, тилло |
| РАНД I | дарахти мӯрд; дарахти сабзи ҳамешабаҳор |
| РАНД II | тароштаи чӯб, параха |
| РАНЧ | 1. меҳнат, заҳмат, 2. азоб, машаққат; 3. беморӣ, дард |
| РАСАД | 1. ба чизе бо диққат чашм дӯхтан; 2. мушоҳидаи ситора ва ҷисмҳои осмонӣ; |
| РАСАДГОҲ | расадхона |
| РАСАН | тор, таноб, арғамчин |
| РАСМ | 1. урфу одат, қоида; 2. нақш, сурат, тасвир |
| РАСМАН | аз рӯи қоида, мувофиқи тартиб ва қонун |
| РАСМБОЗ | маккор, фиребгар |
| РАСМӢ | 1. муқаррарӣ, маъмулӣ; 2. вазифадор, хизматгор |
| РАСОНА | воситаҳои хабаррасонӣ (ҳамчун матбуоти даврӣ, радио, телевизион) |
| РАСОНАТ | мустаҳкамӣ, маҳкамӣ |
| РАСОС | қальагӣ, филизи маълум аст,ки бо вай мис ва оханро сафед кунанд. |
| РАСТА I | 1. раҳоёфта, халосшуда; 2. аз замин рӯидабаромада |
| РАСТА II | саф, қатор; қатори дӯконҳо дар бозорҳо |
| РАСТАГОР | халосшуда, озодшуда |
| РАСТАХЕЗ//РАСТОХЕЗ | 1. рӯзи қиёмат; 2. мач.шӯру, ғавғо |
| РАСУЛ | 1. пайғамбар; 2. қасид, фиристода, сафир |
| РАТИБ | тар, намнок |
| РАТЛ I | ченаки вазн, ки баробари 449,28 гр.аст |
| РАТЛ II | пиёла, ҷом, қадаҳ |
| РАУФ | меҳрубон |
| РАФЕЪ | олӣ, баланд |
| РАФИҚ | дӯст, ёр, ҳамроҳ |
| РАФОҚАТ | дӯстӣ, ҳамдамӣ |
| РАФТОР | ҳаракат, кору кирдор; хиромидани хуш ва дилкаши ёр |
| РАФЪ | 1. баланд бардоштан; 2. аз байн бурдан,бартараф кардан; 3. ғунучини ҳосил; 4. аз амал фаровардан; 5. арз кардан, изҳор кардан |
| РАФЪАТ//РИФЪАТ | 1. баландӣ; 2. мач.бузургӣ, ҷоҳу ҷалол |
| РАХНА | 1. шикоф, равзан, тиреза; 2. мач.осеб, зарар; 3. мач. реш, ҷароҳат; 4. мач. айб, нуқсон, камбудӣ |
| РАХТ | асбобу анҷом, асбобу анҷоми сафар; асбоби хона |
| РАХТА | касал, бемор; хаста, маҷрӯҳ |
| РАХТКАШ | 1. чорпои боркаш; 2. мусофир |
| РАХШ | 1. барқ; партав, тобиш, 2. асп, аспи тезрав; 3. номи аспи Рустам |
| РАХШАНДА | дурахшон, тобон |
| РАҲИМ I | 1. бачадон; 2. хешӣ, хешутаборӣ |
| РАҲИМ II | меҳрубон, раҳмкунанда |
| РАҲИҚ | холис, соф; шароби соф |
| РАҲМАТ | 1. меҳрубонӣ, шафқат; 2. бахшоиши гуноҳ аз тарафи худо |

| | |
|---|---|
| РАҲМОН | бахшоянда, раҳмкунанда |
| РАҲОЙ | наҷод, халосӣ, озодӣ |
| РАҶАЗ | яке аз баҳрҳои вазни арӯз, ки дар як байти он шаш «мустафъилун» такрор мешавад |
| РАҶИМ | 1. рондашуда; 2. лаънатӣ, малъун |
| РАҶО//РИҶО | умед, орзу |
| РАШИД | 1. каси бо рост раванда; 2. ба камол расида, далер,ҷасур |
| РАШК | 1. ҳасад, нотавонбинӣ; 2.ғайрат, ғаюрӣ |
| РАШТ | 1. хок, хокрӯба; чизи кӯҳна ва пусида; 2.номи шаҳр,дар Эрон, маркази вилояти Гелон аст. |
| РАШҲА | чакра, қатра |
| РАЪД | бонге, ки аз ҳаракати абрҳо ва ҳаво дар вақти боронгарӣ пайдо мешавад; тундар, момоқулдуроқ, |
| РАЪНО | 1. зебо, хушрӯй, дилкаш; 2. зане, ки ба ҳусни худ мағрур аст; мутахаббор; 3. заиф, суст; нарм |
| РАЪЙПУРСӢ | пурсиши фикри халқ дар бораи ягон масъалаи муҳими давлатӣ. Референдум |
| РАЪС | 1. аввали чизе, нӯги чизе, сар; 2. сардор, бузург, сарвар; 3. саршумории ҳайванҳои чорпо |
| РЕВ | фиреб, макр |
| РЕҒ | душманӣ, кина |
| РЕШ | захм, ҷароҳат; маҷрӯҳ, захмӣ |
| РЕҲЛАТ | 1. кӯчидан, ҳиҷрат кардан; 2. маҷ.мурдан |
| РИБО | нашъунамо, зиёдшавӣ; фоидаи пул, суди пул, фоидабарӣ |
| РИБОХОР | судхӯр, фоидахӯр |
| РИЁ | мунофиқӣ, дурӯягӣ |
| РИЁЗАТ | 1. ранҷ, машаққат; 2. порсой, зоҳидӣ |
| РИЁЗӢ | илми ҳисоб, математика |
| РИЁКОР | дурӯя, касе,ки худро дар зоҳир хайрхоҳ нишон медиҳад, дурӯя |
| РИЗВОН | 1. хушнудӣ, хурсандӣ; 2. маҷ.биҳишт |
| РИКОБ I | узангу |
| РИКОБ II | пиёла, ҷоми май |
| РИНД | 1. зирак, ҳушёр, озодфикр; 2. майхӯр ба ишрат додашуда |
| РИСОЛА | 1. мактуб, нома, асар; 2. китобча, қоидаҳои навишташудаи ягон соҳаи илм |
| РИШГОВ | аҳмақ, аблаҳ, гоҷ |
| РИШХАНД | масхара, истеҳзо; хушомадгӯй |
| РИҚҚАТ | 1. нозукӣ, латофат; 2. меҳрубонӣ, нармдилӣ |
| РОВӢ | ривояткунанда, нақлкунанда |
| РОҒИБ | рағбаткунанда, моил |
| РОД | ҷавонмард, сахӣ; диловар, донишманд |
| РОДМАРД | одами босаховат, сахӣ, ҷавонмард |
| РОЗ | матлаби пӯшида, асрори дил |
| РОЗИҚ | ризқдиҳанда, яке аз номҳои худо |

| | |
|---|---|
| РОИҚ | 1. соф, латиф; 2. равон, фасеҳ |
| РОЙ I | андеша; чора, илоҷ; тадбир |
| РОЙ II | лақаби подшоҳони ҳинд, роча |
| РОЙГОН | муфт, бепул |
| РОЙЗАН | мушовир, маслиҳатчӣ (мушовири сафоратхона оид ба корҳои тиҷоратӣ, низомӣ, фарҳангӣ) симои дипломатӣ дар сафоратхонаҳо. мас: райзани низомӣ, ройзани фарҳангӣ ва ғ. |
| РОКИБ | савор, саворӣ |
| РОҚИМ | нависанда, муншӣ |
| РОМИШ | нағма, суруд; осудагӣ, оромӣ |
| РОМИШГАР | муғаннӣ, мутриб |
| РОСИХ | мустаҳкам, устувор |
| РОТИБ I | собит, устувор, мустаҳкам |
| РОТИБ II | миқдори муайяни хӯроквории якрӯза; маош |
| РОФЕЪ | болобардоранда, баландкунанда |
| РОФИЗ | тарккунанда, вогузоранда |
| РОҲИБ | рӯҳонӣ, насронӣ |
| РОҲӢ//РАҲӢ | раванда, мусофир |
| РОҲНАМУН//РАҲНАМУН | роҳнамо, касе, ки роҳ нишон медиҳад. |
| РОҲОВАРД//РАҲОВАРД | тӯҳфаи аз сафар овардашуда,савғотӣ |
| РОҲПӢ | 1. роҳраванда; 2. маҷ.асп, маркаб |
| РОЧЕҲ | беҳтар, авло |
| РОҶӢ | умедвор, нигарон |
| РОҶЕЪ | 1. бозгашткунанда, баргарданда; мансуб, доир, оид ба ... доир ба ... |
| РОШИД | ба роҳи рост равнада, роҳнамои роҳи рост |
| РУБЪ | 1. чоряк, аз чаҳор як қисм; 2. олоти рассад, ки баландии офтобро бо он муайян мекард |
| РУД I | 1. асбоби мусиқӣ; 2. тор, тори соз |
| РУД II | дарё, наҳр |
| РУДБОР | наҳр, дарёи калон |
| РУКН | 1. сутун, поя; 2. қисми асосии чизе |
| РУҚЪА | мактуб, хат, нома |
| РУММОН | анор |
| РУСТАМ | 1. одами шуҷоъ, далер; 2. номи қаҳрамони аюсии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ |
| РУСТО | деҳ, қишлоқ |
| РУСТОЙ | сокини деҳ, қишлоқӣ; деҳқон |
| РУСУХ | устуворӣ, пойдорӣ |
| РУТОБ | хурмо, хурмои тару тоза |
| РУТБА | мартаба, дараҷа |
| РУУНАТ | 1. нодонӣ, беақлӣ; 2. такаббур, калонгирӣ; 3. худдорой |
| РУХ I | рӯй, чеҳра |
| РУХ II | яке аз мӯҳраҳои шатранҷ |
| РУХ III | паррандаи афсонавии мавҳум ва бисёр бузург |
| РУХОМ | санги мармар |
| РУҶӮЪ | бозгашт, мурочиат |

| | |
|---|---|
| РУШД | 1. тараққӣ; роҳи рост; 2. тадбири дуруст; 3. ҳушёрӣ, зиракӣ |
| РӮЗАФЗУН | рӯз ба рӯз зиёдшаванда; тобон, дурахшон |
| РӮЗАФРӮЗ | тобон, дурахшон |
| РӮЗГОР | 1. дунё, олам; 2. замон, айём, давр; 3. ҳаёт, умр, зиндагӣ; 4. толеъ, бахт; тақдир, қисмат; 5. шугл, пеша, касб |
| РӮЗИБАХШ | 1. рӯзидиҳанда; 2. маҷ.худо |
| РӮЗӢ | рисқ, хӯроки рӯзона |
| РӮҲ | ҷон, ҳаёт, зиндагӣ |
| РӮҲОНӢ | пешвои мазҳабӣ; одами поктинат |
| РӮҲПАРВАР | форам, роҳатафзо |
| РӮЪЁ | он чи дар хоб дида мешавад |

## С

| | |
|---|---|
| С | ҳарфи бисту дуюми алифбои забони тоҷикӣ |
| САБАҚ | дарс, таълим |
| САБАҚ II | гузашта, кор ва амале, ки дар гузашта воқеъ шудааст; пеш, пеш аз ин |
| САББОҒ | рангрез, кабудгар |
| САББОҲ | шинокунанда, шиновар |
| САБЕҲ | хушрӯ, зебо |
| САБЗА | гиёҳи навхез алафи наврас |
| САБИР I | собир, сабркунанда |
| САБИР II | гиёҳест, бе баргҳои теғдор |
| САБИЯ | духтарбача, духтар |
| САБЛАТ//СИБЛАТ | мӯйлаб, бурут; 2. маҷ. сер мӯйлаб; бадҳайбат |
| САБИЛ I | роҳ, тариқ; роҳу тариқат |
| САБИЛ II | чизи бесоҳиб |
| САБО | шамоли форам, бод |
| САБОТ | 1. устуворӣ, истодагарӣ; 2. пойдорӣ |
| САБОҲ | вақти субҳ, бомдод |
| САБОҲАТ | шино кардан, шиноварӣ |
| САБОҲАТ II | сафедрӯӣ, хушрӯӣ |
| САБР | тобоварӣ, тоқат, таҳаммул, бардошт; оромӣ |
| САБТ | қайд кардан, навиштан |
| САБУР | бо сабру тоқат, тобовар |
| САБӮ//САБӮЙ | кӯза, зарфи сафолӣ |
| САБЪ I | ҳайвони ваҳшии дарранда |
| САБЪ//САБЪА II | ҳафт |
| САБҚАТ | пешӣ, пешдастӣ |
| САБӮҲӢ | майхӯрии пагоҳӣ, барои дафъи хумор; майхӯрӣ |
| САВГАНД | қасам |
| САВДО I | 1. сиёҳ; яке аз чор унсури бадани инсонӣ (сафро, балғам, хун, савдо), ки сиёҳранг аст; 2. маҷ. девонагӣ, ҳавову ҳавас; ишқ; 3. хаёл, орзу; 4. ғам, ғусса |
| САВДО II | хариду фурӯш, тиҷорат |

САВДОЙ 1. девона; 2. мач.ошиқ, дилдода
САВЛАТ 1. хашмгинӣ, қаҳру ғазаб; 2. тавоной, ҳайбат; 3.шукӯҳ, дабдаба
САВМАА//САВМИА ибодатгоҳ, ибодатгоҳи насрониён
САВОБ 1. кори нек, кори хайр; 2. рост, дуруст
САВОД 1. сиёҳӣ, сиёҳрангӣ; 2. торикӣ, зулмат; 3. хонда ва навишта тавонистан; 4. сатҳи замин;
САВОР кассе, ки ба болои асп ва ё мархоб нишаста меравад
САВОРӢ 1. савор будан; 2. каси болои асп ё маркаб нишаста; чорпое, ки болои он савор мешаванд; асп
САВР гов; номи моҳи шамсӣ аз 22 апрел то 22 май
САВТ 1. садо, овоз; 2. оҳанги мусиқӣ
САД I 1. шумораи миқдорӣ; 2. ададӣ бисёри номаълум
САД (Д) II 1. бастан, гирифтани пеши чизе; 2. монса, банд
САДА I гурӯҳи садкаса
САДА II -яке аз чашнҳои қадим
САДАМА ба ҳам задании ду чиз; зарба, осеб, зарар
САДАФ 1. гавҳар; 2. ҷонвари дарёӣ, ки дар шиками он марворид ҳосил мешавад
САДОД ростӣ ва адолат, дурустӣ
САДОРАТ 1. болонишинӣ, раёсати мачлис; 2. вазорат, сарвазирӣ
САДОҚАТ дӯстии самимӣ, дӯстӣ ва ростӣ
САДР 1. сина; 2. аввал, оғоз; 3. нишастгоҳи боло; 4.сарвар, пешво
САЗО 1. сазовор, муносиб; 2. ҷазо, мукофот; подоши некӣ ва бадӣ
САЗОВОР лоиқ, муносиб, шоиста, лоиқи ҳурмат
САИД хушбахт, некбахт, хуштолеъ
САИС парастори асп, аспбон
САЙД шикор; ҷонваре, ки вайро шикор мекунанд
САЙЁД шикорчӣ, сайдкунанда
САЙЁР бисёр гардишкунанда, сафаркунанда
САЙЁРА мунасси сайр; чанде аз ситорагон, ки моҳу офтоб ҳам дар онҳо дохиланд
САЙИД 1. бузург, сарвар, пешво; 2. лақаби авлоди Муҳаммад пайғамбар
САЙР 1. сафар, саёҳат; гашт, ҳаракат; 2. тамошо
САЙФ I шамшер
САЙФ II фасли тобистон
САЙҚАЛ ҷило, ҷило додан
САЙХА бонг, наъра, фиғон
САКИНА//САКИНАТ оромӣ, осудагӣ
САЛАБ 1. либос, пӯшок; 2. навъе аз либоси ҷангӣ; ҷавшан
САЛАФ пешгузаштагон, пешинагон, аҷдод
САЛБ I 1. ҷудо кардани чизе, аз чизе; 2. рабудан; дуздидан, ғорат

| | |
|---|---|
| САЛБ II | ба дор кашидан |
| САЛВО I | асал, ангубин |
| САЛВО II | бедона, вартишк |
| САЛИБ | 1. доре, ки Исо пайғамбарро ба вай овехтаанд; 2. рамзи дини исавӣ |
| САЛИМ | 1. солим, сиҳҳат; 2. дуруст, бенуқсон; 3. софдил, содиқ; 4. соддадил, соддалавҳ; гӯл |
| САЛИС | сухани равон |
| САЛИҚА | 1. табиат, сиришт; 2. тарзи ифода ва услуби баён;қобилият |
| САЛМА | кас ё чизи нодаркор |
| САЛМО | 1. номи зани хушрӯе дар араб; 2. мач.маъшуқа |
| САЛОМ | сулҳ, оштӣ, амну амон, дуруд, таҳният |
| САЛОМАТ | 1. солим будан; тандурустӣ; 2. беайб, беосебӣ |
| САЛОСА | се, сегона |
| САЛОСАТ | салисӣ, равонии калом |
| САЛОҲ | 1. некӣ; некӯкорӣ; 2. маслиҳат, фоида, нафъ |
| САЛОҲИЯТ | шоистагӣ; қобилият, лаёқат |
| САЛСАБИЛ | 1. оби хушхӯр; 2. чашмае дар биҳишт |
| САЛТАНАТ | 1. подшоҳӣ, ҳукмронӣ; 2. мач.зӯрӣ, тавоной |
| САЛХ | пуст кандан |
| САМАД | поянда, ҷовидон, абадӣ |
| САМАК | 1. моҳӣ; 2. моҳие, ки гӯё дар болои он гове истода ва дар болои шохи он гов замин қарор гирифтааст |
| САМАН//СУМАН | гули зарди сафеди хушбӯй, ёсуман |
| САМАНБАР//СУМАНБАР | гуландом, зебо |
| САМАНДАР | ҷонвари афсонавӣ, ки гӯё дар оташ пайдо мешавад, берун аз оташ мемирад |
| САМАР I | мева, ҳосил |
| САМАР II | 1. бегоҳӣ, торикии шаб, 2. сухан; афсона ва ҳикояҳои шабона |
| САМЕЪ | шунаванда, гӯшкунанда |
| САМИМ | миёнаи ҳар чиз, дарунмағз |
| САМИН I | фарбеҳ, чоқ |
| САМИН II | қимматбаҳо, пурқиммат |
| САМО | осмон |
| САМОҲАТ | некӯкорӣ, саховат |
| САМОҶАТ | зиштӣ, беҳаёӣ |
| САМОЪ | 1. шунидан; гӯш кардан; 2. суруд, хониш; 3. ҳолати шавқу завқ; ваҷд ва ҷазабаи дарвешон ҳангоми хондани зикр |
| САМОҲ | саховат, ҷавонмардӣ |
| САМТ | 1. тараф, сӯ, ҷониб; 2. роҳ, равиш, тариқ |
| САМУМ | шамоли гарми сӯзон, гармсел |
| САМУР | 1. ҳайвони монанд ба рӯбоҳ, ки пӯсти сурхи моил ба сиёҳӣ дорад; 2. пӯсти самур |
| САМЪ | 1. гӯш; 2. қувваи шунавой |
| САМҒ | шилем (шилим), ки дар бадани дарахтҳо пайдо |

мешавад

САНГ I чисми сахти кӯҳӣ; 2. санги тарозу, вазниний; 3. санге, ки ба болои қабр гузашта мешавад

САНГ II шакли кӯтоҳшудаи **дарсанг**

САНГДИЯ сахтдил, берахм, золим

САНГЛОХ замани сахти пасту баланди пурсанг

САНАВБАР дарахте аз чинси коч

САНАД ҳуҷҷат, далел, бурҳон

САНАМ 1. бут, ҳайкал; 2. мач.маъшуқа, маҳбуба

САНДАЛ I дарахти ҳамешасабз дар минтақаҳои гарм

САНДАЛ II навъе аз пояфзол

САНДАЛӢ 1. курсӣ; 2. чорпоя аст, ки бар болои оташ гузошта, бар рӯяш кӯрпа андохта дар гирдогирдаш мешинанд

САННОЪ санъаткор, сонеъ, ҳунарманд

САНО I мадҳ, таҳсин

САНО II 1. равшанӣ, дурахшонӣ; 2. баландӣ

САНО III барги гиёҳе, ки доруи исҳол аст

САНОГӮЙ ситоишкунанда, мадҳгӯй

САНЪАТ 1. пеша, ҳунар; 2. суханорой, ҳунармандӣ дар назму наср

САНЧАҚ алам, байрақ, ливо

САНЧИД меваест, пӯсташ, сурхранг, гӯшташ ордак ва дона кашба мисли донаки хурмо, чигида

САОДАТ хушбахтӣ, некбахтӣ

САР 1. кала; 2. сарвар, сардори лашкар; 3. оғоз аввал; 4. болои чизе; рӯи чизе; 5. нӯги чизе; 6. мач. фикру андеша; 7. мач.майлу рағбат; 8. ҳамчун пешоянди номии таркибӣ; сари.... назди.....

САРАНДОЗ II сархамшуда (аз чизе); 2. далер, бебок; 3.ошиқ

САРАНДОЗ II рӯймол, саргирак

САРАНЧОМ охир, поён, охири кор

САРАТОН яке аз моҳҳои шамсӣ, ки аз 22 июн сар шуда дар 21 июл тамом мешавад; номи як хел беморӣ

САРАФРОЗ//САРФАРОЗ сарбаланд, боифтихор

САРБАСТА пӯшида, маҳкам; пинҳон, махфӣ

САРБОЗ фидо ва қурбонкунандаи сар, аскар

САРБОР (Й) барои иловагӣ; кори барзиёда

САРВ 1. дарахти сӯзанбарги ҳамешасабзиростқад; 2. киноя аз қомати рост ва мавзуни маъшуқа

САРВАТ боигарӣ, дорой

САРВАҚТ дидор, дидан

САРВБУН 1. дарахти сарв; 2. зани хушқомат ва зебо

САРВО ҳадиси дурӯғ, афсона

САРВОД шеър, суруд

САРВРАФТОР хушрафтор, хиромон

САРВҚАД сарвқомат, ростқомат

САРГАРОН маст: озурдахотир, дилгир; озурдахотир, хафа

САРД хунук; зидди гарм
САРДАФТАР саромад, одами машҳур
САРДГӮЙ бадгӯй, бадгап, баддаҳан
САРДМЕҲР бемеҳр, бешафқат
САРДОБ//САРДОБА обанбори зеризаминӣ; хонаи сард, ки дар тобистон мева ва гӯштро нигоҳ доранд
САРЕЪ 1. тезу тунд, тезрафтор; 2. яке аз баҳрҳои вазни арӯз
САРЕҲ возеҳ, равшан, ошкор
САРЗАМИН кишвар, мамлакат
САРИР I бистар, ҷои хоб; тахт, авранг
САРИР II садои қалам дар вақти навиштан; ҳар овозе, ки бо хиш-хиш барояд
САРКАШ 1. нофармон; мағрур, мутакаббир; 2. тавоно, зӯр; 3. равт ва баланд, сарбаланд;4. номи мутриба, машҳур
САРМАД доимӣ, абадӣ
САРМАНШАЪ сабаби пайдоиши чизе, сарчашма
САРМО хунукӣ, сардӣ; муқобили гармо
САРМОЯ 1. асос, сабаб; 2. сарват, молу пул, давлат; 3. як миқдор пул ва моле, ки савдогарон харидуфурӯш бо он сар мекунанд.
САРНАВИШТ тақдир, қисмат
САРОБ 1. ҳодисаи фиреби назар, ки аз гармии ҳаво ва шуоъҳо акси чизҳои дар паси уфуқбударо ба назари кас намоён мекунад; 2. замини шӯразор, ки аз дур ҳамчун об намоён шавад; 3. орзу ва умедҳои беасосу пуч
САРО (Й) қаср, боргоҳ; имората калон
САРОБӮСТОН боғи атрофи сарой
САРОМАД болотар аз дигарон, мумтоз, забардаст
САРОӮАНГ пешво, роҳбар, фармондеҳи лашкар
САРПАРАСТӢ парасторӣ, нигаҳбонӣ
САРРИШТА 1. сари калова; дафтари ҳисоб; 2.маҷ. роҳи ҳалли ягон масъала
САРРОФ 1. заршинос, фарққунандаи пули сара аз пули қалб; 2. суханшинос
САРРОЧ зингар
САРСАБЗ тару тоза
САРСАР шамоли сахт, боди тунд
САРСАРӢ 1. рӯякӣ, бетааммул; 2. оворагард, саргардон; 3. бадсифат
САРСИПОҲ сардори сипоҳ, сарлашкар
САРУПО либос, сару либос
САРФ 1. харҷ, харожот; 2. фоида манфиат; 3. морфология
САРФА фоида, манфиат; худдорӣ аз харҷ
САРФАРОЗ сарбаланд; маҷ.боифтихор
САРХАЙЛ сардор, сарвар, сардори фавҷи саворон лашкар
САРХУШ сармаст, хушҳол
САРӢ сардорӣ сарварӣ, хукмрон, саршор, лабрез, пур
САРҲАЛҚА раиси маҳфил; сардор

| | |
|---|---|
| САРҲАНГ | сардори як қисми муайяни лашкар |
| САТВАТ | 1. ҳамла, ҳуҷум; 2. қувват шавкат; қаҳр |
| САТИР | пӯшида, пинҳон; касе, ки айби дигареро мепӯшонад |
| САТР I | пӯшидан; ҳиҷоб, парда |
| САТР II | як рахи навишташуда |
| САТТОР | пӯшанда; пӯшандаи айбҳо |
| САТҲ | рӯи ҳамвори чизе, рӯй |
| САФ (Ф) | қатор, рада; қатори одамон |
| САФАР I | аз ҷое ба ҷое рафтан, саёҳат |
| САФАР II | моҳи дуюми соли қамарии ҳиҷрӣ |
| САФАҲОТ | ҷ.саҳфа; саҳифаҳо |
| САФВАТ | покизагӣ, софӣ |
| САФДАР | 1. сафшикан; 2. маҷ.пурзӯр, шуҷоъ |
| САФЕҲ | ноқисақл, аҳмақ, аблаҳ |
| САФИНА I | киштӣ |
| САФИНА II | маҷмӯаи ашъор, баёз |
| САФИР I | хониш ва овози паррандаҳо |
| САФИР II | фиристода, вакил, элчӣ |
| САФО I | 1. покӣ, тозагӣ, равшанӣ; 2. манн ноб, манн соф; 3.маҷ. садоқат, садоқатмандӣ, самимият |
| САФО II | оштӣ, сулҳ; осоиш |
| САФО III | номи кӯҳе дар Макка |
| САФОРКЕШ | поктинат, накӯсиришт |
| САФОРАТ | элчигӣ, намояндагӣ |
| САФОҲАТ | ноқисақлӣ, аблаҳӣ, бетамизӣ |
| САФРО | талха, мояи талху зардранги талхадон |
| САФФОР | мисгар |
| САФҲА | 1. саҳифа, 2. рӯи чизе, сатҳ; 3. тахтаи мусаттаҳ, лавҳа |
| САХО | ҷавонмардӣ, ҳимматбаландӣ, саховат |
| САХОВАТ | сахигӣ, ҳимматбаландӣ, ҷавонмардӣ |
